**Мӯҳтарам ҲОТАМ**

Ба хотираи дурахшони
фарзанди азизам Беҳрӯз
мебахшам. *(Муаллиф)*

# СУРӮШИ СУХАН



Душанбе
«Адиб»
2009

ББК 84 Тоҷик 7-5

Ҳ-32

Муҳаррир ***Гурез Сафар***

Ҳ-32 **Мӯҳтарам Ҳотам. Сурӯши сухан.** (Маҷмӯаи ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2009. – 272 саҳ.

«Сурӯши сухан», ки ба муносибати 60-умин солгарди шоир нашр мешавад, аз шеърҳо, рубоиёт, манзумаи «Ҳамосаи ҳазораи ориёӣ», достони «Сурӯши сухан» ва намоишномаи манзуми «Бозгашти баҳор» мураттаб гардидааст, ки ҳамагӣ тозаэҷоданд.

ISBN 978-99947-64-06-8

© Мӯҳтарам Ҳотам, 2009

*Эҳдо ба гиромидошти*
*Соли Забони тоҷикӣ*

# СУРӮШИ СУХАН
*(достон)*

Биё, бишнав ҳикоят аз найи ман,
Ба саҳрои сухан ой аз пайи ман.

Биё, аз ман ҳадиси тоза бишнав,
Сухан мегӯямат аз кӯҳнаву нав.

Тавон гарчи сухан бе ҳарф изҳор,
Вале соҳибдилонро шуд сухан ёр.

Сухан аз умқи ботин гашт ҳозир,
Нишони ақлу дониш кард зоҳир.

Сухан танҳо ҳамин ҳарфу ҳиҷо нест,
Сухан танҳо ҳамин савту садо нест.

Сухан – ойинаи аҳволи одам,
Сухан – ганҷинаи иқболи одам.

Сухан аврангу тоҷу тахти шоҳист,
Калиди ганҷи асрори илоҳист.

Сухан аз дафтари бори Худованд
Биёмад, бо лаби мо гашт пайванд.

Касон гӯянд, ину он ба ман деҳ,
Худоё, бар азизи худ сухан деҳ.

Сухандони суханпарвар, суханвар
Ҷаҳонро ёфта андар сухан дар.

Азизи дил, суханро нек бишнос,
Суханро дор дар ҷону ҷигар пос.

Суханро арҷманду мӯҳтарам дор,
Суханро дар ниҳоди худ макун хор.

Суханҳо обдору тоза хоҳам,
Суханҳои накӯовоза хоҳам.

Сухан бабру паланг асту сухан шер,
Камон асту каманду тиру шамшер.

Аҷаб бошад сухан дониста гуфтан,
Адаб бошад сухан оҳиста гуфтан.

Гаҳе чобук агар бошӣ ба гуфтан,
Ба сабри дил сухан бояд шунуфтан.

Сухан гар гуфта шуд, бишниданаш беҳ,
Гуле бишкуфта шуд, бӯиданаш беҳ...

Сухан омад, чи шӯре дар дилам хост,
Кулоҳаш каҷ, ба қомат чун алиф рост.

Сухан омад ба монанди фаришта,
Зулоли нур дар ҳуснаш cиришта.

Қадаш гул, чеҳра гул, лаб гул, сухан гул,
Забон булбул, ба боғи пираҳан гул.

Ту пиндорӣ, ки омад як чаман гул,
Сабо гул, бод гул, дашту даман гул.

Чу дид он оразу зулфи шикан гул,
Қалам сабзиду шуд дар дасти ман гул.

Хиромаш дилнишину чеҳра шармин,
Ба мисли орзу рангину ширин.

Чаман гул кард дар гирди лабонаш,
Ба хониш булбул омад дар забонаш.

Сухан, гуфтам, маро акнун ниёз аст,
Чу он обид, ки рӯяш бар намоз аст.

Суханҳоро кашам бар риштаи ҷон,
Кунам аҳли адабро шоду хандон.

Сухан гирам зи ҷон, бар дида монам,
Пас он гоҳе биёрам бар забонам.

Сухан, хуш омадӣ андар равонам,
Зи ҷон созам туро вирди забонам.

Лабонам бар суханҳо бӯсагоҳанд,
Суханҳо аз лабонам бӯса хоҳанд.

Суханҳо ғофилу мастона дорам,
Ба кунҷи дил яке девона дорам.

Маё берун даме аз хонаи худ,
Ки месозам раҳо девонаи худ...

* * *

Ба рӯзе, ки ҷаҳонро ибтидо буд,
Сухан дар осмонҳо бо Худо буд.

Сухан асбоб буд бар офариниш,
Муқаддам аз шунидан буду биниш.

Сухан тадбир бар лавҳу қалам буд,
Сухан бар қутби ин олам алам буд.

Худованди замину осмонҳо,
Худованди забону қалбу ҷонҳо

Суханро бо гили Одам сиришта,
Ҳаме андар дили Одам сиришта…

Худо чун пайкари Одам зи гил сохт,
Дар он пайкар ҷамоли хеш бишнохт.

Нахустин ҳарф омад бар забонаш,
Бигуфт: Одам! – гаҳе бахшид ҷонаш.

Чу Одам аз Худо бишнид: – Одам!
Ба такрор Одам ӯ ҳам гуфт он дам.

Дигар ҳарфе набишнид аз Худованд,
Назар мекард дар ӯ хира ҳарчанд.

Тани танҳо дар он боғу саро буд,
Ба пиндораш, ки дар ғурбатсаро буд.

Будаш андар забон як ҳарф ҳар дам,
Ки тӯтивор мегуфт: Одам! Одам!

Чу ӯро аз Худованд ин нидо буд,
Варо манзур аз одам Худо буд.

Надид ӯ пас аз он рӯи Худованд,
Назар мекард ҳар сӯ хира ҳарчанд.

Варо аз обу гил гарчи сиришташ,
Нишонда дар бари боғи биҳишташ.

Набуд фориғ зи худ Одам ба як дам,
Ки ӯ танҳои танҳо буд ба олам.

Дилаш месӯхт бо ёди Худованд
Ва одамгӯияш таскин будӣ чанд.

Ҳазорон роз буд андар равонаш,
Набудӣ ҳарфи дигар дар забонаш.

Яке танҳову саргардону бечуфт
Худо мегуфту ӯ худро намегуфт.

Худо дар хотираш одамхудо буд,
Аз он буд дарди ӯ, к-аз ӯ чудо буд.

Ба болову ба поину пасу пеш
Ҳамедиду намедид ӯ ба чуз хеш.

Ба рӯзе бесадо бишнид гӯшаш,
Расид ин нуктаҳо дар гӯши ҳушаш:

Туӣ Одам, варо Одам махонӣ,
Ба чуз якто Худовандаш надонӣ.

Расидӣ аз замин то осмонаш
Нидои во фиғону во фиғонаш.

Забонаш баста аз ҳарфу сухан буд,
Ба ҷуз Одам на ҳарфаш дар даҳан буд...

* * *

Насиҳат аз падар дорам, ки гуфт ӯ:
Таҳорат кун, пас он гоҳе сухан гӯ.

Худовандо, бикун рӯҳи падар шод,
Ки ӯ додам каломи модарӣ ёд.

Алиф бо лому ҳеву миму бо дол,
Забонамро сухан бахшиду омол.

Сухан дар зиндагӣ шуд бисмиллоҳам,
Сухан бар зиндагонӣ шуд гувоҳам.

Сухан оғоз шуд, алҳамду лиллоҳ,
Забонам боз шуд, алҳамду лиллоҳ.

Сухан аз осмон омад ба инсон –
Забуру Инҷилу Тавроту Қуръон.

Каломи осмониро накӯ дор,
Макун савдо варо чун моли бозор.

Ки савдову савоб аз ҳам ҷудоянд,
Ду роҳанду ба ҳамдигар наоянд.

Сухан шуд наҷди фармони илоҳӣ,
Сухан шуд маҷди Қуръони илоҳӣ.

Сухан з-ин ҷову з-он ҷо ман наҷӯям,
Кифоят мешавад танҳо бигӯям

Каломи модарии модарамро,
Суханҳои дарии модарамро.

Ҳар он чи бар забон ояд, сухан нест,
Ҳар он ҷо дида бикшояд, ватан нест.

Ватан он, ки шуд он ҷо хок аҷдод,
Сухан он, ки шуд аз ҷону дил эҷод.

Сухан андар ватан болонишин аст,
Сухан дур аз ватан хоки замин аст.

Ба минбар дар сухан ояд суханвар,
Сухан созад баланд ӯро, на минбар.

Худо, рози сухан бикшой бар ман,
Ҷамолаш як назар бинмой бар ман.

* * *

Сухан олиҳа буд бо номи Вожа,
Чи зебо буд ҳама андоми Вожа.

Сухан дар осмонҳо буд фаришта,
Худо ӯро зи нуру фар сиришта.

Сухан буд ҳамчу пайки бегуноҳӣ,
Мақомаш буд даргоҳи илоҳӣ.

Ҳамеша ҳамнишини қудсиён буд,
Ба ҷамъи кибриё андар миён буд.

Гиромӣ буд бас пеши Худованд,
Ҳаме даргоҳиён аз ӯ фараҳманд.

Басе покиза бо рафтору гуфтор,
Басе озода бо кирдору пиндор.

Сухан қосид ба даргоҳи Худо буд,
Ба хидмат ҳам Худо аз ӯ ризо буд.

Ба оне карда парвоз осмонро,
Саросар пар зада рӯи ҷаҳонро,

Барои қудсиён дар арши аъло
Расонда амру пайғоми Худоро.

Ба ҳар як гӯшаи дури фалакҳо,
Намоён буд аз хайли малакҳо.

Гаҳе дар хоб овардӣ паёме,
Гаҳе чун ваҳй мегуфтӣ каломе.

* * *

Сухан, к-аз осмонҳои баланд аст,
Баланд асту баландияш писанд аст.

Сухан меафканад кӯҳи гаронро,
Сухан меофарад баҳри дамонро.

Шунидам, ки накӯ ояд сухан чун,
Кашад ҳам морро аз хона берун.

Сухан зар гардаду заргар сухангӯ,
Туӣ заргар агар, аз зар сухан гӯ.

Сухан аз зар куну зар аз сухан соз,
Суханзарро ҳамекун зарсухан боз.

Сухан то ки бувад чун гӯшворе,
Ба зар дар нуқраву гавҳар нигорӣ.

Бикун девору боматро кашида,
Суханро хишт-хиште чида-чида.

Чаро нолӣ, ки бас танг аст хона?
Туро мулки сухан шуд бекарона.

Саводи нӯҳ фалак бо як сухан гӯй,
Бикун аз шаш ҷиҳат сӯи сухан рӯй.

Биёвар, абри борони биҳиштӣ,
Суханҳои зарини зардуҳиштӣ.

Суханро кардаам бут, мепарастам,
Мабод он рӯз, к-ин бутро шикастам.

Сухан тӯфони Нӯҳ шуд дар замирам,
Куҷо шуд киштии Нӯҳ дастгирам?

Тараҳҳум, ай Худо, бар ҳоли ман кун,
Чу Исо чормехам дар сухан кун.

Дилам афтода дар чоҳи сухан беҳ.
Каломамро, Худоё, юсуфӣ деҳ.

Барояд нури хуршедӣ зи гӯрам,
Сухан гар медиҳӣ чун кӯҳи Тӯрам.

Чу Юнус бингарам то андарун роз,
Маро дар коми моҳии сухан соз.

Аз он оби сухан барге намам деҳ,
Чу Исмоил аз оби Замзамам деҳ.

Намегӯям, ки ину он ба ман деҳ,
Буроқам деҳу меърочи сухан деҳ.

Дар иқлими сухан шав подшоҳам,
Ба ҷуз ту бандагӣ ҳаргиз нахоҳам.

Ба номи ман, дило, хатми сухан кун,
Дигар кӯтоҳ баҳси мову ман кун...

* * *

Вале Одам ба дидори Худованд
Басе муштоқ буду орзуманд.

Фақат Одам варо андар забон буд,
Суханҳои дигар аз ӯ ниҳон буд.

Ҳамеша, рӯзу шаб, аз субҳ то шом
Будӣ андар лабаш пайваста ин ном.

Зи танҳоӣ басе дилгир будӣ,
Ту гӯӣ баста дар занҷир будӣ.

Дигар ҳарфе надонистӣ забонаш,
Ки то таскин бубахшад сӯзи ҷонаш.

Ба дил сӯзу ба чашм ашку забон лол,
Худовандо, нигаҳ дорӣ аз ин ҳол.

Аён шуд бар Худо омоли Одам,
Тараҳҳум кард бар аҳволи Одам.

Худо бахшандаву ҳам меҳрубон аст,
Куҷо ҳоли касон аз ӯ ниҳон аст?

Худовандо, чу Одам офаридӣ,
Варо аз гил ба як дам офаридӣ,

Макун танҳову саргардону хораш,
Макун бечораву беёру зораш.

Забонашро кушо, ки роз гӯяд,
Сухан деҳаш, ки бо овоз гӯяд.

Ту овозаш бидеҳ чун нолаи най,
Ки бошад нолаҳо дар синаи вай.

Яке ёраш бидеҳ, то ки шавад ҷуфт,
Ки бо ӯ рози ҷонашро тавон гуфт.

Чӣ сахт аст, эй Худо, бе ғамгусоре,
На дилдоре, на ғамхоре, на ёре.

Худо то беҳ намояд ҳоли Одам,
Суханро хонд назди хеш он дам.

Бигуфт ӯро: Аё равшантар аз нур,
Туро яксон бувад наздику ҳам дур.

Ту покиву зарифу пурҷилоӣ,
Ба софӣ чун равони чашмаҳоӣ.

Ба ҷамъи қудсиён ту ҳамнишинӣ,
Ба хайли кибриё ҳам бас қаринӣ.

Ба ину он ҳаме бурдӣ паёмам,
Муҷассам кардаӣ ҳарфу каломам.

Туӣ чун олиҳа нурофарида,
Ба хубӣ осмон мислат надида.

Ту медонӣ, ки Одам офаридам,
Чу ӯ дигар ба хубӣ худ надидам.

Накӯсурат – басе зебост Одам,
Дигар зебо чу ӯ кай офаридам?

Малоик саҷда овarданд пешаш,
Дуруду офарин гуфтанд бешаш.

Накарда саҷда шайтонаш валекин,
Ба сар кибру ғуруру сина пуркин.

Кунун мардуд шуд шайтон зи даргоҳ,
Ба Одам бад расонад ӯ ба ҳар роҳ.

Агарчи Одам акнун дар биҳишт аст,
Варо бас ҳодиса дар сарнавишт аст.

Накӯ бас офаридемаш ба пиндор,
Ба кирдору ба гуфтору ба рафтор.

Ба идроку талоше бас зиёда,
Ба тақвову ба дониш, бо ирода.

Биёбонҳо аз ӯ обод гардад,
Ба саҳро боғҳо бунёд гардад.

(Туро як ҳарф пинҳонӣ бигӯям,
Ҳамеша, рӯзу шаб бо ёди ӯям.)

Вале ҳолост ӯ танҳои олам,
Фақат як ҳарф донад Одам: Одам.

Яке ҷуфташ бихоҳам офаридан,
Ки бо ӯяш бувад гуфту шунидан.

Шавад Ҳавво яке ҷуфти накӯяш,
Зи танҳоӣ раҳад то орзуяш.

Ба ӯ ҳамгуфтугӯ, ҳамдам бисозам,
Зи паҳлуи чапи Одам бисозам.

Миёни Одаму Ҳавво ягона
Бувад меҳре, ки монад ҷовидона.

Бувад насли башар аз ину аз он,
Ба олам бештар аз ину аз он.

Вале шайтон, ки кардам номуродаш,
Бихоҳад ҷой гирад дар ниҳодаш.

Кунад талқин марому мақсади хеш,
Бигӯяд аз забони ӯ бади хеш.

Зи мо қосид туӣ андар равонаш,
Ба ақлу дар шууру дар забонаш.

Варо аз лафзи шайтон дур медор,
Зи худ болидаву масрур медор.

Ту магзораш шитоб орад ба гуфтор,
Ғазаб ё ки итоб орад ба гуфтор.

Ба гуфтан то нагардад ёри шайтон,
Ки душвораш бар ояд кори шайтон.

Ту бигмораш – сухан шоиста гӯяд,
Сухан дониставу боиста гӯяд.

Касе гардад миёни халқ дилбанд,
Сухан бошад варо ваҳйи Худованд.

Бишав ёвар ту дар гуфтори мардум,
Туӣ қосид зи мову ёри мардум...

* * *

Сухан ояд зи ошиқ ошиқона,
Ки ишқаш дар ҷаҳон монад нишона.

Басо кас ошиқи ҳусни сухан шуд,
Сухан худ ошиқи соҳибсухан шуд.

Азизо, ҳарфи некат дар забон бод,
Дилат шоду суханҳоят равон бод.

Агар ширинсухан ёбӣ нигоре,
Зи рӯяш кун зимистонро баҳоре.

Чӣ бошад хирқаву дафтар гаравгон?
Суханро бо дилу ҷон дар гарав мон.

Сухан мардона ояд аз дили мард,
Сухан сард аст андар синаи сард.

Сухан шуд ноқили афкори одам,
Сухан шуд ҳомили асрори олам.

Сухан ногуфта дар дил нодими туст,
Сухан, ки гуфта шуд, он ҳокими туст.

Сухан мурғ асту ҷонат ошёнаш,
Ки аз хуни ҷигар шуд обу донаш.

Сухан ангуштару маънӣ нигинаш,
Чи бошад бе нигин ангуштаринаш.

Сухан бошад дарахту маънияш бор,
Дарахт аз баҳри бораш нек медор.

Сухан роҳ асту маънӣ манзили ӯ,
Сухан тан бошаду маънӣ дили ӯ.

Сухан бошад камону маънияш тир,
Ба сайди хеш ботамкин нишон гир.

Сухан мулк асту маънӣ подшоҳаш,
Сухан сарлашкару маънӣ сипоҳаш.

Сухан чун корвону маънияш бор,
Харидор интизораш шуд ба бозор.

Сухан тайёра аст, ояд ба парвоз,
Куҷо майдон, ки шинад бар диле боз.

Зи лаб ҳар чи бурун шуд, он сухан нест,
Ки ҷуз хуни дилу нерӯи тан нест.

Басо гуфтам сухан беҳуда, э вой,
Худоё, ин гунаҳ бар ман бубахшой.

Сухан дар дил бувад чун аспи нором,
Аз андеша лаҷомаш бахшад ором.

Сухан ногуфта дар дил заҳр гардад,
Агар ки қатра бошад, наҳр гардад.

Аз ин ҳикмат магардон ҳеҷ гаҳ рӯй,
Ки садро сад бигӯ, якро яке гӯй.

Сухан чун гул бувад, маъниш чун бӯй,
Суханро ҳам чу гул хушрангу бӯ ҷӯй.

Ба фардо соҳиби хирман ту бошӣ,
Чу деҳқони сухан гар тухм пошӣ.

Сухан пайванди ҳар давру замон аст,
Чу пул бар рӯи дарёи равон аст.

Аё марди сухандони суханвар,
Суханро аз дил овар, бар дил овар.

Сухан дил дораду тан дораду ҷон,
Суханро бесару бепо магардон.

Сухан аз дил кунад тору зи ҷон пуд,
Матоаш лек аз хуни ҷигар буд.

Ба паҳлуи сухан овардаам рӯй,
Тамоми сесаду шасту шашам гӯй.

Дар ин шаҳри сухан марди сухан ку?
Якеро дар ҷигар дарди сухан ку?

Сухан, к-аз ваҳдати дил бо забон шуд,
Кафил андар миёни ҳар ду ҷон шуд.

Манам ҷисму сухан шуд ҷонам, эй дӯст,
Ки бе ҷон зиндагӣ натвонам, эй дӯст.

Сухан шуд динаму имонам, эй дӯст,
Ба динам то қиёмат монам, эй дӯст.

Мапурс аз ман зи буду аз набудам,
Сухан шуд ҷону дил, ҳам тору пудам.

Бишав ёри сухандону суханвар,
Ҳазар кун аз суханчину суханбар.

Дило, то ки намонӣ дар сухан дар,
Суханро рост гиру рост овар...

* * *

Сухан гуфто: Аё Парвардигоро,
Басо додӣ сарафрозӣ ту моро.

Басо ман хуш будам бо қудсиёнат,
Биҳиштам буд хоки остонат.

Сириштам кардаӣ аз нури имон,
Ту сабзам кардаӣ чун боғи ризвон.

Маро бахшидаӣ паҳнои афлок,
Маро парвардаӣ ту пок дар пок.

Вале амри туро бо ҷон пазирам,
Ба сӯи бандаи ту раҳ бигирам.

Ки то вирди лаби он банда бошам,
Дилу ҷони варо зебанда бошам.

Маро лекин, Худоё, ту нигаҳ дор,
Маро аз шарри шайтон дар панаҳ дор.

Мабодо бандаат ӯро кунад гӯш,
Ба майли ӯ маро созад фаромӯш…

* * *

Баҳорамро пур аз сарву суман кун,
Канорамро пур аз дурри сухан кун.
Бирав, худро ба кӯҳе тан ба тан кун,
Биё дар гӯшаи ҷонам ватан кун.
Суханро чун шакар андар даҳан кун,

Ба мову ман, биёву мову ман кун.
Ба ҷонам зулфи пурчинро кишан кун,
Шикан андар шикан, андар шикан кун.
Чу мушку анбаре гулпираҳан кун,
Хутан андар Хутан, андар Хутан кун.
Дигар қатъи назар аз анҷуман кун,
Назар гар мекунӣ, танҳо ба ман кун.
Чу наргис дида сӯи ёсуман кун,
Фатан андар фатан андар фатан кун.
Чу Маҷнун ишқи Лайлои сухан кун,
Суханро теша мисли Кӯҳкан кун.
Ба ҳуснат вола ҷумла марду зан кун,
Ақиқатро баҳои сад Яман кун.
Шиторо чун гулистону чаман кун,
Баҳорон дар зимистон чун шаман кун.
Баҳори лолаву сарву суман кун,
Чу бӯи настаран бар ман сухан кун.

* * *

Худованд амр кард он гаҳ суханро,
Шавад то сӯи Одам роҳпаймо.

Шавад то ёр бар танҳоии ӯ,
Ба охир то расад раҳпоии ӯ.

Худо гуфташ: макун андеша бисёр,
Ки Одам қадри ту донад ба зинҳор.

Ҳамеша дар дилу дар дида бошӣ,
Гаҳе гуфта, гаҳе бишнида бошӣ.

Туро дар қалби ӯ ҷоҳу ҷалол аст,
Аз Одам пеши мо лафзаш ҳалол аст.

Туро ӯ пок дорад, нек дорад,
Ҳаме дар ҷони худ наздик дорад.

Мақоми туст дар рӯҳу равонаш,
Биёӣ дар зарурат бар забонаш...

* * *

Сухан нав беҳ, рафиқу май куҳан беҳ,
Валекин бо рафиқу май сухан беҳ.

Суханро хуни дил гар медиҳад тоб,
Ҳам аз оби ҷигар ӯ мехӯрад об.

Сухан аз ман чӣ пурсӣ? Зиндагонист,
Азизо, бе сухан худ зиндагӣ нест.

Зи мо бошад камиву костияш,
Зи мо бошад хамиву ростияш.

Сухан гул ҳасту гулпарвар ту бошӣ,
Ба боғи сина тухмашро ту пошӣ.

Суханҳоро макун дар сина пинҳон,
Ки рӯзе мезанад сар мисли вулқон.

Зи гулзори сухан гулдаста чинӣ,
Ба ёрон гул бидеҳ, ҳар ҷо ки бинӣ.

Сухан аз синаи бедард н-ояд,
«Ки шӯъла аз танӯри сард н-ояд».

Дурафши Ковиёнро барфарозем,
Фаридуни сухан аз нав бисозем.

Сухан, эй Ориёни бенишонам,
Нишоне во намо аз Ориёнам.

Сухан омад ба пайғоми Авасто,
Сухан зебост бо номи Авасто.

Ситоям ман аҳурой суханро,
Кунам нафрини беҳад Аҳриманро.

Сухан ширину шоду талху ношод,
Чу бӯи гул суханро мебарад бод.

Сухан дар хок афтад, гул бирӯяд,
Сухан гар пок афтад, дил бишӯяд.

Суханро шаш ҷиҳат гарчи бувад раҳ,
Вале аз сӯи дил меояд огаҳ.

Агар бурдӣ ту боре аз сухан бӯ,
Мапечӣ ҳеҷ гоҳе аз сухан рӯ.

Сухандонӣ ба нерӯи сухан беҳ,
Сухан чун ҷону маънӣ ҳамчу тан беҳ.

Бибурданд он бузургони сухансоз
Сухандониву хушхонӣ ба Шероз.

Дило, дар синаам боре ватан кун,
Ватан дар гӯшаи мулки сухан кун.

Сухан бар мо бувад ганҷи худодод,
Мабар аз ёд ганҷе, ки Худо дод.

Чӣ будӣ, эй Худо, шарҳу баёнам,
Набудӣ гар сухан андар забонам?

* * *

Сухан пар зад зи даргоҳи худоӣ,
Ҷаҳон шуд аз параш пуррӯшноӣ.

Зи даргоҳи Худо дур аз назар шуд,
Зи дунболаш Худо андешавар шуд...

Сухан аз осмон омад, хуш омад,
Ба рӯи остон омад, хуш омад.

(Ҷаҳон чун аз параш ғулғулфикан шуд,
Ҳаме овоз маънои сухан шуд.)

Биёмад сӯи Одам пар кашида,
Ду-се парвоз гирди ӯ парида,

Нишаст он лаҳза дар ҷону равонаш,
Ҳаме бикшод он гоҳе забонаш.

Дилаш равшан шуду шуд хотираш шод,
Суханро дар дилу дар дида ҷо дод.

Нахустин ҳарф ӯ ҳамди Худо гуфт,
Намоз овард бо шукру дуо гуфт.

Ба талқини Худои меҳрубонаш
Биёмад ҳарфи нек андар забонаш.

Сухан меомадӣ бо ваҳйу илҳом,
Ҳаме пайваста бурдӣ аз Худо ном.

Худо аз ваҳшу тайри рӯи олам
Суханро дод танҳо баҳри Одам...

* * *

Чунон мастам, напиндорӣ, ки ман маст,
Бувад дар андаруни ман сухан маст.

На ман мастам, ки меояд сухан маст,
Суханмастам, суханмастам, суханмаст.

Бувад дар синаам ҳарфу ҳиҷо маст,
Бувад дар раг-рагам савту садо маст.

Ҳама он ҳою ҳуе, ки ба ман буд,
На ман будам, ки маст он худ сухан буд.

Шаби торику раҳ лағжону ман маст,
Чу такя бар сухан кардам, сухан маст.

Сухан масту манам андар паяш маст,
Маро май доду гаштам аз маяш маст.

Чу имшаб бо сухан дасти ба дастам,
Сухан маст асту ман шайдои мастам...

Нишаста булбуле дар шохсоре,
Ҳамегуфт: эй гули боғи баҳорӣ,

Сухан хоҳӣ агар хубу дилорой,
Машав мӯҳтоҷи ҳар кас, пеши ман ой.

Сухан дар ҷои худ бояст бошад,
Сухан бо ройи худ бояст бошад.

Зи боми бостон омад паёмаш,
Ба номи ростон омад каломаш.

Сухан кач нест, кач моем, мардум,
Дар ин ойина кач н-оем, мардум!

Сухан бо шир омад бар забонам,
Равад берун ба ҷон ҳам аз лабонам.

Магӯ аз лаб сухан осон бурун шуд,
Ҷигарҳо об гашту сина хун шуд.

Суханфаҳму сухангӯву сухандон
Басо кам парварад гардуни гардон.

Нагардад гум сухан, монад нишона,
Ба сақфу фаршу дар девори хона.

Сухан монад, агар мирад сухангӯ,
Нагӯяд кас, ки он марди сухан ку?

Бувад ҷое, ки дар санги мазорам
Яке лавҳи суханро худ гузорам.

Ба кунҷи синаам лавҳи мазорест,
Ба рӯи лавҳи зар нақшу нигорест.

Ғарибӣ беватан ин ҷой хуфта,
Ҷавонмарги сухан ин ҷой хуфта...

* * *

Нахустин ҳарфи Одамро Худо гуфт,
Дигар Ҳавво буду Одам варо гуфт.

Чу Одам хешро бишнохт, Ман гуфт,
Ба Ҳавво дил бубаст аз ҷону Зан гуфт.

Худо бахшид ҳар дам ину онаш,
Баг[1] омад он гаҳе андар забонаш.

1. Баг – дар забони ниёкон Худо, ки маънояш бахшанда аст.

Ба бахшидан Худо чун босахо буд,
Аз ин рӯ, дар лабаш номи Худо буд.

Сухан аз вожаҳо додӣ нишонаш,
Шуда як ҳарфу ду ҳарф аз забонаш.

Варо медод чун модар сухан ёд,
Забонаш кам-камак аз ҳарф бикшод.

Худо бар ҳазрати Одам сарӣ дод,
Мақому рутбаи пайғамбарӣ дод.

Сухан аз осмон омад паёмаш,
Китоб аз осмон омад ба номаш.

Нахустин шоҳ дар рӯи замин буд,
Ба дарбораш сухан болонишин буд...

* * *

Ҳазорон сол рафт аз сар ба парвоз,
Ҳазорон соли дигар бигзарад боз.

Ҷаҳон дигар шавад, дигар замона,
Сухан монад валекин ҷовидона.

Сухан танҳо бувад ҳамрози одам,
Сухан танҳо бувад дамсози одам.

Ба танҳоӣ набошад гар касат ёр,
Тавон бо хештан ҳам кард гуфтор.

Аниси рӯзи танҳоят сухан шуд,
Дилу ҷони ғарибатро ватан шуд.

Ба рӯзе орифе кард ин такаллум:
Сухан чун гуфта шуд, ҳаргиз нашуд гум.

Сухан чун аз лаби мо гашт берун,
Ҳаме чун мавҷ печад сӯи гардун.

Сухан чун мурғ гар парвоз гирад,
Куҷо сайёд, к-ӯро боз гирад?

Шавад рӯзе, ба тири мавҷгире
Суханҳоро ба доми худ бигирӣ.

Суханҳои азизу авлиёро,
Суханҳои азизи анбиёро.

Суханҳои шаҳону шаҳриёрон,
Суханҳои далеру шаҳсаворон.

Суханҳое ба Лайлӣ гуфт Маҷнун,
Кунун ҳам пар занад дар авҷи гардун.

Даме ки Борбад мезад тарона,
Шуда сабти навори ҷовидона.

Ҳаме аз Рӯдакӣ ояд нишонаш,
Садои бӯи ҷӯи Мӯлиёнаш.

Сухандони замона Рӯдакӣ буд,
Ки аз хайли бузургон ӯ яке буд.

Ҳазору яксаду панҷоҳ сол аст,
Миёни халқи дунё бемисол аст.

Суханҳои бузургон аз ҳар айём,
Чу Фирдавсиву Мавлонову Хайём.

Чу Саъдӣ, Ҳофизу Бедил, чу Ҷомӣ
Расад ҳам низ овози Низомӣ.

Ҳаме бас нолаву фарёд ояд,
Суханҳо шоду ҳам ношод ояд.

Суханҳои накӯ, гоҳе басо бад
Ба доми мавҷгираш хоҳад омад.

Шабе, рӯзе, ба ногаҳ, аз куҷое
Ба гӯши мо расад гӯё садое.

Шуда ҳайрони ин овоз боре,
Намефаҳмем сиру роз, оре.

Валекин ин садо аз осмон аст,
Варо танҳо қабул аз гӯши ҷон аст.

Ба ҳар як ҷону дил як мавҷгирест,
Ба мисли мавҷгири родиёист.

Агар ки мавҷгири ҷон бувад пок,
Сухан баргирад аз ҳар кунҷи афлок.

Сухан ҳамболи парвози малакҳост,
Сухан дар бойгонии фалакҳост.

Сабаб аз ман шунав, дорӣ агар ҳуш,
Забон якто, чаро ду чашму ду гӯш?

Ки то бинему бинюшем бисёр,
Валекин кам сухан гӯем, зинҳор...

Ту донӣ, дӯст мегӯяд табарвор,
Вале душман сухан гӯяд шакарвор.

Вале аз ин табар бас шаҳд ояд,
Ҳаме аз ин шакар бас заҳр зояд.

Сухан мисли бумеранг аст, пиндор,
Ки баргардад ба сӯят охири кор.

Агар нек аст, некашро бубинӣ,
Бад аст ар, бад аз он ҳосил бичинӣ.

Яке ойина андар осмон аст,
Ба чашми мо ниҳону ноайён аст.

Ману ту акси он ойина астем,
Ба акси хештан мо дида бастем.

Сару рӯву либоси худ биорой,
Пас он гоҳе ба назди ойина ой.

Ба ҳар ойин, ки дар ойина ой,
Ҳамон сурат дар ойина намой.

Ҳам он ойина андар осмонҳо
Фақат аз ҷону дил орад нишонҳо.

Ба гуфтору ба кирдору ба пиндор
Дар он ойина метобӣ ту зинҳор.

Ба рӯи ту фалак ойинадор аст,
Туро фурсат ҳамин севу чаҳор аст.

Ба ҳар ойин дар ин ойина нек ой,
Ниқоби сирататро нек бикшой.

* * *

Сухан, эй ҳазрати султони одам,
Ҷаҳон оварда дар фармони одам.
Шаҳаншоҳо! Бузурго! Шаҳриёро!
Шаҳи иқлими қалбу ҷони одам.
Бигӯ аз саргузашти ман ба ёрон,
Сухан, эй қиссаву дастони одам.
Забонамро ба бад гуфтан маёмӯз,
Ки танҳо гӯям аз эҳсони одам.
Сухан некӯ биёвар, то бубинӣ
Дили шоду лаби хандони одам.
Шакархоӣ бикун, эй тӯтии ҷон,
Сухан мегӯ зи Ҳиндустони одам.
Забон гул, ҷон гулу рӯҳу равон гул,
Сухан, эй боғу эй бустони одам.
Такаллум кун, ки булбул лол монад,
Забон, эй қумрии хушхони одам.
Ба роҳи Ҳафткӯҳ шав дастгирам,
Забон, эй Рустами Дастони одам.
Гаҳе дар ҷанги душман метавон буд
Забон тиру сухан пайкони одам.
Ба барги шӯълааш сӯзад ҷаҳонро,
Забон шуд оташи сӯзони одам.
Суханфаҳмӣ агар байни ду тан нест,
Равад то осмон афғони одам.
Суханвар гар равад рӯзе зи дунё,
Сухан нолад чу фарзандони одам.
Дурӯза-ст ин ҷаҳон, ҳарфаш дурӯғ аст,
Дареғи ҷони саргардони одам.
Дилам сӯзад, сухан гар кач барояд,
Маранҷон кӯдаки хандони одам.

Малак гоҳе ҳамефаҳмад забонаш,
Намефаҳмад гаҳе ҳайвони одам.
Сухан гар бонамак бишнидӣ аз кас,
Чунон хӯрдӣ ту нон аз хони одам.
Ҳанӯз одам чу тифли навзабон аст,
Нишонаш деҳ раҳи кайҳони одам.
Агар ки ҷавҳари ту поку олист,
Сухан овар зи олишони одам.
Забонатро ба дил гар ёр созӣ,
Бувад ҳамраъйӣ аз виҷдони одам.
Маро бе ту на тобу не тавон буд,
Забон, эй ҷону эй ҷонони одам.
Басо шукре, ки якрӯ, якзабонам,
Ба ҳар пайдову ҳар пинҳони одам.
Маро андар паноҳи худ нигаҳ дор,
Худоё, аз шари шайтони одам.

* * *

Худо якто, сухан яктост, эй дӯст,
Чуноне ҷону тан яктост, эй дӯст.

Сухан сарви баланди гулшани илм,
Сухан чун ҷавшане андар тани илм.

Сухан пайки ҳумоюни худоӣ,
Сухан пайванду васлу ошноӣ.

Ба гӯш аз олами боло сафирам,
Ба лаб дар айни танҳоӣ нафирам.

Ҳазорон бор шукрат, эй Худованд,
Сухан кардӣ ба лаб аз ҷон ту пайванд.

Маро аз бад сухан гуфтан нигаҳ дор,
Забонамро ба ҳарфи нек бигмор.

Дилу ҷонам пур аз рози сухан кун,
Ҷаҳонро боз Шерози сухан кун.

Сухан аз ҷавшани ҷон бигзарад бар,
Зи чашми сӯзани ҷон бигзарад гар.

Агар бошад забон поку равон пок,
Расад тири сухан то тори афлок.

Агар бошад садо росих, забон рост,
Суханро роҳ андар қалби хорост.

Сухан гуфтан бувад монандаи кишт,
Зи некаш нек рӯяд, зишт аз зишт.

Дило ҳаргиз машав ноҳақ сухангӯ,
Сухан – ноҳақ кунад касро сияҳрӯ.

Намуд афсурда дорӯсӯзанат тан?
Сухандорӯи дил мебахшамат ман.

Агар дидан бувад беҳ аз шунидан,
Накӯ гуфтан бувад беҳтар зи дидан.

Сухан су-су занад аз сӯ ба сӯе,
Сухан рӯ мезанад аз дил ба рӯе.

Сухан дилвору бедилвор гӯӣ,
Агар бедил бувад, дилдор гӯӣ.

Суханро гарму равшан гуфтан омӯз,
Чу хуршеди равон андар лаби рӯз.

Саҳар эҳё шавад, то шаб бимирад,
Ҳамон бо як сухан дар лаб бимирад...

Ба вусъатҳо суханро гар саде нест,
Ба фурсатҳо суханро ҳам ҳаде нест.

Сухан ҳар ҷо ки хоҳад, ояд он ҷо.
Вале дар ҷои худ, беҳ, бояд онро.

Сухан ҳам торҳо дорад чу тамбӯр,
Бикун ин торҳо бо ҳамдигар ҷӯр.

(Суханро дар шуури мост се ёр,
Ки бе ин се варо ҳол аст душвор.

Яке дониш бувад пирояи ӯ,
Дигар ақлу адаб дар сояи ӯ.

Вале шарт аст дар ҳангоми гуфтан
Бипӯшӣ ҷомаи андеша бар тан.)

Сухан се гуна бошад, ар бидонӣ,
Забониву хаттиву осмонӣ.

Забонӣ мешавад гоҳе такаллум,
Шавад дар нимароҳи хеш ҳам гум.

Сухан дар хат ту гӯӣ ҷисму ҷон ёфт,
Китоб омад, нишони бенишон ёфт.

Хати моро Худо худ кард эҷод,
Варо чун ҳадя бар аҷдоди мо дод.

Сухан ойинапардози китоб аст,
Китоб ойинадори офтоб аст.

Сухан ҳарфу китоб омад паёмаш,
Сухан теғу китоб омад наёмаш.

Саводи одам аз рӯи китоб аст,
Ниҳоди олам аз сӯи китоб аст.

Китоб оёти меъроҷи сухан шуд,
Сухангӯву суханро чун ватан шуд.

Дари дониш ба девори китоб аст,
Гули дониш ба гулзори китоб аст.

Сафои дил дар авроқи китоб аст,
Дили доно ба муштоқи китоб аст.

Дили доно гирифтори китоб аст,
Хати олам ба паргори китоб аст.

Раҳи дониш ба бозори китоб аст,
Басо роҳат зи озори китоб аст.

Сухан, ки номаву мактуби мо шуд,
Ба олам аз ҳама матлуби мо шуд.

Китоб – эъҷози беҳамтои одам,
Сафобахшандаи дунёи одам.

Бирав, аз дарси устодат сабақ гир,
Зи асрори саводаш як варақ гир.

Сухан андар китоб омад, варақ шуд,
Сухан дар мактаби олам сабақ шуд.

Сухан аз лаб ба рӯи дафтар омад,
Кунун ҳам дар лаби кампутар омад.

Сухан кардем дар хат хишти девор,
Пайи бунёди кохаш ҳамчу меъмор.

Сухан дар хат чу эъҷози башар шуд,
Хат омад дар китобу номвар шуд.

Бихон ҳарфу бикун ҳарфе навишта,
Дурудан мерасад охир ба кишта.

Сухан дар хат расиду ҷовидон шуд,
Хат омад дар сухан, аз нав ҷавон шуд.

Ҳар он миллат, ки устодаш китоб аст,
Дилаш равшан ба мисли офтоб аст.

Худо бар миллати мо сарварӣ дод,
Китобу донишу лафзи дарӣ дод.

Накӯ базме ба айвони китоб аст,
Хушо, он кас, ки меҳмони китоб аст.

Дари кохи китобат боз бинмо,
Ниқоб аз чашми хобат боз бикшо.

Ҷаҳоне ҷо ба ҷевони китоб аст,
Замон тасхири ҷавлони китоб аст.

Хушо дасте, ки дар дасти китоб аст,
Хушо масте, ки сармасти китоб аст.

Сухан устоду мактаб шуд китобаш,
Савоб андар савод омад ҳисобаш.

Дило, аз ин сухангӯӣ чӣ хоҳӣ?
На дафтар монд пешам, не сиёҳӣ.

Сиёҳӣ дар сафедӣ дафтарам шуд,
Сафедӣ дар сиёҳӣ дар сарам шуд.

Ба сар афтод имрӯзам чи мушкил,
Ба фардоҳои осон бастаам дил.

Яке дилнома дорам дар забонам,
Расад, эй кош, бар ояндагонам...

Садое бар сухан кардему рафтем,
Навое дар чаман кардему рафтем.

Сухан андар китоб омад, ватан кард,
Чу булбул лона дар боғу чаман кард.

Китоб – омӯзгори рӯзгор аст,
Рафиқи меҳрубону ғамгусор аст.

Ҳар он ки бо китоб андар сухан шуд,
Суханпарвардаи ҳар анҷуман шуд.

Сухан бошад, чӣ ғам, нон ҳаст ё не,
Чӣ ғам, дил ҳаст ё ҷон ҳаст ё не…

Суханҳое, ки ҳастанд осмонӣ,
Намедонад касаш, ҳам кай ту донӣ?

Забонногуфтаву нашнидагӯше,
Ҳазорон рози бе ҳарфу хамӯше..

Аё донандаи асрори маънӣ,
Камар барбанд бар изҳори маънӣ.

Суханро чун Аноҳито биорой,
Ниқоб аз чеҳраи моҳаш ту бикшой.

Агар танҳо баҳорон шуд чаман сабз,
Вале дар чор фаслаш шуд сухан сабз.

Сухан даймоҳу фарвардин надорад,
Пареру динаву порин надорад.

Сухан танҳо ҳамин савту садо нест,
Сухан танҳо ҳамин ҳарфу ҳиҷо нест.

На танҳо фосила аз лаб ба гӯшест,
Зи ҷону аз ҷигар то ақлу ҳушест.

Сухан Лайлову ман Маҷнунам имшаб,
Ба ёди рӯи ӯ дилхунам имшаб.

Сухан Ширину ман Фарҳодам, эй дӯст,
Сарамро дар раҳаш бинҳодам, эй дӯст.

Сухан аз осмон омад ба номам,
Ҳумо орому ром омад ба домам...

* * *

Чу шайтонро Худо гардонд мардуд,
Бар Одам шуд дилаш аз кина пурдуд.

Ба монанди сухан худро биёрост,
Кажиашро ба зоҳир кард ӯ рост.

Ниҳон бар манзили Одам равон шуд,
Ҳаме дар гӯшаи қалбаш ниҳон шуд.

Вале Одам набуд з-ин ҳол огоҳ,
Ки шайтонаш занад ҳар лаҳза аз роҳ.

Бигардонад забонашро ба комаш,
Гаҳе ҳам ҳарф мегӯяд зи номаш.

Ба ширинӣ дилашро ром гардонд,
Зи кин худро каме ором гардонд.

Сухан – он қосиду он пайки яздон
Баромад бар набарди зидди шайтон.

Гаҳе ину гаҳе он ғолиб омад,
Ба гуфтан лек ҳар ду толиб омад.

Басо кас фарқи ину он надонад,
Ба ину он ба ёрӣ дарбимонад.

Надониста шавад кас ёри шайтон,
Биёрад бар забон гуфтори шайтон.

Сухан шуд хор аз ин кори шайтон,
Баравнақ шуд ҳаме бозори шайтон.

Фиребу фитна, тӯҳмат, кизбу бӯҳтон
Биёяд бар забон бо майли шайтон.

Ҳаме лофу газофу худситоӣ,
Дурӯиву дурӯғу бевафоӣ,

Разиливу касифиву хиёнат,
Каҷиву костӣ, фаҳшу ҳамоқат,

Азизо, ҳаст ҷумла кори шайтон,
Ба якбора варо аз дил бурун рон.

Сухан лекин, басо бошад, шавад хор,
Забони мо чу бо шайтон шавад ёр.

Сухан бечораву афсурда гашта,
Чу гулбарги таре пажмурда гашта.

Басо бошад – суханро худ биронем,
Ба ҷояш то ки шайтонро нишонем.

Чу моро гашта чашми ҷону дил кӯр,
Намедонем фарқи зулмату нур.

* * *

Замони ҳазрати Одам зи сар шуд,
Ҷаҳон аз насл бар насли башар шуд.

Сухан, к-аз ҳазрати Одам нишон аст,
Кунун сад гунааш шарҳу баён аст.

Сухан он буд ӯрову каломаш,
Ки акнун орёӣ гашт номаш.

Ҳаме насли башар чун гашт афзун,
Ҳам аз буму бари худ гашт берун.

Гузар чун сўи ҳар як гўшааш буд,
Забон ҳам дар сафар раҳтўшааш буд.

Ба ҳар насле баён андар баён шуд,
Ба ҳар насле забон андар забон шуд.

Сухан гул карду сабзиду самар баст,
Ба ҳар як гўшаи боғаш шаҷар баст.

Сухан то гуна-гуна бор овард,
Забон сад шева дар гуфтор овард.

Зи ҳар шева ба бор омад забоне,
Ҳаме омад забон аз ҳар замоне.

Забоне аз забоне ранг бигрифт,
Баёне аз баён оҳанг бигрифт.

Забон шуд посбони номи миллат,
Ба субҳи рўзи нав пайғоми миллат.

Дили фарҳанги миллат дар забон аст,
Забон ҳар миллатеро посбон аст.

Забони тоҷикӣ волосиришт аст,
Забони миллати аҳли биҳишт аст.

Забон – ойинаи фарҳанги миллат,
Забон – ганҷинаи ҳамсанги миллат.

Забон, эй нома аз номи ниёкон,
Ҳазоронсола пайғоми ниёкон.

Забон, эй розу эй овози миллат,
Ба гардунҳо пари парвози миллат.

Маро он чи гиромӣ чун ватан буд,
Забону миллату ному сухан буд.

Забон монандаи дарё равон аст,
Ҳазорон мавҷхезаш дар миён аст.

Ба дунёи чу баҳри пурталотум
Забонгумкарда худро мекунад гум.

Забони мардуми дунё чу донӣ,
Ба дунё давр гардӣ – дар намонӣ.

Забон доди Худо баҳри башар буд,
Чунин як ҳадя баҳраш кай дигар буд?

Миёни ин ҳама эҷоди инсон
Дигар кай карда ӯ эҷод ин сон?

Ҳама кашшофию эъҷозу эҷод
Наарзад бар забоне, ки Худо дод.

Башар охир ба шар шуд, нохалаф шуд,
Фаромӯшаш дигар панди салаф шуд...

* * *

Балоҳое, ки инсон карда эҷод,
Басе берун зи имкон карда эҷод.
Дигар осон набитвонад раҳо шуд,
Агарчанде ки осон карда эҷод.
Масал гирам, агар ки тухмаке монд,
Ба гирди ӯ шағолон карда эҷод,
Ба дасте гӯсфандеву ба дасте
Паланги тездандон карда эҷод.
Нахуст ӯ оҳанинсум мошине сохт,
Пасонгоҳе гулистон карда эҷод.
Ба кашфи осмон фикреву дасте,
Ба рафъаш чашми ҳайрон карда эҷод.
Буд оҳандил, ки худ оҳантане сохт,
Ба худ ӯ душмани ҷон карда эҷод.
Басо Искандару Нерон аз ӯ зод,
Кунун бас бомби нейрон карда эҷод.
Само аз бими ӯ ин қадр болост,
Балоро ӯ ба кайҳон карда эҷод.
Зи мӯшак бар шикори мурғи ҷонҳо
Хаданги тезпайкон карда эҷод.
Худо, кайке машин дар пӯстинаш,
Ки оташҳои сӯзон карда эҷод.

Замину осмон пурзаҳр карда,
Ниқоби заҳргардон карда эҷод.
Задӣ бар решаи худ теша бисёр,
Туро, инсон, кӣ ин сон карда эҷод?
Китоби сабзи ҷангал пора карда,
«Китоби сурх»-и паймон карда эҷод.
Гаҳе габру масеҳову насоро,
Гаҳе худро мусулмон карда эҷод.
Чӣ морон парварида гирди Эрон,
Чӣ афғоне ба Афғон карда эҷод.

* * *

Аё одам, аё парвардаи роз,
Ба худ бегонаву бо ғайр дамсоз.

Ба асрори худӣ бегонахӯе,
Худиро бе худ андар ҷустуҷӯе.

Зи худ бигсаста, нопайвастаи ғайр,
Ба худ пайваста, новорастаи ғайр.

Нагашта хаста аз историҷӯӣ,
Вале аз рози худ нобурдабӯе.

Ками сангаш зиёда дар тарозу,
Худиро ҳам ниҳода дар тарозу.

Чу баста ақлро дар банди занҷир,
Пайи во карданаш дар банди тадбир.

Парешони сароби орзуҳо,
Пушаймони шитоби гуфтугӯҳо.

Вуҷуди таъназан бар бевуҷудӣ,
Вале ноогаҳи буду набудӣ.

Кушодабастаи бастакушода,
Лабиринтат магар созам ифода.

Тапида, хӯ накарда, рам гирифта,
Зи барги боғи маҳ шабнам гирифта.

Амини раҳзани хобу хаёле,
Кафили шеваи амри маҳоле.

Сароҳанге ба базми носуруда,
Калидаш қуфли дарҳои кушуда.

Худиву ғайрро бо ҳам кашида,
Зи чоҳи ахтарон обе чашида.

Зи гандум пораи нонро шикаста,
Намакхӯрда намакдонро шикаста.

Ба дасту пои дил завлонаи шавқ,
Ба гирди шамъи худ парвонаи шавқ.

Чӣ бошад одамӣ? Як пайкари гил,
Тамоми ҳосили пайкар яке дил.

Чу чӯҷа андаруни тухм ҷояш,
Бурун аз тухм гаштан шуд фанояш.

Ҳамеша дар сари ӯ шавқи парвоз,
Фано гардад даме, ки пар кунад боз.

Тапида, гашта охир нопадидор,
Фурӯ дар ботлоқи сирру асрор.

Қадам бинҳода чун бар хонаи Моҳ,
Нагашта аз баландии худ огоҳ.

Надид аз хирмани маҳтоб дона,
Ба чашмаш Каҳкашон омад нишона.

Накарда лаззати фаҳми дарунсӯ,
Шуда мағрури шавқе аз бурунсӯ.

Гурезон ӯву гоҳе ваҳмаш аз пушт,
Гаҳе ваҳмаш чу кайке байни ангушт.

Чаҳор унсурро бо ҳам кашида,
Зи чашми офтобаш нам кашида.

Ниҳода дасти худро зери санге,
Ба оҳӯи худӣ андар палангӣ.

Ниҳоне, ноаёне, бенишоне,
Ҷаҳоне, осмоне, каҳкашоне.

Нишаста, хаста, баста, орамида,
Гусаста, ҷаста, вораста, рамида.

Зи хунат гарди ғайрат пок руфта,
Пару боли тарат дар хок хуфта.

Ба як по арраву як пой теша,
Басо бебок меоӣ ба беша.

Чӣ бошад одамӣ? Фарёди лол аст,
Камолаш аз фаросӯи завол аст.

Чӣ бошад ҳамчу гул болидани ӯ,
Гаҳе чун булбуле нолидани ӯ?

Чӣ бошад дар дили ӯ шодию ғам,
Чи бошад бар сари ӯ бешию кам?

Ба чарха чарх гашта мисли санҷоб,
Ба пиндораш бувад бедору худ хоб.

Карони осмон ойинаи ӯ,
Муҳити бекарон дар синаи ӯ.

Адамро, одам омад, кард маъдум,
Сари сифри адамро гашт марқум.

Чӣ бошад одамӣ? Шавқи давидан,
Вале як гом ҷое норасидан.

Гул ӯву булбул ӯву низ боғ ӯст,
Шабу парвонаву шамъу чароғ ӯст.

Мусофир ӯву манзил, ҷода ҳам ӯст,
Дилу дилбурдаву дилдода ҳам ӯст.

Бувад дар чархи гардун расму пеша
Ки бояд даври худ гардад ҳамеша.

Ба дасташ оташу ӯ тифли худхоҳ,
Чи бебок аст дар ин хирмани коҳ.

Гаҳе ойинаи ваҳмаш ба рӯе,
Гаҳе маҳви ҷамоли ҷустуҷӯе.

Гаҳе хуршедҷӯе бо чароғе,
Гаҳе гум гашта дар пушти сuроғе.

Чӣ дорад ғайри як теша, як арра[1]?
Ба пеши бабри ваҳми хеш барра.

Саҳар гандумнамо шаб ҷавфурӯше,
Надида дидае, нашнидагӯше.

Аё одам, аё ганҷинаи ишқ,
Ниҳода пеши рӯ ойинаи ишқ.

Аё сарманшаву сардафтари ишқ,
Сари ҷуръат кашида бар дари ишқ.

Дар ин роҳи махуфи пурхаму печ
Ба заҳматҳо равон аз ҳеч бар ҳеч.

Худованд офарида ҷисмат аз гил,
Валекин оташат бинҳода дар дил.

Чӣ буд қасдаш зи одам офаридан?
Ба номаш шодиву ғам офаридан?

Ба ҷисми гил шуда аз ҷумла бартар,
Чӣ будӣ, гар ки будӣ ҷисмаш аз зар.

Ғуломи нафс буданро чӣ хоҳӣ?
Раҳо кун нафсро, кун подшоҳӣ.

Ба сар ҷуз аз хаёлат душмане не,
Ба дил ҷуз ваҳшатат ҳам раҳзане не.

Ҷудо гашта зи худ дар мазҳаб ой,
Раҳо гардида аз дил бар лаб ой.

Ба пешат вартаву ту чашмбаста,
Миёни мавҷҳо киштишикаста.

---

1. Ишора ба мақоли халқӣ, ки мегӯяд: Кал чӣ дора? Як тешаву як арра, мегираву мепара.

Сухан рамзан агар буд теғу шамшер,
Варо дар асл кардӣ бомбаву тир.

Ниёиш буд сухан, ово буду бонг,
Варо ту кардаӣ тайёраву тонк.

Ай одам, гавҳаратро нек бишнос,
Вуҷуди хешро наздик бишнос.

Сафар дорӣ, хабар дорӣ, надорӣ,
Рафиқе дар сафар дорӣ, надорӣ.

Сари роҳат хатар дорад, надонӣ,
Сафар роҳи дигар дорад, надонӣ.

Ба рӯи ях шитобону тагаш об,
Гунаҳ вазнин магиру тез маштоб.

Шитобе карда дар гардуни даввор,
Расидӣ аз паси худ ҳам дигар бор.

* * *

Фаридуни сухан, бар тахт боз о!
Рамида аз барам, эй бахт, боз о!

Ҷаҳон пур гашт аз Заҳҳоки ёва,
Расӣ, эй кош, бар фарёд, Кова.

Киро пурсам, ки Эрони сухан ку?
Азизон, гумшуда Эрони ман ку?

Сухан бар лаб расиду рафт моро,
Чу аз дастам Самарқанду Бухоро.

Фикандам худ ба кӯҳ Золи Зарамро,
Бикандам худ ба худ болу парамро.

Сухан буд Рустами Дастони дастам,
Ба чоҳ афкандаву дасташ шикастам.

Ҳар он чи кард бо Сӯҳроб Рустам,
Дареғо, бо сухан ман карда он ҳам.

Дилам зори Сиёвуши сухан шуд,
Ки ёдаш лолазори қалби ман шуд.

Зи кўҳи Язявон то шаҳри Тироз
Биё, Ораш, фикан тири сухан боз.

Дар ин Дашти сухан зору Зарирам,
Биё, Бастури ман, гар ман бимирам.

Суханро мисли Ораш мекашам ман,
Ки худро бо сухан худ мекушам ман.

Сухан аз саргузашту сарнавиштам
Ба сар гуфтам, дило, бо сар навиштам.

Дили бечораам шуд восухангў,
Дареғо, гар набурдам аз сухан бў.

Сухан гум кардаам, ёрон, сухан ку?
Манам Яъқуб, бўи пираҳан ку?

Мабодо Юсуфам дар чоҳ бошад?
Бувад оё, ба Миср ў шоҳ бошад?

Магў, ки восухангўям на аз ғам,
Сухан шуд во Ҳусайну во Ҳусайнам.

Ба фарёдам, чи мепурсӣ зи ҳолам,
Азонгўи сухан мисли Билолам.

Дар ин шаҳри калон дар байни мардум,
Маро, ёрон, шуда тифли сухан гум.

Суханкугў манам монанди куку,
Сухан ку! Эй азизонам, сухан ку!

Миёни растаҳои шаҳру бозор
Сухан мегўяму бас мезанам ҷор.

Садоям баски чун фарёди лол аст,
Варо бишнидани мардум муҳол аст.

Сухан бурдам фурў бо хоби чашмам,
Сухан омад бурун бо оби чашмам.

Сухан, гуфтам ба худ, дигар нагӯям,
Фиғон берун ҷаҳид аз мӯ ба мӯям.

Тан аз оҳи сухан шуд нола-нола.
Дил аз доғи сухан шуд лола-лола.

Ман аз дарди сухан бас синачокам,
Сухан ояд бурун, бешак, зи хокам...

* * *

Худо дигар суханро бурд аз ёд,
Дигар пайку паёмаш кай фиристод?
Наомад Ҷабраил ӯро аёдат,
Бишуд дар гӯшае бас беиродат.
Дурӯғу фанд бас болонишин шуд,
Суханро ҷойгаҳ хоки замин шуд.
Ба маҳфил ҳарзаву ҳазён ба минбар,
Сухан монда валекин дар паси дар.
Сухан гарчи нафасҳои Масеҳост,
Вале афтода дар доми балоҳост.
Сухан, ҳайфо, заҳиру лоғару хор,
Ба ҷони хаставу қалби пурозор.
Зи маҳфил ронда, аз минбар фитода,
Ҳаме дар кунҷи узлат рӯ ниҳода.
Басо бечораву бас хор гашта,
Ҳам аз дарбор дар бозор гашта.
Ҳамехандад дигар шайтон ба ҳолаш,
Расида то камолаш бар заволаш.
Ҷаҳон пурҳарфу ҷое бар сухан нест,
Ба мисли ӯ ғарибе дар ватан кист?
Худованди фалакҳову ҷаҳонҳо,
Суханро бар зи нав бар осмонҳо.
Даме халқи ҷаҳонро лол месоз,
Ки бишносад ҳаме қадри сухан боз...

*Март-апрели с. 2008*

## ҲАМОСАИ ҲАЗОРАИ ОРЁӢ

*(Манзума)*

Ман нусхаи фармони
Ҷаноби Президентро
Дар бораи эълони
Соли тамаддуни орёӣ
Дар сандуқи беҳтарин ёдгориҳои хеш
Маҳфуз доштаам.
Зеро ки он васиқаи
бузургвории ниёст,
Зеро ки он василаи
бузургдории ниёст.

Аммо ин дастурро
Маҳфуз доштан кам аст.
Онро бояд
Дар шаҳри ҷовидонони Амарвати[1] –
Бар фарози кӯҳи Меру –
Ки ҳоло ба номи Исмоили Сомонист,
Интишор бояд дод.

Онро бояд
Чун дирафши Ковиёнӣ
Бар фарози қуллаи Албурз,
Ки низ ҳоло ба номи Исмоили Сомонист,
Барафрошта бояд кард.

Онро
Мисли байте ба мандалҳои[2] «Ригведо»
Ва чун порае ба ҳотҳои[3] «Авесто»
Бояд афзуд.

---

1. Амарватӣ – шаҳри ривоятии Индра – эзади асотирии адабиёти орёҳиндӣ бар фарози кӯҳи Меру.
2. Мандал – бобҳои «Ригведо».
3. Ҳот – номи сурудаҳо дар «Авесто».

Ва дар қуллаҳои мармарини
Кӯҳҳои орёӣ
Ҳаккокӣ бояд кард;
Ва бо забони бодҳои орёӣ
Бар давродаври сайёра
Маншур бояд сохт;

Ва бо баёни
Мавҷҳои рӯдҳои орёӣ –
Арангрӯду Беҳрӯд ва Доитиё[1]
Ва ҳазор рӯди дигар,
Ки ҳар як ба масофаи чиҳилрӯза
Този савори тундрав дарозо ҳастанд,
Мунташир бояд намуд.

Аммо чи беҳтар он,
Ки ин дастур
Дар тоқҳои баланди идроку шуур
Ва муҳаббатгоҳи синаҳо,
Дар раг-раги шарёни ору
Номусу виқор
Чун беҳтарин нишонаи
Бузургвории ниё
Бар маснади ҳукмравоӣ
Мақом бигзинад.

Мо тоҷикон, ки аз нахустмиллати башар будем,
Соҳибзамону соҳибқирон,
Тоҷдору соҳибқалам,
Соҳибалам будем.
Ҷустем басе васила, ки ба асли худ расем боз,
Аз фаслҳо бурида, ба васли худ расем.
Инак он васила,
Инак он дастур!

1. Номи рӯдҳо дар адабиёти орёӣ, ки ба рӯдҳои Сир, Вахш ва Панҷ айният мегиранд.

Мо бо ҳазор тираву
Бо ҳазор дудаву табор
Ҳамқавм будаему ҳамқабилаву ҳамнажод,
Аз решаҳои забони мо
Ба ҳар мазраъе бируст
Ҳазор лафзу лаҳҷаву ҳазор шеваву баён.

Оғози мо аз бист ҳазор сол пеш,
Дар кишваре буда Тоҷик[1] номи он,
Воқеъ дар сеяки ҷаҳони ҳамон даврон.
Устод Шенраб нахустшоҳ
Ва нахустдиновари диёр буд.

Аз баъди асрҳо,
Як даста аз ниёи қадими мо
Бар дуру наздикии қораҳои Осиёву Аврупо
Ҳиҷрат намуд.
Аз он муҳоҷират ба ёдгор
Аҳромҳои Миср мондаву
Мулки Аратта, шаҳри Аркаим[2]
Ва шигифтиҳои дигар.

Як дастаи дигар аз ниёи қадим
Бо лафзи худ ба Ҳинд бурд
«Ригведо»-ву «Маҳабҳарата»,
«Пурон»-у «Рамаяна»-ро.
Валек рӯди Ганга, ки дарёи Сир буд,
Ба ҷой монд.
Ҳам кӯҳи Меру – қуллаи Исмоили Сомонӣ
Ба ҷой монд.

Як дастаи дигар бо «Авесто»-ву бо «Бундаҳишн»
Бо «Ёдгори Зарирон»-у «Минуи хирад»

---

1. Тоҷик – номи кишвар ва халқиятест, ки дар адабиёти тибетӣ дар ҳудуди бист ҳазор сол пеш зикр шудааст.
2. Аратта – номи кишваре дар соҳилҳои Баҳри Сиёҳ дар ҳазораи ҳафт пеш аз солшуморӣ; Аркаим – шаҳр дар минтақаи Урали кунунӣ дар ҳазораи аввали пеш аз милод.

Бар сарзамини кунунии Эрон гирифт роҳ.
Лек кӯҳи Албурзи баланд,
Ки он ҳам қуллаи Исмоили Сомонист,
Ба ҷой монд.

Инак ба фармони Ҷаноби Президент
Ин қуллаҳову рӯдҳо
Дар мағзу дар шуури мо
Дубора кашф хоҳанд шуд.
Идрокҳо чу кӯҳҳо,
Эҳсосҳо чу рӯдҳо.
Чун ёдгори диёри ниёи орё.

Агарчи бас шигифт буд роҳ кушудан
Аз синаи хороии Анзоб,
Аммо шигифттар он буд,
Ки аз синаи фӯлодини ҳазорсолаҳо
Роҳе сӯи сароғози таърих кушуда шуд,
Роҳе ба оғози хештаншиносӣ кушуда шуд.

На танҳо роҳ кушуда шуд,
Балки рӯҳи асолати орёӣ эҳё гардид,
Балки таърих зи паҳлуи дигар тобид,
Балки офтоби ростини таърих
Бар зулумоти дурӯғпардозиҳо
Пирӯз мегардад.

Балки рӯҳи орёзоди паҳлавон Арҷуна[1],
Ки бародарзодаҳои бадхоҳаш
Дар доми тӯҳматаш фикандаанд,
Шод мешавад.

Кавравҳо ва Пандавҳо[2],
Ин бародарзодаҳои хушунатгар
Бо оштӣ салом медиҳанд.

1. Арҷуна – яке аз қаҳрамонон ва шоҳон дар «Маҳабҳарата».
2. Кавравҳо – писарони шоҳи орёӣ Куру, Пандавҳо писарони бародарзодаи ӯ – Куру, ки тибқи маълумоти «Маҳабҳарата» байни ҳам ҷангҳои шадид бурда буданд.

Рӯҳи ҳама Пешдодиёну Каёниён –
Таҳмурасу Ҷамшед,
Ҳушангу Сиёмак,
Сиёвуши ноком
Ва Кай Хусрави шаҳриёр
Шод мешавад.

Гурзи гаронашро Фаридуни шаҳриёр
Дубора бар сари Заҳҳоки морон мекӯбад.
Ва аз шаҳри Боб[1] дирафши ковиёниро
Дар пойтахти навини худ
Таммеша парфишон хоҳад кард.

Ва дигар Салму Тур
Бо бародари худ Эраҷ
Муҳаббат хоҳанд дошт.

Ва ҳам Рустами Дастони тоҷик,
Ин пуштибони Ориёни куҳан
Гурзе дигар
Бар сари девону аҳриманон хоҳад кӯбид.
Ва бар қасди ҷони Сӯҳроби ял
Теғ нахоҳад кашид.
Бародараш Шағод
Дар роҳи ӯ дигар чоҳ нахоҳад канд.

Дигар Гударз,
Гударзи шаҳсавор!
Ки дар кӯҳи Сиёҳи Конибодом
Пирони турониро
Ба интиқоми ҳафтод пуру набераи кушташуда
Ба хок дарафканд,
Дубора номдори Орён хоҳад шуд.
Дар он даврон «Ба Эрон

1. Боб дар адабиёти орёӣ – Баврӣ, шаҳре воқеъ дар водии Фарғона; Таммеша – ҳоло бо номи Тамоша воқеъ дар водии Фарғона.

Пас аз Рустами номдор
Чу Гударз дигар набудӣ савор!»

Ҳам Ораши далери камонвар,
Ки аз кӯҳи Марғелон
Ба сӯи Сории Намангон
Тире партоб кард,
Тире, ки марз ва тақдири Эронро
дубора рӯшан сохт,
Ва худ фитоду ҷон фидо намуд,
Пайкон ба даст мешавад зоҳир.

Дигар Бастур –
Паҳлавони арҷманди ҳафтсола,
Ки интиқоми хуни падараш Зарирро
Дар регзори дашти Марғелон
Аз Арҷоспи хиёнӣ ситонд,
Савори аспи сафед ба тоз меояд.

Зардушт,
Нахустнамозгузори таърихи диёр
Ва нахустомӯзгори аҳли башар,
Ки «Авесто»-ро бар забон овард,
Пиндори нек,
Гуфтори нек,
Ва кирдори некро
Бар ҷаҳониён омӯзгорӣ хоҳад кард,

Ҳазорон гурдону размандагони
Майдони набардҳои орёӣ
Бар дифои сарзаминҳои орёнӣ
Дубора саф хоҳанд орост.

Арявартa
Ва Ариянаи гумшуда
Дар домани шимолии
Кӯҳи ба номи Исмоили Сомонӣ
Ошкор хоҳад шуд!

Эрон,
Эрони рафта зи хотираҳо
Дар марзҳои Миёнарӯдони Сир ва Ому
Ба ёд хоҳад расид!

Соли чаҳорчашни[1] мо
Доғҳои сиёҳи рамзи[2] чаҳоргӯшаи орёиро
Зудуда хоҳад кард.

Қомуси орёии Аҷам
«Шоҳнома»-и Ҳакими Тӯсӣ – Фирдавсӣ,
Ин ёдгори беназиру бегазанд,
Суруди миллии табори орёӣ хоҳад буд.

Соли тамаддуни орёӣ
Шиносномаи таърихи миллат аст
Ва маҳзарест барои хештаншиносӣ
Ва хештаншиносонӣ.

Соли тамаддуни орёӣ
Оғози даҳа, садда
Ва ҳазораи тамаддуни орёист.

Инак аз ин рӯ,
Ман нусхаи фармони
Ҷаноби Президентро
Дар сандуқи ёдгориҳои азизи хеш
Маҳфуз доштаам.

---

1. Чаҳорҷашн – яъне 15-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Ваҳдат, Соли тамаддуни орёӣ ва 2700-солагии шаҳри Кӯлоб.
2. Рамзи чаҳоргӯша – свастика – маънояш хубиву бахтовар буда, яке аз муқаддасоти орёиҳои қадим ба шумор мерафт.

# ШЕЪРҲО

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, машриқи хуршеди меҳри ҷони мо,
Асли мо, эҳёи мо, оғози мо, сомони мо,

Орзуи мо туӣ аз ҷовидон то ҷовидон,
Динаву имрӯзи мо, ояндаи рахшони мо.

Тоҷикистон, сарзамини бостони ростон,
Рӯҳи мо, идроки мо, ихлоси мо, виҷдони мо.

Меҳани мо, маскани мо, маъману маъвои дил,
Аз ниёи мо туӣ мероси олишони мо.

Геву Рӯҳому Гударзу Бартаву Исфандиёр,
Бежану Гурдофариду Рустами Дастони мо.

Дар «Авасто» беҳтарин панди ватандорӣ бувад,
«Шоҳнома» буд бешак, нома бар даврони мо.

Шераку Деваштичу Темурмалики номдор,
Испитамону Муқаннаъ – ифтихору шони мо.

Эй Ҳушангу эй Сиёмак, Хусраву Ҷамшеди мо,
Ифтихори тоҷикон Исмоили Сомони мо.

Эй диёри Ориёно, эй Тахор, эй Бохтар,
Эй Хуросон, Суғду Кӯшон, Чамбули Мастони мо.

Эй Бадахшону Зарафшону Ҳисори Шодмон,
Вахши зарбахшу Хуҷанду Рашти мо, Хатлони мо.

Рӯдакӣ, Фирдавсии мо, Мавлавӣ, Хайёми мо,
Ҳофизу Саъдиву Ҷомӣ, Бедили хушхони мо.

Як нафас Берунӣ аз таърихи мо берун набуд,
Бӯалӣ Синои мо бар дардҳо дармони мо.

Қиссаи меҳри дили мо, достони ишқи ҷон,
Эй китоби осмонӣ, дафтару девони мо.

Модари ғамхори мову эй падарсолори мо,
Пири ҳикматёри мо, эй тифлаки хандони мо.

Эй биҳишти Адну эй боғи Ирам дар доманат,
Дар канори ту шукуфта равзаи ризвони мо.

Меҳани минуии яктои беҳамто туӣ,
Эй парастишгоҳи бобоёни пурармони мо.

Мо намози меҳри худ сӯи Ватан бигзоштем,
Маъбади дил, қиблаи ҷон, Каъбаи имони мо.

Киштии мо, Нӯҳи мо, эй дастгири рӯзи сахт,
Эй раҳоибахши мо дар баҳри пуртӯфони мо.

Нусратуллоҳу Шириншо, Абдуқодир ҳам Чинор,
Сарвари даври навин – Эмомалӣ Раҳмони мо.

Донишу Айниву Турсунзода, Бобоҷон Ғафур,
Донишу фарҳангу нангу ори «Тоҷикон»-и мо.

Тахти мову бахти мо, эй тоҷи мо, авранги мо,
Қасри мову кохи мо, айвони мо, девони мо.

Кӯр бодо ҳар касе бар ту хиёнат мекунад,
Қуввату нерӯи мову нур дар чашмони мо.

Ҳар ки андар ҳифзи ту ҷон месупорад, зинда бод,
Эй ба ҳифзат ҷон супурдан аҳди мо, паймони мо.

## ТОҶИК

Тоҷик аз оғози таърих омадӣ, хуш омадӣ,
Бо китоби рози таърих омадӣ, хуш омадӣ.

Пештар аз бомдоди нақши таърих омадӣ,
Дар ҷаҳон ҳамчун ниҳоди нақши таърих омадӣ.

Саргузашти умри таърих аст андар дӯши ту,
Сарнавишти дури таърих аст андар ҳуши ту.

Соли таърихат бувад андар хабар ҳаждаҳ ҳазор,
Давлату фарҳангу аврангу китобат бешумор.

Эй диновар, давлатовар, эй нахустомӯзгор,
Эй нахустин дар ҷаҳон адловару қонунгузор.

Ту алифбои нахустинро ба санг овардаӣ,
Пас китобу хомаву дафтар ба ранг овардаӣ.

Давлати Тоҷик буд дар сеяки рӯи замин,
Шӯҳрати тоҷик буд болотар аз чархи барин.

Дар Тибету Ҳинд маҳфуз аст осораш ҳанӯз,
Ҳар куҷо монда нишониҳои бисёраш ҳанӯз.

Хиттаи ӯ ҷойгоҳи ҳазрати Одам буда,
Шӯҳрату овозааш сар то сари олам буда.

Буд нахустинмеҳани авлоди одам хоки ӯ,
Чун биҳишти рӯи олам буд хоки поки ӯ.

Сарзамини тоҷикон дар ҳафт кишвар будааст,
Чун камони ҳафтрангу ҳафт манзар будааст.

Мардумаш дур аз бадиву ҷаҳлу аз кину риё,
З-ин сабаб машҳур гардид он ба номи Орё.

Рӯзгорашро нахуст аз оҳану санг офарид,
Пас тамаддун офариду илму фарҳанг офарид.

Дасти тиллоии ӯ таърихро бунёд кард,
Сарзамини мурдаи таърихро обод кард.

Кам-камак аз хоки худ охир муҳоҷир гашт ӯ,
Сар ба сар дар ҳар сӯи олам мусофир гашт ӯ.

Ӯ ба ҳар як хиттаи таърих роҳи нав кушуд,
Ӯ ба ҳар як гӯша номи нав ба худ пайдо намуд.

Тоҷику Рус, Артаву Арса ҳама аз номи ӯст,
Худ Фарангу Ҳинду Эрон ҷумла аз пайғоми ӯст.

Кӯҳи Тоҷикро Худо аз рӯҳи Тоҷик офарид,
Ҳамчу рамзе аз баландӣ кӯҳи Тоҷик офарид.

Буд забони ҳазрати Одам забони орё,
Буд забони бас бузургону азизу авлиё.

Достонҳои «Маҳабҳарата» аз шаҳкори ӯст,
Низ «Ригведо», «Авасто» ҷумла аз осори ӯст.

«Шоҳнома», кист мегӯяд фақат афсона аст?
Ҳар кӣ мегӯяд вай аз таърих бас бегона аст.

Кист мегӯяд, ки тоҷикро, набуд кишваркушо?
Ӯ кушода хиттаҳои Осиёву Аврупо.

Кам-камак таърихи худро лек ӯ аз ёд бурд,
Дастовардаш ба чанголи фаромӯшӣ супурд.

Дастоварди варо бас ин гирифту он гирифт,
Ин гирифт ар ошкоро, он вале пинҳон гирифт.

Парварид ӯ ину онро гарчи андар доманаш,
Оқибат дар доманаш ҳам ину он шуд душманаш.

Бояд аз тақдири тоҷик кард бас шукру сипос,
Ғайри оне, ки набудаш дидаи душманшинос.

Дасти тоҷик хиттаи таърихро обод кард,
Ҷовидон Кохе ба нерӯи хирад бунёд кард.

Тоҷик аз ин ҳиммати худ тоза миллат офарид,
Орёимиллати орӣ аз иллат офарид.

Ҳикмати пешини худро ӯ ба ёд овард боз,
Ҳиммати дерини худро дар ниҳод овард боз.

## МЕҲАНИ МО

Тоҷикистони азизи дилу ҷони ману ту,
Тоҷи сар, нури басар, рӯҳи равони ману ту,

Аз азал то ба абад кишвари бемислу мисол,
Ба ҳама рӯи ҷаҳон манзари бемислу мисол.

Мазҳари гавҳари яктои ниёиш будааст,
Манзару тахти фару маҳди ситоиш будааст.

Орёни куҳану боғи Ирам домани ӯст,
Ҳам биҳишти Аданиву Вари Ҷам домани ӯст.

Ба хабар омада, ки маҳзари Одам будааст,
Зи карон то ба карон сеяки олам будааст.

Рӯдҳояш буда ҳамсоҳати паҳнои диёр,
Кай расидӣ ба дави асп чиҳил рӯз савор.

Озмунгоҳ ба кишту ба сиришти башар аст,
Парваришгоҳи ниёкону биҳишти башар аст.

Ину он гарчи басе Шамбала ҷӯяд ба ҷаҳон,
Шамбала – Чамбули Мастон буда дар домани он.

Орёии парешон ба ҳама рӯи ҷаҳон
Тухми некӣ бигузорид зи худ рафта равон.

Ба ҷаҳон монда аз ӯ ин ҳама гуфтори накӯ,
Ҳама кирдори накӯву ҳама пиндори накӯ.

Ёдгор аз ҳама он вусъату паҳнои куҳан,
Монда чун гавҳари якдонаву яктои куҳан,

Тоҷикистони азизи дили ҷони ману ту,
Тоҷи сар, нури басар, ҷону ҷаҳони ману ту.

## ИН ОРЁНОСТ

Ин дашти Орён аст,
Аз Орё нишон аст.

Ин мулки ростон буд,
Эрони бостон буд.

Ин сарзамини бобост,
Ин обу хоки обост.

Ин кӯҳи Албуруз аст,
Хуршеди худфурӯз аст.

Беҳрӯд нек рӯд аст,
Шоистаи duруд аст.

Рӯди Аранг ин ҷост,
Ранги барангу зебост.

Ин сарзамини Ҷам буд,
Афрошта алам буд.

Ин мулки шаҳриёрон
Буд шаҳри шаҳсаворон.

Кай Хусрави ватанхоҳ
Буда дар он шаҳаншоҳ.

Буд ҷойгоҳи Зардушт
З-ин пештар ба сад пушт.

Рустам бар он сипар буд,
Ори Ватан ба сар буд.

Гударз гурзи кишвар,
Ҳам дизу бурзи кишвар.

Ораш камону тираш,
Шери жаён Зарираш.

З-ин дашт гашт машҳур
Он ҳафтсола Бастур[1].

Ин хитта буд Хуросон,
З-ин хитта магзар осон.

З-ин хитта Шоҳнома
Бошад гувоҳнома.

1. Бастур (Баствар) – писари ҳафтсолаи Зарир, ки қасоси хуни падарашро аз Арҷоспи хиёнӣ дар дашти Сапед, воқеъ дар водии Фарғона ситонда буд.

## ПАЁМИ РАҲНАМО

Паёми Роҳбар расид, хуш аз ҳама паёмҳо,
Ба қалб чун навидҳо, ба гӯш чун саломҳо.
Ба назму интизоми нав паём шуд Паёми нав,
Ба роҳҳо давоми нав, ба арҷи ин каломҳо.
Ҳидояти тамом буд, супориши низом буд
Ба Маҷлису Ҳукумату вазорату мақомҳо.
Ба рушди мо, нумӯи мо, ба поси обрӯи мо
Бубахшад ӯ маромҳо, суботҳо, низомҳо.
Замон ҳама дигар шуда, ҷаҳон ҳама зи сар шуда,
Талошу саъй боядо ба мақсаду маромҳо.
Ба мулки мо кушуда шуд кунун ки нақбу укдаҳо,
Ба осмон бубоядо ҳаме ниҳод гомҳо.
Чу нон хӯрӣ зи заҳматат, ҳалол бод, ҳамватан,
Валек фарқ боядат ҳалол аз ҳаромҳо.
Зи ҳаққи халқ гар касе ба хеш қасру кох кард,
Бувад ки оядаш ба сар кашидани зимомҳо.
Ба соли номи Орё, тамоми фарди бериё,
Ба кор бояд оварад ғурури нангу номҳо.
Чи муғризони кинавар, сияҳдилони каҷназар
Ба гӯшаҳо чу морҳо нуҳуфта дар куномҳо.
Вале ба азми бештар, қадам ниҳода пештар,
Ба роҳи худ мудомҳо бубоядо давомҳо.
Ману туро яке Ватан бувад ба мо чу ҷону тан,
Аз ӯст ифтихорҳо, бар ӯст эҳтиромҳо.
Ватан бигӯ ба ҳар нафас, ба қадри номи ӯ бирас,
Ватан бувад наҷоти мо_ба рӯзи нангу номҳо.
Бувад садоқати Ватан чу қарзи ҷумла марду зан,
Чи хурдҳо, бузургҳо, чи хосҳову омҳо.
Ватан бигӯву ҷон бидеҳ, Ватан бигӯву зинда шав,
Ки умри ҷовидон бувад ба юмни ин қиёмҳо.
Яку даҳу саду ҳазор, ҳама ба як сафу шиор,
Паём раҳнамо бувад ба сӯи ин маромҳо!

*с. 2006*

## ВАҲДАТ

Ҳамдилӣ, ҳамбастагиву ҳамсадоӣ ваҳдат аст,
Меҳрубонӣ, ғамгусорӣ, ошноӣ ваҳдат аст.
Ваҳдат аст он, ки ба назм овард даври коинот,
Ҳаммаромӣ, ҳамравоӣ, ҳамгироӣ ваҳдат аст.
Ваҳдат он набвад, ки созӣ бо ду-се тан дар ҷаҳон,
Бо ҳама халқи Худо ваҳдат намоӣ, ваҳдат аст.
Нест осон роҳ кандан гарчи аз кӯҳи гарон,
Лек гар аз дил ба дил роҳе кушоӣ, ваҳдат аст.
Бо худ о, хоҳӣ нагардӣ гар фаромӯши худӣ,
Аз фаромӯшӣ агар ки бо худ оӣ, ваҳдат аст.
Дасти ҳар афтода гиру дасти худ бар даст деҳ,
То Худо дасти ба даст ин ҷо биёӣ, ваҳдат аст.
Боғи ваҳдат дар баҳору дар зимистон гул кунад,
Дар замини меҳр чун гул лаб кушоӣ, ваҳдат аст.
Ваҳдати ҳар қатра Норакро ба гардиш оварад,
Ҳамчу дарё қатра-қатра боҳамоӣ ваҳдат аст.
Аз гузашти рӯзгорон боядат аз худ гузашт,
Гар расӣ, эй дил, дар ин раҳ чун фидоӣ, ваҳдат аст.

## ТОҶИКИСТОН

Бо Бадахшону Зарафшон,
Бо Хуҷанду Вахшу Хатлон,
Бо Ҳисору Рашту Ёвон,

Тоҷикистон ҷовидон мон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Ту куҳан Ирони моӣ,
Суғди мо, Кӯшони моӣ,
Давлати Сомони моӣ,

Эй Каён, эй Оли Сомон,
Тоҷикистон, Тоҷикстон.

Гарчи бунёди ту санг аст,
Санг дар санги ту ранг аст,
Рангҳои ту қашанг аст,

Осмони ту дурахшон,
Тоҷикистон Тоҷикистон.

Эй худо, озод бошӣ,
То абад обод бошӣ,
Сабз бошӣ, шод бошӣ,

Чун гулистон, Тоҷикистон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон!

## ОРИЁНО – ТОҶИКИСТОН

Ориёно – Тоҷикистон, эй Ватан,
Эй Хуҷанду Рашту Хатлон, эй Ватан,
Вахши зарбахшу Ҳисори шодмон,
Эй Бадахшону Зарафшон, эй Ватан.

Сарсупурда ин манам фарзанди ту,
Ҷовидона ҷону дил пайванди ту.

Эй Ватан, обод бошӣ, эй Ватан,
То абад озод бошӣ, эй Ватан,
Дар паноҳи миллати бонангу ор
Шод бошӣ, шод бошӣ, эй Ватан.

Ҷашни истиқлол шуд эҳёи ту,
Мерасад то ҷовидон фардои ту.

Ҳамватан! Боз о, ки мо ваҳдат кунем,
Воҳиду озода як миллат кунем,
Ҳамдилу ҳамбаста милён ҳамватан
Сафситода, бар Ватан хизмат кунем.

Ҳамватан, эй ҳамватан, эй ҳамватан,
Бо Ватан ҳамҷонутан, ҳам ҷону тан!

## МУҲОВАРАИ ТАНДИСИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ

Номвар мардони кишвар зинда карда номи мо,
Мерасад бар Тоҷикистони навин пайғоми мо.

Мо агарчи Тоҷикистонро зи бунён сохтем,
Дар раҳи ободии он ҷони худро бохтем.

Он ки дар ин ҷода бо мо ҳамдилу ҳамроҳ буд,
Абдуқодир, ҳам Чинору низ Шириншоҳ буд.

Давлати тоҷик чу аз бедавлатӣ бунёд шуд,
Мулки Сомонӣ ба сомон омаду обод шуд.

Рӯҳи моро шод истиқлолу ваҳдат мекунад,
Зинда бодо ҳар касе хидмат ба миллат мекунад.

Мо шаҳидон гашта бо номи Ватан бас ҷонфидо,
Мешавад поянда акнун кори мову номи мо.

Рӯҳи мо акнун шуд аз даврони истиқлол шод,
Тоҷикистон рӯ ба сӯи Рушду ободӣ ниҳод.

Чун ба кишвар назҳати Сомонии сонӣ расид,
Кишвари моро шукӯҳи даври Сомонӣ расид.

Эй хушо, аз ҳиммати миллат ба ваҳдат омада,
Ҷашни истиқлолу ваҳдат, ҷашни миллат омада.

Сулҳу истиқлоли кишвар, ҷашни ваҳдат зинда бод,
Тоҷикистонро ҳамеша давлати поянда бод!

## ШАҲСУТУНИ ХОНАДОНИ ТОҶИКОН

*(Ситоиш)*

*Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ!*
*Устод Рӯдакӣ*

Эй Душанбе, шод зиву шод бош,
То абад фархундаву озод бош,
Тоҷиконро хонаи обод бош,
Эй Душанбе, дар дилу дар ёд бош!

Эй ягона пойтахти тоҷикон,
Дастгири рӯзи сахти тоҷикон,
Тоҷу тахту рахту бахти тоҷикон,
Эй Душанбе, то абад обод бош!

Эй мақоми лафзи ширини дарӣ,
Номбардори каломи модарӣ,
Ақлу ҳушу чашму гӯши кишварӣ,
Эй Душанбе, шаҳри истеъдод бош!

Шаҳри мо, эй шаҳри ному нанги мо,
Ақли мо, идроки мо, фарҳанги мо,
Дар мизони нанги миллат санги мо,
Эй Душанбе, шаҳри адлу дод бош!

Аз падарҳо ёдгори ҷовидон,
Эй умеди тоҷики рӯи ҷаҳон,
Шаҳсутуни хонадони тоҷикон,
Эй Душанбе, суннати аҷдод бош.

Баҳри тоҷик зери чархи чанбарӣ
Гарчи нест осон Бухорофарӣ,
Ту Бухорои шарифи дигарӣ,
Эй Душанбе, мазҳари эҷод бош!

Саргузашту сарнавишти мо туӣ,
Тору пуде дар сиришти мо туӣ,
Андар ин олам биҳишти мо туӣ,
Эй Душанбе, зинда бошу шод бош!

## ЗАБОНИ ФОРСӢ

Паҳлавӣ шуд паҳлавони форсӣ,
Вожа тиру хат камони форсӣ.
Аҳли дил аз бостон то осмон
Розгӯ шуд аз баёни форсӣ.

Тухми ҳарфаш ҳар куҷо афтад агар,
Парварида бӯстони форсӣ.
Пурҷило лаъли Бадахшони дарӣ,
Пуршакар Ҳиндустони форсӣ.
Ҳамзабонӣ мекунад кабки дарӣ,
Булбулон ҳамдостони форсӣ.
Тоҷикӣ ин шеваи шоҳаншаҳист –
Тоҷу тахте аз ҷаҳони форсӣ.
Лафзи дафтардории Яздон дарист,
Ҳарфи ҳурон бо забони форсӣ.
Мерасад аз Зобулистони сухан
Рустаме бо Достони форсӣ.

## ЧАРОҒҲОИ РОҒУН

*(силсила)*

*Эҳдо ба бунёдкорони НОБ-и Роғун, ки бародарам Идиев Хайрулло, ронандаи Бэлаз, дар шумори онҳост. (Муаллиф)*

## ҲАФТ МИЛЁН, САФ БИКАШ!

Як, дуву севу чаҳору панҷу шаш,
Ҳафт милён, ҳафт милён, саф бикаш!

Ҳафт милён аҳду паймон бо ҳам аст,
Тоҷикистон – ҳафт милён бо ҳам аст.

Ҳафт милён нури хуршеди Ватан,
Ҳафт милён нури уммеди Ватан.

Ҷумла бо як азму идроку шуур,
Якдилу ҷон толиби хуршеду нур.

Ҳафт милён дил ба як зарбу маром,
Ҳафт милён тан ба як назму низом.

Ин Ватан обод бошад то абад,
Халқи мо дилшод бошад то абад!

Боргоҳи нур бодо ин Ватан,
Шоҳроҳи нур бодо ин Ватан!

* * *

Кӯҳ умре сарбаланд истода буд,
Вахш бо шӯре равон буд рӯзу шаб.

Буд Роғун хеш ҳам мӯҳтоҷи нур,
Мардум андар назди дарё ташналаб...

Сӯи Роғун шуд равон дарёи одам,
Рӯи ин дарё равон мавҷи шиор,
Мавҷи ҳиммат,
Мавҷи ғайрат,
Мавҷи зӯру иқтидор.

Пеши ин кӯҳи гарон,
Рӯди равон
Халқи моро пеш омад имтиҳони рӯзгор,
Имтиҳони иттиҳоду
Имтиҳони иқтидор.
Гаҳ табиат мекунад гар саркашӣ,
Боз ҳам худ мешавад омӯзгор.

Вазни сесадтонии ҳар агрегат
Гар ба Роғун мерасад аз ағбаву роҳи камар,
Бигзарад он агрегатҳо аз дили ҳар коргар.

Боз як мӯъҷиза хоҳад шуд падид,
Пеши назар:
Дасти худро мекунад Роғун баланд,
Дар кафи дасташ чароғи барқ дар болои сар.
Аз чароғи дасти Роғун мешавад
Шоми кишвар дилписанд,
Шоми кишвар шӯълавар.
Мешавад Роғун чу Данкои дигар!

## АЁ ВАХШОНИ МАН

*Вахш номи фариштаи нигаҳбони дарёи Ҷайҳун аст.*
*(Абурайҳон Берунӣ)*

Аё Вахшони ман, Вахшони рахшон,
Чу хуршеди саҳар ҳастӣ дурахшон.

Ту ҳастӣ посдори оби Ҷайҳун,
Ту бошӣ иқтидори НОБ-и Роғун.

Бикун сарсабз боғу роғи моро,
Гулафшон кун дарахти боғи моро.

Биёву ташнагонро об мебахш,
Ба шабҳо шӯълаи пуртоб мебахш.

Биёбонам, биёву гулшанам кун,
Шабистонам, чароғи равшанам кун.

Лабам зор аст, обе деҳ лабамро,
Шабам тор аст, тобе деҳ шабамро.

Ба чашми дил фари сурхи каёнӣ,
Ба ҷайби ҷон зари сурхи равонӣ.

Ту ганҷи шойгону гавҳари сурх,
Биҳишти ҷовидону Кавсари сурх.

Аё Вахшони ман, уммеди Тоҷик,
Ту ҳастӣ дар замин хуршеди Тоҷик!

* * *

Ман туро чун Вахши саркаш ром хоҳам кард,
Эй дарёи қисмат!
Афканам рӯзе туро дар банд,
То ба ройи худ нашӯӣ соҳилатро,
Мекашам рӯзе туро дар доми сарбанд.
То ба гашт ояд яке агрегати пуриқтидор,
Аз дили худ бигзаронам роҳи маҷрои туро.
То зи неруи ту гирам рӯшноӣ,

Мегузорам дар утоқи хонаи дил
Чилчароғи равшани барқ.
Мезанам аз хомаи худ симчӯб,
Мекашам хатти баланди барқ аз болои дафтар.
Бар тамоми шаҳрҳои орзуям
Дар ҳама шабҳои торик.
Ман зи кӯҳи Вақт нақбе меканам
Ҳамчуноне нақби Ёвон,
Ҳаму нақби Данғара,
То намоям рӯзҳои ташнаи бигзаштаамро обёрӣ,
Даштҳои орзуи ташнаамро обёрӣ...

## ВАХШИ МО

*Вахш, Худои яккаву ягона...*
(Сангнабиштаи музеи Калкутта)

Эй беҳин рӯди ҷаҳон, эй Вахши мо,
Эй ту, рӯди рӯшноибахши мо.

Обрӯву ному ору нанги мо,
Вахши мо, эй Нили мову Ганги мо.

Вахши мо, вахшури мо, ганҷури мо,
Рӯдбори дар ҷаҳон машҳури мо.

Вахши мо, шоистаи шеъру суруд,
Бод бар ту сад санову сад дуруд.

Бахш андар бахш Вахшони манӣ,
Рахш андар рахш рахшони манӣ.

Мавҷи ту ранги дурафши Ковиён,
Дар ту пайдову ниҳон фарри Каён.

Аз ту сад хуршед нур ояд падид,
Нурполо рӯд мислат кас надид.

Нораки ту нури чашми кишвар аст,
Сангтӯда мутаккои дигар аст.

Чашми мо то сӯи Роғун боз шуд,
Бар Ватан даври наве оғоз шуд.

Мешавад Роғун дили барқи Ватан,
Офтоби дигари шарқи Ватан.

## РОҒУН

Гарчи ҳоло меравад пурпечу тоб
Аз миёни тангноҳо Вахши саркаш бошитоб,
Гарчи андар шомҳои тори Роғун
Медурахшад як-ду се ҷое чароғи барқ акнун,
Гарчи ҳоло аз садои агрегатҳои қатор
Мужда бахшад ғурриши чанде трактор,
Ман вале бинам зи пушти пардаи Вақт
Ҳамчунон дар рӯзи равшан:
Карда пеши Вахшро девораи сарбанд банд,
Карда сарбанди баландаш сарбаланд.
Вахш умре буд андар пои кӯҳ,
Дур буд аз сарбаландиву шукӯҳ,
Сар кунун бинҳода ӯ бар дӯши кӯҳ,
Ҳалқаи барқӣ зада бар гӯши кӯҳ,
Аз канораш карда пур оғӯши кӯҳ.
Баъд аз ин Роғун дигар шабро набинад,
Баъд аз ин хуршед аз сарбанди Роғун
Хоҳад сар кашид,
Гӯиё хуршеди дигар
Нурафшон мешавад аз домани Роғун,
Гашта рӯзаш олмафрӯз,
Шоми ӯ монандаи рӯз.
Равшанӣ меоварад дар шоми торик
Орзуҳои наҷиби халқи тоҷик.
Набзи аср аст агрегатҳои қатораш,
Иқтидори дасту бозуи матини мардуми мост
Иқтидораш.
Қад кашида симчӯбаш – ҳамрадифи кӯҳсорон,
Қувваи хатти баландаш – ҳамрадифи рӯҳи инсон.

Мешавад бунёд Роғун
Бо шууру ҳиммату неруи дасти коргар,
Бо суботу азми рӯҳи қаҳрамонхалқи диловар!

## ПАЁМИ РОҒУН

Ту, эй биншаста андар дили шаб интизорам бош,
Ки инак бар шаби зулмоният чун офтоб оям!
Паёми нур меорам!
Паёми нур меорам!
Чу пайки зиндагониву навиди инқилоб оям.

Ҳамон рӯди хурӯшонро,
ки чун зиндоние дар маҳбаси сангин
Равон буд барҳадар умре,
Ҳамесозам кунун озод ман аз қолаби соҳил.
Хурӯшон буд як умре, ки боре рӯи ту бинад,
Муродаш мекунам ҳосил.

Бигӯ, эй торикӣ бигрез,
Ки ман хуршеди рахшонам,
Фурӯ бишкан хамӯширо.
Суруди зиндагиро хон, хурӯш ангез....

## ДАР ҶАВОРИ ОФТОБ

Дар гумони ман зи даврони куҳан
Ҳар касе буда агар равшанзамир,
Гармҷону босахову меҳрубон,
Мешудӣ парвонааш барнову пир.

Давр мегарданд гирдаш, то шаванд
Аз сахову гармии ӯ баҳраёб,
Аз ҳамин рӯ, умрҳо шояд замин
Давр мегардад ба гирди офтоб.

Аз ҳароси сардии бӯрону барф
Бар талоши зиндагиву навбаҳор,
Панҷа бар домони хуршедаш будӣ,
Дар мадори шамс буд ӯро мадор.

Эй замин, сайёраи хуршедхоҳ,
Баъд аз ин дар хештан меҷӯ паноҳ,
Мекунад Роғун туро равшанзамир,
Нурбору гармҷону босахо.

Мешавад Роғун дили гарме туро,
Мешавӣ ҳамиқтидори офтоб,
Баъд аз ин хуршеди дигар худ туӣ,
Офтобе дар ҷавори офтоб!

* * *

Хуршед мекашад сар дигар зи НОБ-и Роғун,
Гардад замон мунаввар аз офтоби Роғун.
Гардон шавад мадораш, агрегати қатораш,
Афзуда иқтидораш аз инқилоби Роғун.
Шуд манзили нав обод аз халқи соҳибиршод,
Даври наве шуд эҷод аз интихоби Роғун.
Ҳар мавҷхези обаш аз рӯди пуршитобаш
Шуд бар ҳазор пурсиш айни ҷавоби Роғун.
Монанди Рахши саркаш шуд ром Вахши пурғаш,
Шуд обу тоби халқаш чун обу тоби Роғун.
Нури фарри каёнист, осори қаҳрамонист,
Бемисл сохтмонест амри савоби Роғун.
Хоҳӣ, ки гар зимистон гардад чу навбаҳорон,
Пиру ҷавон ба по шав бо як хитоби Роғун.
Ин мулки бостон аст, аз ройи ростон аст,
Сад шеъру достон аст андар китоби Роғун.

## РУБОИЁТИ РОҒУН

Ту эзади рӯдҳои дунёӣ, Вахш,
Шоистаи бас дуруди дарёӣ, Вахш,
Донам ба яқин, ту аз Авасто оӣ,
Аз домани кӯҳсори Асто оӣ.

Эй Вахш, сароғози ҷаҳоне дар туст,
В-он фарри ниёкони каёнӣ дар туст.
Беҳрӯд туиву Доитирӯд туӣ,
Бас рози нуҳуфтаву ниҳоне дар туст.

Эй Вахш, ту дарёи гуҳарволоӣ,
Аз саргаҳи таърихи башар меоӣ.
Ту рӯди муқаддасӣ, ниёиш бар ту,
Эй дар лаби ман шеъри ситоиш бар ту.

Ту рӯди фарофаринӣ, эй Вахш, эй Вахш,
Бо фарри каёнии ниёӣ мерахш,
Эй беҳ зи ҳама рӯд, дурудат гӯям,
Эй нури алонур, ту нурам мебахш.

Пайваста сипосу бас ситоиш бодат,
Пайғому дуруду бас ниёиш бодат.
Эй Вахши накӯ, бод фаровон обат,
Сарчашмаву чашмаи кушоиш бодат.

Равшан шавад олам зи чароғи Роғун,
Пурбор шавад Ватан зи боғи Роғун.
Сарсабз шавад ҷаҳон зи роғи Роғун,
Хуршед биёяд ба суроғи Роғун.

*1980 – 2009*

## РАСУЛИ ШЕЪР

*Ба ёди Расул Ҳамзатов, шоири Доғистон*

Расули Ҳамзати шоир,
Расули ҳазрати шоир,
Паёми шеър овардӣ зи Доғистон
Барои умматони шеър,
Зи пайғомат ҷаҳоне гашт шеъристон.

Расулон гар ҳаме соҳибкитоб оянд,
Расулӣ ҳам туву дорӣ китоби шеър.
Сухан, гўянд, аввал худ Худо буд,
Ҳаме шоир Расул аз ибтидо буд,
Расул аз шеъри воло буд.

Ту медонӣ,
Суҷуди шоирон дар лаҳзаи илҳом
Сўи қиблаи шеър аст.
Набошад ҷуз ниёзи меҳр аз бори Худо чизе,
Ниёзи шоирон шеър аст,
Намози шоирон шеър аст.

Тамоми шоирони даҳр аз як мазҳабу динанд,
Миёни шоирон бегонагӣ дар расму ойин нест,
Забоннофаҳмиву дилношиносӣ,
Тафовут дар миёни миллату дин нест,
Тамоми шоирони даҳр
Зи дини дилшиносиянд,
Лекин мункири кинанд.

Агар шеър аз забони дил шавад ифшо,
Тафовут дар забону шеваву миллат намемонад,
Чу шеър ояд расули давлати дилҳо,
Яқин девору марзу сарҳаду давлат намедонад.

Расули Ҳамзати шоир зи Доғистони минуӣ,
Расули сарзамини нуру зебоӣ,
Расули ошиқони безабону ишқи волоӣ,
Сурудат шуд сари гаҳвораҳо овои лолоӣ.

Чӣ гӯям аз расулии бузургият, Расули шеър,
Чӣ гӯям аз бузургии расулият, бузурги шеър.
Бузургӣ гарчи худ вобастаи халқу маҳал,
Мулку диёре нест,
Бузургӣ гарчи худ вобастаи қавму таборе нест,
Ту собит кардаӣ, ки қавми хурде ҳам
Тавонад офарад баҳри ҷаҳон чун ту бузургеро.

Расулонанду шоирҳо
Набитвонанд будан хосаи қавму табори хеш,
Намегунҷанд дар мулку диёри хеш,
Ки маҳбуби ҳама қавму табор астанд,
Ки мансуби ҳама мулку диёр астанд…

Бузургон ҷойгоҳи ҳайкали худро
Канори ҷодаҳову дар хиёбонҳо намеҷӯянд,
Ба номи хеш майдонҳо намеҷӯянд.
Бузургон номи худро
Дар китобу номаву дафтар намеҷӯянд,
Мақоми хешро дар маснаду минбар намеҷӯянд.

Бузургонро мақому ҷой қалбу синаҳо бошад,
Бузургонро мақому ҷой рӯи дидаҳо бошад,
Хушо, бар он бузурге,
Мисли ту ҷояш
Қатори турнаҳо бошад[1]...

---

1. Ишора ба «Турнаҳо» ном шеъри Расул Ҳамзатов.

## ШОИРИ ХАЛҚУ МИЛАЛ

Шод бод он шоири ин рӯзгор
Хуни дил омехт ӯ бо шеър,
Шуд қаламчӯбаш аламчӯб,
Шеърро боло намуда чун шиор.
Чун шиоре, ки шуда ҳаккокӣ дар девори дилҳо,
Чун шиоре, ки баланд аст
Дар сари девори дунё.

Шод бод он шоире, к-ӯ
Дар суроғи сарҳади шеър
Бемадоро
Аз худу аз сарҳади дунё гузашт,
Аз худу аз давлати дунё гузашт.

Хотири ӯ бо ҳавои шеър одат кардааст,
Дар дилаш овардааст ӯ ихтиёрӣ
Дарду иллат –
Дарди дил, дарди замон, дарди забон,
Дарди миллат.
Дарди ӯ бас бо давои шеър одат кардааст,
Гӯши ҷонаш бо навои шеър одат кардааст.

Гарчи шеъраш ҳаст саҳли мумтанеъ,
Зиндагияш нест осон,
Сахт душвор аст.
То ба мисраъ мисрае зам кард,
Қатра аз хуни ҷигар не,
Чун чароғе сӯхта аз умри худ кам кард,
Хешро ӯ хор карду
Шеърро бас арҷманду мӯҳтарам кард.

Омади ӯ омади шеър аст,
Рафтани ӯ рафтани шеър...

Дар раги ӯ хуни шеър аст,
Дар тани ӯ нест ҷонаш,
Бал бувад андар тани шеър.

Офарин бодо бар он шоир, ки худсозӣ кунад,
Бе суханбозӣ сухансозӣ кунад.
То намирад шеър дар лабҳои зинда,
То намирад шеър дар лабҳои гӯё,
То ки шеър имрӯз ҳам бошад
Беҳ зи дина,
То ки шеър имсол ҳам бошад
Беҳ зи порина.
Лафзи худро кай барад аз ёд.
Лафзи худро медиҳад ёд
Бар дарахту чашмаву бод.
Ҳар куҷо бинад, ки лафзе дар забоне занг баста,
Аз тароват мондаву ожанг баста,
Бо сухан занги забонро мезудояд,
Ӯ ба нӯги хома ожанги замонро мезудояд...

...Ҳайф, андар ин замона,
Ҳайф, дар ин рӯзгор,
Шоири қавму маҳал осон шудан,
Шоири миллат шудан бисёр душвор.
Шоирон камтар шуданду нозимон бисёр,
Нозирон бисёр...

Ҳувият ҳар гуна бошад дар вуҷуду ҷони шоир,
Шеъри ӯ ҳам мешавад он гуна изҳор,
Дархӯри андешаи худ шеър хоҳад гуфт зинҳор.
Гар сиришташ ҳаст миллӣ, шоири миллист шоир,
Гар маҳаллист он, маҳаллӣ мешавад, бешубҳа, зоҳир.
Аз маҳалбозӣ бурун гаштан яқин
Шоиронро шоири миллат кунад,
Аз маҳалбозӣ бурун гаштан чунин
Ин касалро орӣ аз иллат кунад.

Шоири миллат будан бошад писанд,
Ту ба дасту пои худ банди маҳалбозӣ мабанд.

Кай раво бошад, ки хонӣ шоири халқу милал
Шоиреро, ки бувад андешаи қавму маҳал,
Кай тавонӣ хонд боре шоири озодааш,
Дар сараш бошад хаёли хешу хоҳарзодааш.
Кай тавон ҳам хонд ӯро шоири халқ,
Дар сараш набвад ба ҷуз аз фикри ҷайб,
Дар дилаш набвад ба ҷуз аз ҳирси ҳалқ…

Офарин боду сано бар шоире
Зиндагияш достони миллияст,
Сатру ҳарфу шеъру байти ӯ
Суруди ҷовидони миллияст.
Дил даруни синааш рамзу нишони миллияст,
Дафтари ӯ парчами партавфишони миллияст!

## БА ҲАМ ОЕМ

Эй миллати озодаву пурзаҳмати тоҷик,
З-ин пеш яке шафқати таърих надида.
Бас гушна ба хони худу овора зи хона,
Озурдаву бечора шуда, ранҷ кашида.

Бас пора шуда аз дами шамшери Сикандар,
Овора зи Чингиз ба ҳар буму ба ҳар дар.
Аз теғи яке дида ҷароҳат ба сару по,
В-аз дасти дигар тарк ба ҳар зову ба ҳар ҷар.

Аз ҳиссаи таърих ҳар он чи ки расидат,
Шамшер буду теғ буду гурзи гарон буд,
Ободгари хонаи таърих ту будӣ,
Худ ҳосили дасти ту насиби дигарон буд.

Акнун маҳали ваҳдату айёми сипос аст,
З-он ки шудӣ аз шафқати тақдир ту миллат.
Бар рағми ҳама бесариву барбарии даҳр
Бар хеш ту соҳиб шудиву соҳиби давлат.

Фориғ набуда душманат аз душманӣ арчи,
Ту хеш пайи душмании хеш фитодӣ,
Бо кундаву завлонаи ҳамшаҳргароӣ
Бар пои худу гардани худ банд ниҳодӣ.

Эй миллати озодаи ман, миллати тоҷик,
Худ гаштаӣ пора ба шимоливу ҷанубӣ,
Кам буд магар пора шуданҳот ба таърих,
К-ин дам ба сари хеш дигар мушт бикӯбӣ?!

Дасти дигарон, бин, ки гирифтаст кушоиш,
Дасти ману ту лек гиребони ману ту.
Сад дом шикаста дигарон бар раҳу, э вой,
Аз домбараҳмонии пинҳони ману ту.

Дар ҳеҷ кучое набувад, он чи дар ин ҷост,
Дар байни ману ту – «ту аз ин ҷо, ман аз он ҷо.»
Ин хок саросар бувад ар кишвари тоҷик,
Пас айби фалон чист, ки бошад зи фалон ҷо.

Ҳаммиллату ҳамқисмату ҳамхуну бародар,
Ҳамкишвару ҳамхонаву ҳамирқу нажодем,
Ин иллати ҳамшаҳру маҳалчӣ зи чӣ сар зад,
Тафриқа чаро бар ману бар мо бниҳодем?!

Эй миллати озодаи ман, вақт расида,
Чун оби зи ҳам рафта биёем ба ҳам боз,
Аз Вахшу Ҳисору зи Хуҷанду зи Бадахшон,
Аз Ғарму зи Кӯлобу Зарафшону зи Дарвоз.

*с. 1992*

## ГИРЯИ ОБИ КАБУД

*(Ёди шаҳидони зилзилаи Ҳоит)*

Ин Рӯди Кабудро[1] бувад об кабуд,
Он шоми сиёҳ дида буд хоб кабуд,
Он дам ки фитод сарнагун Кӯҳи сафед,
Хуршед бишуд сиёҳу маҳтоб кабуд.

Он рӯзу маҳу сол чӣ гӯям, ки чӣ шуд,
Бедод аз он ҳол, чӣ гӯям, ки чӣ шуд,
Гар равғани чилсола даво хоҳад буд,
Аз ғуссаи чил сол чӣ гӯям, ки чӣ шуд.

Шуд кӯдаки гаҳвораву модар таҳи хок,
Хоҳар таҳи хоку ҳам бародар таҳи хок,
Кӣ дар ғами хешу ақрабо мегиряд?
Шуд хешу табор ҷумла яксар таҳи хок.

Кӯҳ гашта пушаймон дигар аз кардаи худ,
Он лаҳза, ки шуд бохабар аз кардаи худ,
Дар дидаи ман бо сари хам менигарад,
Овард ба ёд ӯ магар аз кардаи худ.

Ин Рӯди Кабуд ранги мотам дорад,
Мотам дорад, ки чашми пурнам дорад,
Мепечаду мехурӯшаду мегиряд,
Монед бигиряд, ки дилаш ғам дорад.

Бар рӯҳи шаҳидон ҳама гӯем дуо,
Бошад, ки биёмурзад аз он ҷумла худо,
Ойина бувад, ки бингарӣ он ҳамаро,
Дастон, ки ба пеши рӯ барӣ баҳри дуо…

*1989*

---

1. Оби кабуд – номи рудест, ки аз паҳлуи Ҳоит мегузарад. (*муаллиф).*

* * *

Ёдбуди он шаҳидони пурармон ёд бод,
Манзили пурнурашон дар охират обод бод.
Аз сарат, Ҳоит, агар панҷоҳ соли ғам гузашт,
Рӯҳи нокоми азизонат, илоҳӣ, шод бод!

Ҳоит, аз ёди шаҳидонат дилам нотоби ту,
Чун азизони ба зери кӯҳи андӯҳ хоби ту.
Ман дуои ёдгорӣ мекунам панҷоҳ сол,
Ашки ман Оби Кабуду синаам Сурхоби ту.

*1999*

## ГИРИСТАМ...

*(Бар асари фоҷиаҳои соли 1992...)*

«Субҳе ба тоҷи бесари миллат гиристам[1]»,
Бар вожгуна минбари миллат гиристам.
Ҳайфо, ки дастранҷи ниёкон зи даст рафт,
Бар фарри рафта аз сари миллат гиристам.
Дардо, ҷилои ахтари толеъ дигар натофт,
Бар марги нури ахтари миллат гиристам.
Ҷайҳун гирист чашмаму Сайҳун ҳаме дигар,
Аз доғу дарди бемари миллат гиристам.
Лофу газофу ҳарзаву ҳазён чу шуд зиёд
Аз маснаду зи минбари миллат, гиристам.
Дар хоки тира хуфта басо номдори ӯ,
Бо ҳой-ҳойи модари миллат гиристам.
Афсӯс, ҷому соғари базмаш шикаста шуд,
Боре ба ҷому соғари миллат гиристам.
Миллат зи мо ниёзи мадад орзу кунад,
Бар кӯру гунгу бар кари миллат гиристам.
Нолам аз он ки болу пари ӯ ҳама бирехт,
Бишкаста шуд чу шаҳпари миллат, гиристам.

1. Ду мисраъ ва тазмин аз устод Лоиқ.

Дидам, ки навҳа мезанад ӯ бар мазори худ,
Биншаста, дар баробари миллат, гиристам.
Бас доварии довараш аз боварам бирафт,
Бар доварии довари миллат гиристам.
Бас лофи сарварӣ зада як зумра бебасар,
Аз бесарии сарвари миллат гиристам.
Дардо, ки рӯзи маҳшари миллат расида буд,
Дар гирудори маҳшари миллат гиристам.
Бар тика-тика хоки ватан кардаам фиғон,
«Бар пора-пора пайкари миллат гиристам»...

**КИТОБ**

Ҳаст ҳамчун саргузашти одамӣ
Саргузаште, ки ба сар дорад китоб.
Мисли одам омад ӯ аз осмон,
Дар замин шуд қисматаш пурпечутоб.

Шуд ба номи ҳазрати Одам нузул
Чун гиромӣ нома аз номи Худо.
Баъд омад бар расулони дигар
Ҳамчу ваҳйу амру илҳоми Худо.

Буд муқаддас, нури дида, тоҷи сар,
Ҳамчу пайғоми Худо бар одамон.
Ҳар ки аввал бурда сар рӯи китоб,
Баъд аз он оварда рӯ бар осмон.

Ҳар касе мешуд муҳоҷир аз ватан,
Ҳар касе мешуд мусофир аз ватан,
Кӯзаи обе агар дар пушт дошт,
Ҳам китобе сахт андар мушт дошт.

Бас китобе ҳаст, к-онро будааст
Ҷой андар дидаву болои сар,
Мӯъҷиза бисёр буда дар ҷаҳон,
Лек эъҷози китоб омад дигар.

Аз миёни халқҳои бешумор
Буд нахустин халқи мо соҳибкитоб.
Буд илмаш чун фазои бекарон,
Буд фарҳангаш чу нури офтоб.

Бар тамоми халқи дунё мерасид
Қиссаву дастону панду ҳикматаш.
Дафтару девон, китобу номааш
Шуд далел аз ҳикмату аз ҳимматаш.

Охир аз ин сӯву он сӯ сар кашид
Душмани таъриху фарҳанги диёр,
Карда помолу басе оташ бизад
Шаҳру деҳ, девону дафтар бешумор.

Дар Бухоро Чингизи хунхор зад
Оташе бар маснаду Кохи китоб.
Бар сари мо ҳар касе лашкар кашид,
Сӯхт ӯ хатту китоби беҳисоб.

Буд манори илму фарҳанги замон
Ҳар куҷо боло чу шуд калламанор.
Душмани мо чун будӣ фарҳангкуш,
Сохт кох аз каллаи аҳли диёр.

Ҳамчу аҳли илму фарҳанги ҷаҳон
Шуд китоб андар дами кину ситез.
Шуд чу болодаст хасми маърифат,
Андар оташ бас китобе сӯхт низ.

Чун набитвонист нобудаш кунад,
Не ба куштан, не ба ҷангу бо итоб,
Ҳам аду бар худ китоб эҷод кард,
Гашт душман пас китобе бо китоб.

Ончуноне одамӣ бо одамӣ
Ҳам китобе бо китобе шуд ба ҷанг,
Гашт олам танг агар баҳри башар,
Гашта аз баҳри китоб он низ танг.

Бас китобе гашт иншо барҳадар,
Заҳрогин, муғризу фарҳангкуш.
Тиру шамшери адӯ н-омад ба кор,
Бо китоб акнун шуда дар ҷангу ҷӯш.

Аз ҳама ҷанги ҷаҳонӣ сахттар
Ин замон ҷанги китобу коғаз аст.
Ранги сулҳу ранги ҷанг ояндаҳо
Бешак, аз ранги китобу коғаз аст.

Ҳамчу сарбози қавирӯҳу далер
То китоби мо бувад бообутоб,
Боядо ҳушёр буд аҳли китоб,
Боядо пуркор буд аҳли китоб.

## ОДАМИЯТ

Одамият чист? Тифли ақли худ,
Дар пайи бозичаи буду набуд.

Кӯдаке дар бозии футбол ӯст,
Сархуши ҳайҳуи як-ду гол ӯст.

Аз ғурури ваҳм сарсон мондае,
Дар хами як кӯча ҳайрон мондае.

Одамӣ аз асли худ шуд бехабар,
Хешро афканд дар пушти назар.

Баски худбин буд, худиро ӯ надид,
То ниқоби бехудӣ бар рӯ кашид.

Гарчи хайма рӯи моҳ ӯ барфарохт,
Осмонро сохту худро насохт.

Гарчи зирак гашту ақлаш мӯшикоф,
Монд ҳайрон аз ҳуҷуми як газоф.

Ман ҳамегӯяд, намедонад, ки кист,
Ҷон ҳамегӯяд, намедонад, ки чист.

Дилхуши эҷоди як тайёра ӯст,
Сархуши кашфи яке истора ӯст.

Мекашад ӯ бар фалак ҳар қадр сар,
Меравад аз хештан ӯ дуртар...

Хешро чун моли дӯкон мехарад,
Баҳри савдо боз дӯкон мебарад.

Мебарад ӯ мебиёрад, мебарад,
Мехарад ӯ мефурӯшад, мехарад.

Дар тилисми ваҳм карда сарпаноҳ,
Кардааст аз пушти худ ӯ кӯр роҳ.

Одамӣ дар дасти худ бечора аст,
Дар сиротал мустақим овора аст.

Ӯ ба ваҳми хеш чун дар чаҳ фитод,
Сӯ ба сӯ рӯ сӯи бесӯӣ ниҳод.

## БАРОИ АКАДЕМИК ҒИЁСИДДИНИ МЕЪРОҶ

Нигоҳи ту – шифои Бӯалии Синоӣ,
Ва дасти ту ба ҷонбахшӣ – дами масеҳоӣ.
Сапед мӯи ту шуд, хилъату дилат испед,
Сапеда дар сапедиву сапед меоӣ.
Чи ранҷҳо, ки беморе шабони торик дид,
Вале ба ҷони он хаста умеди фардоӣ.
Басо кас аз раҳи бозор мераванд имрӯз,
Туӣ, ки аз раҳи дил меравию меоӣ.
Ситода пеши чашми ман чу қуллаи кӯҳӣ,
Чу чашмаҳои куҳистон ба лафзи шевоӣ.

Чи ал-ғиёс бигӯяд басе ҷавону пир,
Сазои меҳру лутфу аҳсану дуоҳоӣ.
Саломати туро ман орзу кунам умре,
Ту худ ба орзуҳои саломати моӣ.
Барӣ ҳазор ғуссаву диҳӣ басе шодӣ,
Ҳар он ки аз ту дорад инчунин таманноe.
Ҳар он табиб, к-ӯ қадри сухан ҳамедонад,
Замон басе бидидаву ту лек яктоӣ.

## ҒАЗАЛЕ ДАР РАДИФИ НОМИ СУРУДҲОИ УСТОД ЗАФАР НОЗИМ

«Дида менолад» зи «Чашми маст»-и ту, «Нозукбадан»,
«Шохаи бишкаста»-ам, «Гулдаста»-и ман, «Моҳи ман».
«Ғамгусори ман», «Парирӯ», «Як-ду дам» «Хоҳад гузашт»,
Бо «Табассум», эй «Гули хандон, биё», «Дар анҷуман».
Эй «Гули ман», «Ассалом», «Охир нигоҳе боз кун»,
«Моҳи ҳаждаҳсола», хоҳам «Шона бар мӯят» задан.
Дар «Адабгоҳи муҳаббат», «Интизорӣ», «Ёд бод»,
Бо туам «Рӯи ба рӯ», «Ҷононаи ман», дар чаман.
«Офтоб», «Эй Зӯҳра», шуд «Масти тараннум», «Ин саҳар»,
«Сорбон», «Имшаб», «Шабат хуш бод» дар дашту даман.
«Гулрухони пахтачин» дар «Кишвари соҳибзафар»,
«Тоҷикистон»-и азиз, «Эй кишвари ман», эй Ватан.
Бо «Сиёҳчашмак», «Ҷавонони садоқатманд», бин,
Дар дилам «Ғам офариданд» аз ҷаҳони макру фан.
Бо «Шароби лаъл»-ат, «Ало, ё айюҳассоқӣ»-ё,
Кай «Муяссар гашта бошад», «Ҳамдами хубон» шудан.
Гӯ ба ман, «Шоҳин,[1] куҷоӣ», эй «Уқоб»-и осмон,
То шавад «Булбул зи ту омӯхта» ширинсухан.
То «Рухат дидам», «Муҳаббат», «Ақли пуртадбир кард»,
Аз «Насиҳатнома», «Пирона кашидам сар» ба тан.
То «Туро ёбам», маро «Хона надорад» гуфтаанд,
«Як тараф», «Рафтам ба ҷустуҷӯят», эй ҷонони ман.

---

1. Шоҳин – яке аз дӯстон ва ҳамсӯҳбатони наздики устод, ки ҷавонмарг шуда буд.

«Духтари Ҳоит» кунад «Эҳёи Ҳоит», «Модар»-о,
«Чашми Сурайё» ба сӯи ин «Арӯс» андар чаман.
«Эй ситамгар», аз «Шароби дӯшин»-ат як ҷуръа деҳ,
Бо ту ман «Ҳамсоя бошам» булбули ширинсухан.
Пеш о, «Ҷоно, ба ноз», «Андоза гум» ҳаргиз макун,
Бо «Саҳарноз» ояд аз «Санги мазор» оҳанги ман...

## БАРОИ КИМИЁ

Бас шаби торику боронист, кош ту равшан кунӣ онро,
Ҳар гаҳе ҷон мешавад беҷон, ҷон диҳад овози ту ҷонро.
Ту дар он сӯ, ман дар ин сӯям, дар миён оинаи нилин,
Чун кунам пинҳони пайдоро,
чун кунам пайдои пинҳонро?
Имшаби торику боронӣ дури дур аз ҷумла ёронам,
Дар садои ту ҳамеҷӯям ман дигар овои ёронро.
Дар миён оинаи нилин гӯиё девори зиндон аст,
Чун шигофам рахна бар девор,
афганам бунёди зиндонро?
Ман ба борон мекунам одат, рафтаам аз ёди ёронам,
Баъд аз ин ман ёри боронам, хондаам бар ёд боронро.
Кимиёӣ, кимиёӣ кун, ин миси дилро тилоӣ кун,
Ошноё, рӯшноӣ кун ин шаби торику зулмонро...

## БАРОИ ИБОДУЛЛО МАШРАБ

Нест нақше беҳ зи нақши зодан аз модар агар,
Зодани дигар бувад дар саҳна бар марди ҳунар.
Саҳнаи нақшофарӣ гар нусхае аз зиндагист,
Саҳнаи гардуни гардон бозие дорад дигар.

Ман ба ҳар як пардаву ҳар нақш аз нав зодаам,
То ба нақши худ гирифторам, басе озодаам.
Тарк кардан нақши худ дар саҳна марги дигар аст,
Дӯстон, сад бор пушти саҳна ман ҷон додаам...

Будаам дар саҳна гаҳ бо шеваи искандарӣ,
Кардаам гаҳ бо шукӯҳи Оли Сомон сарварӣ.
Давлате дорад ҳавои саҳнаи аҳли ҳунар,
Дорад он аз давлати рӯи ҷаҳон бас бартарӣ.

Ман басе бозидаам нақши бузургонро агар,
Будаам дар нақшҳои ину он бисёртар.
Эй ки мепурсӣ, кадомин нақш бар ман мушкил аст,
Баҳри ман дар нақши худ будан бувад душвортар.

## АНДЕША

Эй бародар, ту ҳамин андешаӣ,
Мобақӣ ту устухону решаӣ[1].

Ҳар куҷо андеша шуд, он ҷо шудӣ,
Дар пайи андеша нопайдо шудӣ.

Аз дили андеша гарчи растаӣ,
Дар буни он боз худро бастаӣ.

Тор буд андешаву андеша пуд,
Аввалу охир ҳамин андеша буд.

Эй рафиқи мӯҳтарам, бар худ писанд,
То ки бошӣ дар ҷаҳон андешаманд.

Дар ҷаҳон бисёр бошад пешаҳо,
Пешае беҳ набвад аз андешаҳо.

Эй ки мегӯӣ сухан раҳро кушуд,
Дар нахуст андеша буд, андеша буд.

Ҳар чи бошад дар ҷаҳон болову паст,
Ҳин, ҳама андар раҳи андеша аст.

Ту макун андешаро аз дил бурун,
То наояд ҷои он селоби хун...

1. Байт аз Маснавии Мавлавист.

## ХОҶА ОБИ ГАРМ

Варзоб хуш асту Хоҷа Оби гармаш,
Осоиши ҷон бувад ҳавои нармаш,
Бар дард агар оби шифояш хуб аст,
Бар ҷону ба дил боду ҳавояш хуб аст.

Эй дӯст, биё ба ҳам савобе талабем,
Аз Хоҷаи Оби Гарм обе талабем,
Ин об ба ҷону дил сафо мебахшад,
Бар решаи дардҳо даво мебахшад.

Мислаш ба ҷаҳон об набошад ба сиришт,
Ин об магар расида аз ҷӯи биҳишт.
Осоиши ҷон бувад дар ин оби сафо,
Оромиши ҷон бувад дар ин буғи шифо,

Дорем зи даргоҳи Худованд талаб,
Онро ба давои дарди мо соз сабаб.
Аз буғи шифобахши аҷибаш андак,
Аз дасти давобахши табибаш андак.

Ҳар гаҳ, ки нишинӣ ба дами буғи бухор,
Андар тани сарди ту расад бӯи баҳор.
Сад гуна шифост, гар шифо металабӣ,
Дармону давост, гар даво металабӣ.

Эй Хоҷа, бикун ба оби гармат нармам,
Аз нав бинамо ба зиндагӣ дилгармам.
Эй об, шафоатам кун аз баҳри Худо,
Бедарду саломатам кун аз баҳри Худо!

## НАВОБОД

Эй Навободи навозода,
Чеҳраи ту поку озода,
Обҳои ту сухангӯянд,
Бодҳои ту суманбӯянд.

Сорбоғи ту сароғозам,
Санги кар умре ҳамовозам.
Мактаби ман, устоди ман,
Дафтари ҳарфу саводи ман.

## АҶУЗА

Қалам –
Аҷузаи сиёҳкор,
Фикри ману
Андешаҳои маҳрами маро
Гуфта будам,
Ки фош намекунам,
Лекин ту рӯву таҳ намуда
Фош мекунӣ.
То кай маро ба рӯи сафҳаи сафед
Сиёҳ мекунӣ?..

## СОАТ

Ин субҳдам
Соате,
Ки бо ақрабаки пошнаҳо садо медод,
Дар хомӯшии кӯчаи мумфарш давр гашт.
Ва моро зи хоби саҳар бедор кард.
Зеҳнам бо коҳилии одатӣ ки дошт,
Дарёфт маъние –
Бархез, ки умр меравад…

## ХОНАИ ТУ

Дирӯз
Хонаи ту рӯи хуше ба ман надод,
Бо хонаат маро имкони гуфтугӯ нашуд.
Дар шоми кӯча
Ӯ бедареғу коҳилу фориғ
Истода буд,
Чашми тиреза нимбаста
Аз пилки пардаҳо

Ва сутуни даст бар чаккаи сар ниҳода буд.
Пӯшида аз ҳароси борон кулаҳбоми оҳанин,
Лабҳои дар ҳаме баста…
Гуфтам даҳони дар агар ки во шавад
Ҳарфи ширини қоматат берун шавад аз он…
Аммо
Дирӯз хонаи ту
Рӯи хуше ба ман надод,
Ҳарфе ба ман нагуфт…

* * *

Ман
Чаҳор фасли як нафасро
Дар вуҷуди хеш
Наметавонам бетаамул эҳсос кунам,
Вақте ҳанӯз нафас наомада
Дар димоғи ман ҳавои зимистон аст.
Бо омади нафас
Дар дилам баҳор мерасад,
Биншастанаш чу тобистон
Фасли хурӯшонӣ ба шарёнҳост.
Ва аммо рафтанаш
Тирамоҳ аст,
Оҳ аст...

* * *

Ӯ пойҳои худро
Ба ҷурми кӯтоҳӣ
Буридааст
Ва акнун
Пойҳош чӯбин бувад.
То як сару гардан фароз гардад.
Ва аммо «Пои чӯбин
Сахт бетамкин бувад[1]...»

---

1. Мисраъ аз Маснавии Мавалавист.

## МӮЙСАФЕД

Дар хиёбон меравад оҳиста-оҳиста, асо бар даст,
Ӯро мешиносам ман...

Чашми ӯ бар раҳ,
Дигар сӯе намебинад,
То хаёлам меравад дар саргузашти ӯ,
Бинам аз пеши назар хоно
Сатрҳои сарнавишти ӯ.

Бар асои чун алиф дар дасти ӯ
Бингарам чун ёдгоре,
Ёдвори қоматаш, к-андар ҷавонӣ чун алиф буд рост
В-он алифи қоматаш шуд дол.
Мекунад нӯки асояш рӯи раҳ тук-тук,
Мерасад бар гӯши ман ҳамчун савол,
Мерасад бар гӯши ман монанди ку, ку?..

Ӯ, ки ворид шуд даме бар хонаи пирӣ,
Пушти дар бигзошт
Асои қоматашро.
Бо асои қомат андар хонаи пирӣ
Ворид шудан манъ аст.

Гарчи ӯ бо қомати андар ҷавонӣ чун хитобаш
Аз хату сатри китоби роҳҳои зиндагӣ бигзаштааст,
Зери бори зиндагонӣ кам-камак шуд қоматаш хам,
Кам-камак охир хитоби қоматаш шуд чун савол,
Бар саволи қоматаш акнун ҳамеҷӯяд ҷавоб,
Бар саволи «Ку ҷавонӣ?»

Ин саволи қоматаш аммо
Чун саволи рӯи дафтар нест оддӣ,
Ин саволе бар ҳазорон розу асрор аст,
Ин саволи охирин сатри китоби зиндагист,

Лек рӯзе
Аз лаби гӯре, ки во хоҳад шудан,
Посухаш хоҳӣ шунид.

Дидаам боз
Оби шӯри зиндагонӣ
Ҳамчунон шӯра ба мӯи ӯ дамида.
Чашмҳояш чун магасҳои сиёҳи бемадор
Дар миёни торҳои анкабути чину ожанги кашида
Бо боли мижгонҳо тапида.

Дастҳояш ҳамчу моҳиҳои пир
Уфтода дар миёни доми рагҳои дамида.
Берун афтода дигар
Аз рӯди нерӯи ҷавонӣ,
Бо рамақҳое тапида.

Чеҳраи ӯ як замоне
Аз хатти сабзи шукуфтанҳо башорат дошт,
Гунаҳои сурхи ӯ бар лолазороне ишорат дошт,
Чеҳраи ӯ ин замон саҳрои беҳосил шуда,
Оби чашм аз ҷӯяи ожангҳояш
Меравад ҳарчанд беист,
Лек андар мазраъи рӯяш дигар фасли хазон аст...

Ин баҳорон ё баҳорони дигар
Лолаи доғи диле аз рӯи гӯре
Мекашад сар,
Сабзаҳои ормоне
Мезанад пар-пар...

Китфҳояш
Зери бори бас гарони солиёни бешумор
Дарҳам,
Қоматаш хам,
Пойҳояш низ ларзон ҳам.

Оре, оре буд ӯ чун боркаш,
Бори солу моҳу рӯзу лаҳзаҳоро
Аз саҳар то шом
В-аз шом то ба субҳ
Бурдаву овардааст.
Солу моҳу рӯзҳои холие не,
Аз ҳаводис, саргузашт,
Аз ранг пур,
Аз нанг пур,
Пур аз сарнавишт.

Бо вуҷуди ин ҳама бинам –
Зиндагиаш бе нишоне аз пушаймонист,
Яъне ӯ аз зиндагии худ пушаймон нест.
Бо вуҷуди ларз-ларзи ҷумлаи аъзои ӯ,
Бо вуҷуди ларз-ларзи мижаҳои ӯ,
Ларзаи ангуштҳои дасту пои ӯ,
Дидаам бунёди ҷони ӯ қавист,
Имони ӯ қавист...

## НОМАИ МУҲОҶИРИ РОССИЯ

Се сол шуда муҳоҷири кор шудем,
Дар мулки Россия зору афгор шудем,
Дар шаҳри мусофирӣ басе хор шудем.

Ин хирси худора мо бародар хондем,
Ин тӯсу санавбара чу хоҳар хондем,
Ин кампири маскавира модар хондем.

Рафтему ба мурғи беватан нолидем,
Бар ҳоли шаҳиди бекафан нолидем,
Аз доғи хазони сад чаман нолидем.

Гаҳ мурдаи бегӯру гаҳе зинда ба гӯр,
Гаҳ зӯр ба куштану гаҳе кушта ба зӯр,
Гаҳ пои шикастаему гаҳ дидаи кӯр.

Аз хонаи худ омада саргардонем,
Дар дашту бари Россия сар мемонем,
Монанди гадои дарбадар нолонем.

Аз чашмаҳаки поки Ватан ёд кунем,
Аз сангу гулу хоки Ватан ёд кунем,
Аз хоки тарабноки Ватан ёд кунем.

Гаштем басе аз зану фарзанд ҷудо,
Аз хешу табор, аз ҳама пайванд ҷудо,
Аз банди ҷигар шудем сад банд ҷудо.

Пуробила дастону сару пои бадард,
Кай хоб барад шабон ба ранги рухи зард,
Ҷону диламон зи зиндагонӣ шуда сард.

То барф гузашт, низ борон гузарад,
Боз омаду боз навбаҳорон гузарад,
Сарҷамъиву вақти дӯстдорон гузарад.

Аз дурии он ки дар Қазон мегардад,
Ранги рухи модараш хазон мегардад,
Бечора падар чӣ дилгазон мегардад.

Дар Уфа дилам гирифт, кардам уфе,
Бар ин ҷигари сӯхта кардам пуфе,
Туф гоҳ ба худ кардаму гоҳе куфе.

Бегорӣ гаҳе кунему гаҳ бо музде,
Гаҳ кисабурӣ кунем, гоҳе дуздӣ,
Ҳаргиз на зи бегона, худиву зи худӣ.

Аз ин ду-се беор дилам зор гирист,
Бисёр зи ҳамшаҳрии беор гирист,
Аз фанду фиреби ӯ ба ҳар бор гирист.

Як солу ду сол шуд, ҳамин аст аҳвол,
Мо қуввати омадан надорем имсол,
Моро набувад мадору сабри ин ҳол...

## САҲНА

Ҳеҷ медонед оё ин ҳунарпеша
Нақши нотакрори худро
Вақти зодан карда буд эҷод?
Нақшҳои ӯ дигар ангори он нақшанд,
Нақшҳои ӯ дигар дар саҳнаҳо
Осори он нақшанд.

Пас нахустин нақшҳои хешро
Дар саҳнаи гаҳвора кард эҷод.
Баъд аз он аз саҳнаи гаҳвора то саҳни ҳунар
Ҳар қадар нақшу нишоне офарид,
Мазҳабаш иршоди эҷод омаду эҷоди иршод.
Ҳар қадар ки ӯ шуда дар саҳна боло,
Саҳнаҳоро он қадар боло шуда паҳно...

Лек медонед оё?
Иртифои саҳна дар саҳни замона гарчи паст афтодааст,
Сатҳи ҳар як саҳна болотар бувад ин ҷо зи сатҳи
кӯҳи Помир.
Заҳмати ҳар як ҳунарвар бештар аз заҳмати ҳар
кӯҳнавард аст,
Фатҳи ҳар як саҳна мушкилтар бувад ин ҷо
зи фатҳи кӯҳи Помир.

Низ медонед оё?
Зиндагии мо ҳама ин зиндагии саҳнагист,
Нақши мо дар зиндагонӣ бештар аз нақшҳои саҳнагӣ
нест,
Ҳар яке дар зоти худ мо ҳам ҳунармандем,
Ҳар яке дар саҳнаи худ нақш мебандем.
Саҳна-саҳна нақш бозида,
Мерасем он лаҳза бар як саҳнаи вопас,
Саҳнае, ки пардадориаш насозад ҷуз нафас.

Хуб медонед,
То гардон набошад саҳнаи бедод,
Саҳнаи аҳли ҳунар бояд бувад обод.
Нашканад то ки диле афтода аз дасте,
Бояд аз дасти ҳунармандон наафтад хомаи эҷод!

## БАЧАҲО ВА МОҲИЧАҲО

Офтоби нимарӯзи гарму сӯзон
Истода дар миёни кӯчаҳои деҳ,
Дар канори кӯчаҳо олучаҳо пухта,
Сархам аз бори гарони баччаҳои деҳ…

Шохаҳо бишкаста чун дасти авезоне,
Донаи олучаҳо чун ашки сурх афшон.
Баччаҳо олучаҳоро баски афшурда,
Ранги хун олуда дар ишкамчаҳову почаҳошон.

Очае аз пушти шиғ бар бачае
Гӯяд: оё захм гашта почаат?
Бас, фуро, н-афтӣ аз олуча,
Садқа очаат…

Ин замон аз кӯча тозон баччае бигзашт,
Доми моҳидорие дар даст,
Моҳии чашмонашон он лаҳзае афтод дар дом,
Шонаи олучаҳо холӣ шуда аз бачаҳо,
Баччаҳо аз пушти дом афтода бо шаст…

Дар лаби дарёча он гаҳ баччаҳо
Карда луч ишкамчаҳову почаҳо,
Доми моҳидорӣ во шуд чун лаби ташна,
Вой бар моҳичаҳо…

Дар таҳи санге намонда як панаҳгоҳе,
То наҷуста почаҳои баччаҳо онро.
Ҳар қадар ки тира гардид оби Дарёи Кабуд.

Шуста шуд аз почаҳои баччаҳо
Хуни сурхи донаи олучаҳо.

Офтоби гарму сӯзон то фитод
Лаҳзае дар доми сангини ғуруб,
Хӯрда буд бар шонаҳои баччаҳо…

Оби дарёча ба соҳил шуд фурӯтар,
Дом бардоштанд гоҳе баччаҳо,
Дар тапиш буданд моҳибаччаҳо,
Дар тапиш буданд моҳиочаҳо…

Баччаҳо аз хастагӣ дар хонаҳо шишта,
Моҳии чашмонашон дар доми мижгонҳо фитода,
Очаҳо дар тобаи пур равғани доғ
Моҳиҳоро тоб дода…

Моҳиҳоро тоб дода, тоб,
Мегуфт очае:
Аз барои як-ду се моҳичае
Пушти баччам сӯхт дар афтоб…

## САБЗПАРӢ

Пероҳани сабзат ба бару шона бараҳна,
Бозуву сари синаи ҷонона бараҳна,
Шаҳзодаи дил аз бари мо рафт, чу ой
Эй Сабзпарӣ, аз раҳи афсона бараҳна.

Дорад нигаҳат розу валекин нафас урён,
Аз ҳар нафасат пар бикушояд ҳавас урён,
Худ гашта гирифтор ҳаме дар қафаси шарм,
Мурғи дили ту метапад андар қафас урён.

Ман чинияму чашми ман ойинаи чинат,
Румияму дебои дилам нақши заминат,
Ман зангии побастаи ту, сӯхта ҳиндут,
Дигар чӣ кунам, гар ки на кофист ҳаминат?

Дар хам-хами зулфи ту дилам ёфта ором,
Дар хам-хами мӯи ту на барф асту на борон,
Бе хам-хами мӯи ту дилам хона надорад,
Бе хонаи шаҳранд агарчанд ҳазорон.

Атри гули ёсӣ, ту чӣ гармӣ, ту чӣ хубӣ,
Оғӯши навозишгари дарёи ҷанубӣ,
Нуре ба дурахши саҳари рӯди булӯрӣ,
Бозомадани субҳу тулӯъе ба ғурубӣ.

Дар домани поят битапад моҳии поят,
Дар доми кӣ афтӣ ту, ту дониву худоят,
Ту мӯи ба мӯ дому манам мӯи ба мӯ сайд,
Ту обу ҳавоиву манам обу адоят.

Дар мӯи ту афтодаву озодаам ин ҷо,
Афтодагӣ ин хуш, ки ман афтодаам ин ҷо,
Аз моли ҷаҳон гар ки камам ҳаст, ғамам нест,
Бар неъмати дунёи ту дил додаам ин ҷо…

## БЕ ИШҚ МОНДАМ

Ҳар ҷо дилам дар гирифт,
Ишқаш бихондам,
Сӯхтаму сӯхтам,
Бе ишқ мондам.

Ҳар ҷо дилам дар гирифт,
Хокаш фишондам,
Хокистари раҳ шудам,
Бе ишқ мондам...

Ҳар ҷо дилам дар гирифт,
Обаш нишондам,
Шуд ғарқи хуноб дил,
Бе ишқ мондам...

Ҳар ҷо дилам дар гирифт,
Бодаш дамондам,
Барбод рафтам дигар,
Бе ишқ мондам...

Бе ишқ поён шавад
Рӯзу шаби ман,
Аз бӯсае тар нашуд
Охир лаби ман...

Ҳар ҷо ки рафтам зи худ,
Худро набурдам,
Ҷон дода, ҷон додаву
Охир намурдам...

## ТУ ДАР ГУЛӮИ МАНӢ

Ту дар гулӯи манӣ, фурӯ-т кай тавонам бурд?
Ба ҳеҷ ҳоле туро фурӯ наметавонам бурд.
Чи солу моҳи дароз дар гулӯи ман будӣ,
Вале ба пиндори халқ рӯ ба рӯи ман будӣ.

На қудрате, то туро фурӯ барам, фурӯ акнун,
На қуввате, то бияфканам зи ҳалқи худ берун,
Чӣ чора кунам, ки аз гулӯ равӣ ба кунҷи дил,
Равам бигӯям ба фолбин, туро кунам афсун?

Чунин миёни гулӯи ман нишастаӣ то ту,
Раҳи димоғу нафас чунин бубастаӣ то ту,
Дигар намепарварад дилам, намешавад обод,
Шикастаӣ ҳам бубаставу гусастаӣ то ту.

Сазои ман, ки сазои худ шумурдаам туро,
Ба ихтиёри ризои худ супурдаам туро,
Ту дар гулӯи маниву дар гулӯи ҷон монда,
Ба кунҷи дил аз гулӯ ғалат бибурдаам туро.

Бигӯ, дигар чораи гулӯи ман кунун дар чист?
Ту дар гулӯи маниву ман наметавонам зист,
Ту дар гулӯи маниву ман наметавонам мурд,
Чи гуна худро тавонам аз гулӯи дунё бурд?

Туро сабуктар зи қатраоб мешавад хӯрдан,
Туро ба барги гуле сабук шавад биозурдан,
Ҳазор хуни ҷигар бихӯрдаам, вале афсӯс
Туро зи роҳи гулӯ намешавад фурӯ бурдан...

## ҶОИ ҶОН

Ту аз ҳавас зеботарӣ,
Ту аз нафас волотарӣ,
Бар ҷои ҷон биншастаӣ,
Аз ҷумла кас болотарӣ.

Бовар надорам дар ҷаҳон,
Аз ғайри ҷон бар ину он,
Гар меравӣ, бо ҷон бирав,
Боз ой пас ҳамроҳи ҷон.

Аз ҷои ҷон бархоста,
Бар ҷои ҷон биншастаӣ,
Аз ҷои ҷон вораставу
Бо ҷои ҷон пайвастаӣ.

Болои чашмам кун назар,
Ҳам як назар кун бар ҷигар,
Баҳри ту беҳтар ҷой нест,
Эй ҷони ҷон, ҷуз ҷои ҷон.

Ҳаргиз набигзорам туро
Бар ҷои ин, бар ҷои он.
Ҷои ту бошад дар ҷаҳон
Танҳову танҳо ҷои ҷон.

Дасти ману домони ту,
Умри ману фармони ту,
Эй ҷои ту дар ҷони ман,
Эй ҷони ман дар ҷони ту...

## ХУНИ ҶОСУС

Солҳое буд овора
Беватан, бехона, бечора...
**З**-он ки худ аз хоҷагонаш гашта буд матруд,
Хунаш аз шарён шуда мардуд.

Баъди бас саргаштагиҳо дар раге ӯ лона кард,
Хешро ӯ ҳамзамону ҳамзабон, ҳамгонаву ҳамхона кард,
Кам-камак баъди заифиҳо қавӣ шуд дар мақоми нав,
Хоҷагони кӯҳнаашро хонд он гоҳе ба номи нав,
Хоҷагони кӯҳнаашро шуд ғуломи нав.

Ин ғуломи хоҷапарвар мехӯрад бе хоҷа худро,
Мекунад баҳри худ аз қаъри замин ҳам хоҷа пайдо,
Мефурӯшад, мехарад ӯ хешро, пас хоҷаҳоро.

Асли ӯ баски табоҳ асту ғулом,
Қадри озодии ин кишвар чӣ медонад?
Баски ӯ ҷуғз асту мағзи ӯ чу мағзи ҷуғз,
Дархури ӯ мағзу чағз аст,
Қадри ободии ин кишвар чӣ медонад?
Номи озодӣ бигирӣ, мепарад рангаш,
Номи ободӣ бигирӣ, меканад ҳангаш.

Солҳо бо ифтихори пуфакӣ
Пуф карда нангу ори пуфакӣ,
Нангу ораш рангу бори пуфакӣ.
Нангу ору ифтихори пуфакиро карда ӯ пуф,
Пуфакашро карда пур аз туф.

Хеш ҳам монанди пуфак мешавад ҷар,
Аз шамолакҳо аз ин минбар ба он минбар.
Лек аз пуфак чи меояд дигар,
Ғайри он ки бодро ӯ медиҳад сар...
... Аз шамоле рангу рӯи пуфакии ӯ парид.
Ҷомаҳои пуфакии ӯ дарид,
Ифтихори пуфакии ӯ кафид.
Гарчи шуд маълум, – махлуқе табоҳ аст,
Искелете ғосибу зишту сиёҳ аст,
Искелете, к-устухонҳояш чу лухтак
Баста бо тору инони он ба дасти дигарон аст...
Лек ӯ аз чашми мардум ноаён аст.

Дидамаш гаҳ дар либоси суфӣ,
Гоҳе дар палоси файласуфӣ.
Дар назарҳо фарди рӯҳонист.
Рӯҳу нуре лек ӯро нест.
Боз ҳам ӯ хоҷаашро мисли доҳӣ
Рӯзу шабҳо карда маддоҳӣ,
Баъд аз он ҳар ҷо ки по монад,
Дар сиёҳӣ
Карда сайёҳӣ...

Дӯш гарчи дошт ӯ андар сари китфони худ мор,
Морҳои ҳувияткуш,
Морҳои ҳаммиятхор,
Лек ҳоло баски ӯ гаштаст ҳушёр,
Морҳоро карда пинҳон дар бағал,
Парвариш бинмуда бо кини маҳал.
Лек худ ӯ
Аз забони модарӣ чун аз забони мор метарсад,
Аз ҳуруфи форсӣ чун аз таноби дор метарсад.

Меҳаросад низ бас ӯ аз ситеъдоду ҳунарвар,
Асли ӯ худ аслкуш ҳасту бадалпарвар.
Бар тани ин мулк курта пора карда буд чандин бор,

Боз хоҳад курта пора созад ӯ бори дигар...
«Бурдану бурдан» бувад андар шуураш
ҳамчу маънои «баробар»,
Низ маънои бародар – ин баро аз дар...

Гарчи дар паҳлуи мову туст,
Кай ба осонӣ кунӣ пайдои ӯ,
Хуни ҷосус аст дар рагҳои ӯ...

**ИНҚИЛОБИ САБЗ**

Чаман чу парчами баҳори сабз боло шуд,
Сано ба инқилоби сабзи ин чаман бодо!
Сабо расиду номаи шукуфтанат овард,
Сано ба лолаву ба насрину суман бодо...

Сабо ба мо бидеҳ ҳар он чи аз чаман дорӣ,
Ба кӯлбор бӯи лолаву суман дорӣ,
Ба лаб сурудаи баҳори ин ватан дорӣ,
Ба дил паёми таҳният ба анҷуман дорӣ.

Сано ба инқилоби сабзи навбаҳорон бод,
Дуруди обу тоби сабзи обшорон бод,
Сано ба ин китоби сабзи бешазорон бод,
Сафо ба гулшукуфти дашти лолазорон бод.

Ту, ай баҳори пуртаровати чаман, боз о,
Бараҳнатар зи лолаву гули суман, боз о,
Ба ҳар канори дашту водии ватан боз о,
Ба раг-раги вуҷуду сӯ ба сӯи ман боз о.

Ба ноз-ноз навбаҳори ноз меояд,
Маро ба тан чу ҷони тоза боз меояд,
Дили маро чу қиблаи намоз меояд,
Ҳазорҳо дари ниёз боз меояд.

Сабо расиду номаи шукуфтанат овард,
Ту, ай баҳори пуртаровати чаман, боз о,
Сано ба ин китоби сабзи бешазорон бод,
Сано ба инқилоби сабзи навбаҳорон бод...

## ЗИНДАГИВУ ОРЗУ

Аз сари олам гузаштам дар ҳавои орзу,
Охир аз худ ҳам гузаштам аз барои орзу.
Зиндагӣ аз ин гузаштанҳо гузашт, охир намонд
Не бақои зиндагиву не бақои орзу.

Зиндагӣ дигар, умеду орзу дигар бувад,
Орзу дар зиндагӣ бечораву музтар бувад.
Орзуи содаро бар зиндагӣ бовар бувад,
Гӯиё, ки зиндагӣ фардо басе беҳтар бувад.

Шуд нафасҳо дар гулӯям шевану фарёдҳо,
Ёд аз фарёдҳо, фарёдҳо аз ёдҳо,
Ҳайфи ин имлову ин иншову ин эҷодҳо,
Орзуҳо рафта ҳамчун хоки раҳ бар бодҳо.

Зиндагонӣ модари уммедҳову орзуст,
Эй басо фарзандро ин модари хунхор кушт,
Синаи шоир мазори орзуҳо гаштааст,
Кӯлборе аз мазори орзӯ дорад ба пушт.

Қиссаи гургон шунидӣ?
Гар яке захмин шавад,
Мехӯрандаш дар замоне ҷумла гургони дигар.
Мечакад гар хуни дил аз захмҳои синаат,
Хуни захми синаатро соз пинҳон аз назар.

Зиндагонӣ мардкуш, номардпарвар будааст,
Дардпарваркуш, вале бедардпарвар будааст.
Чор фасли зиндагӣ фасли зимистонӣ бувад,
Ҳам баҳору тирамоҳаш сардпарвар будааст.

Худ ба пои худ бирав дар чорсӯи зиндагӣ,
Шав ба бӯи худ, машав ҳаргиз ба бӯи зиндагӣ.
Худ асои худ бишав дар дашту кӯи зиндагӣ,
Баъд аз ин дигар макун ҳеҷ орзуи зиндагӣ.

## КИСТАМ МАН?

Ман киям боре, Худоё, ман киям бори Худо?
Худ надонам, ҳам касе посух намегӯяд маро.

Кистам ман? Чистам ман? Аз куҷо ман омадам?
То куҷо хоҳам расидан? Худ чаро ман омадам?

Чист дар ин олами фонӣ марому мақсадам?
Зишту хубу шодиву ғам, бешу кам, неку бадам?

Зиндагӣ дом асту мо сайдем андар доми ӯ,
Мисли сайди бетакопӯ гашта охир роми ӯ.

Дидаӣ сайде, ки бошад доми худро дӯстдор,
Андаруни доми худ бигрифта орому қарор?

Хуш бувад сайде, ки сайёдаш ҳамесозад раҳо,
Аз раҳоӣ лек аз ин дом метарсем мо.

Зиндагӣ тухм асту моем андаруни тухм шод,
Аз бурун гаштан аз ин тухмем дар бими зиёд.

Андар ин доми ҷаҳон ман зору танҳоям, Худо,
Дар миёни дому дад танҳо набигзорӣ маро.

Қисмати одам ба олам сахт мушкил будааст,
Дасти ӯ дар зери сангу пой дар гил будааст.

Ман киям? Оё ҳубобам рӯи баҳри беканор,
Зарраам оё ба дасти гирдбоди рӯзгор?

Карда аз борон ба рӯи хеш гаҳ худро пурӯ,
Гаҳ чу баҳрам, ман ки тӯфонро ба худ бурдам фурӯ.

Гоҳ гӯши бодро бо оҳи дил кар кардаам,
Гоҳ ёди хушкро бо ашки худ тар кардаам.

Чун қафас афшурда гардад гаҳ бурунам аз дарун,
Боз дорам гаҳ чу деворе дарунам аз бурун.

Ҷуз дамидан, ҷуз тапидан зиндагонӣ нест, нест,
Ин давидан ин рамидан – норасидан чист, чист?

Офтобе нур пошад аз варои абри ман,
Санг шуд аз обшӯӣ обсабзи сабри ман.

Аз замири хеш гаҳ ҳарфе ниҳонӣ хондаам,
Равшанам шуд, ки зи чашми хеш пинҳон мондаам.

Гоҳ аз тасвирҳои худ ҷудо афтодаам,
Гоҳ дар чашми ҷаҳон ноошно афтодаам.

Нақшҳои зиндагиро ранги нав пардохтам,
Як ҷаҳони ноаёне дар дили худ сохтам.

Кистам ман? Орзу, уммедҳо, омолҳо,
Динаҳо, ояндаҳо, поринаҳо, имсолҳо.

Аз гусастан, растану бишкастану вобастанам
Зоҳир омад дар худиву бехудӣ пайвастанам.

Сояамро мебарам гоҳе кашон аз пушти худ,
Гаҳ фишорам чун аноре хешро дар мушти худ.

Пеши тӯфони ҳаводис гоҳ ҳамчун барги коҳ,
Лек дар пеши худӣ монанди кӯҳе пеши роҳ.

Ман гар аз имрӯзу аз бигзаштаи худ бигзарам,
Хешро бар дӯши худ ҳам то ба фардо мебарам...

* * *

Гузар кардам даме аз хоки фарзанд,
Дуо кардам ба рӯҳи поки фарзанд.
Ҷигар шуд реш-решу синаам чок,
Чакид ашкам чу борон бар сари хок.

Ба худ гуфтам, бас аст ин оҳу зорӣ,
На танҳо ту ҳамин гумкарда дорӣ.
Ба гӯристон назар бинмо саросар,
Ки халқе хуфтааст он ҷо баробар.
Касе аз кас на кам, не кас зиёд аст,
Миёни хуфтагон бас иттиҳод аст.
Касе соҳибназар ё беназар буд,
Касе соҳибхабар ё бехабар буд,
Зи дорову зи донишманду нодор,
Ғарибу бекасу аз масту ҳушёр,
Ҳама дар паҳлуи ҳам хуфта яксон,
Ҳама дар гӯри худ бинҳуфта яксон.
Ҳазорон ҳасрати дар хок хуфта,
Ҳазорон қиссаи ғамнок хуфта.
Лаби гӯре валекин кай шавад во,
Касе кай ҳоли худ созад ҳувайдо?
На овозе, на розе, не ниёзе,
На сарафкандагӣ, не сарфарозӣ.
На шӯру не шааф, не оҳу фарёд,
Ба ҷуз овози ҳасрат аз лаби бод.
Ба сар касро ҳавои сарварӣ не,
Тамаъ касро ба гӯри дигаре не.
На даъвое ба мулку тахту тоҷе,
На касро бар касе ҳаст эҳтиёҷе.
На бозоре, на дӯконе, на хоне,
На парвое зи сомониву ноне.
Ба худ гуфтам, Худоё, ин чи ҳол аст,
Маро аз ҳоли ин мардум савол аст.
Куҷо шуд он ҳикоятҳои ин халқ,
Зи дунё он шикоятҳои ин халқ.
Куҷо шуд он таҳу боло, таку дав,
Ғами ширину талху куҳнаву нав?
Лаби гӯре баногаҳ шуд кушода,
Чӣ мегуӣ, бигуфт, эй марди сода?
Дар ин ҷо ҳарфи чун набвад, ҳаме чанд,
Ниёзе нест аз ғайри Худованд.

Касеро бар касе коре наафтад,
Касеро бар харе боре наафтад.
Зи даъвову тамаъ ин ҷо асар нест,
Ҳам аз гуфту шунид ин ҷо хабар нест.
Худо фармуда худ касби хамӯшӣ,
Ту худ фаҳмӣ, агар марди баҳушӣ...

* * *

Бори дигар бубинам, эй кош, рӯи Беҳрӯз,
Умрам ба сар биёрам бо орзӯи Беҳрӯз.
Бе рӯи ҳамчу рӯзаш рӯзам намешавад беҳ,
Кай рӯзи ман шавад сар бе ёди рӯи Беҳрӯз?!
Бо боғҳо чӣ гӯям, бо бодҳо чӣ гӯям
Оянд агар замоне бар ҷустуҷӯи Беҳрӯз?!
Андар лабаш ҳамерафт аз чор сӯ табассум,
Ҳайфо, намонд сӯе аз чор сӯи Беҳрӯз.
Буд ӯ ҷавони хандон, буд ӯ ҳабиби ёрон,
Халқе дареғгӯ шуд дар гуфтугӯи Беҳрӯз.
Дар пуштаҳои Лучоб[1] борон[2] ба қатра зад об,
Бар рӯи гӯри Беҳрӯз, бар рӯву мӯи Беҳрӯз...

## ШАРИФХОНИ МАН КУ?

Эй чарх, Шарифхони ман ку,
Он ёри азизи ҷони ман ку?
Оё чӣ шуд он Шарифи моро,
Он ҳамдаму он ҳарифи моро.
Ӯро зи қазо ба сар чӣ омад,
Аз роҳи сафар дигар наомад?
Аз роҳи сафар дигар сафар кард,
Роҳи сафараш чаро дигар кард?
Бар ёди шаҳиди шаҳри Маскав
Дардам куҳан асту ғуссаам нав.

1. Беҳрӯз дар гӯристони пуштаи Лучоб дафн шудааст.
2. «Борон мебора» – номи шеъри Беҳрӯз.

Чӣ гуна дигар равам ба Ёвон?
Чун ашк ба сар равам ба Ёвон.
Афсӯс, намонд он рафиқам,
Набвад ба ҷаҳон дигар шафиқам.
Аз ҷумлаи дӯстони ҷонам
Ӯ буд маро чу ҷони ҷонам.
Ӯ буда табассуми лаби ман,
То субҳ ҳариф дар шаби ман.
Гар буд ба ҷаҳон даме маро шод,
Он лаҳзаи шод ӯ ба ман дод.
Гар буд ба ҷаҳон маро яке ғам,
Мебурд ғами маро ба як дам.
Акнун кӣ диҳад маро даме шод,
Ғамҳои дилам фиканда бар бод?
Гаштаст табассум аз лабам гум,
Баҳри кӣ кунам дигар табассум?
Имсол ба пуштаҳои Ёвон
Хунин шуда дашти лолазорон.
Ӯ рафтаву хор гашта Ёвон,
Ёвон ба назар бувад биёбон.
Хун шуд ҷигари тағои Меъроҷ.
Ӯ буд ба бари тағои Меъроҷ.
Андар Даҳана анор чун шуд?
Хун шуд, ба худо, анор хун шуд.
Он ки ба назар шабон ҳилол аст,
Дар чарх аломати савол аст:
Эй чарх, Шарифхони ман ку,
Ними дилу ними ҷони ман ку?

## АҲРОР НАМЕБИНАМ

Ман бе гули рухсорат ҷуз хор намебинам,
Ағёр фароҳам шуд, Аҳрор намебинам.
Он ёри зарифам ку, Аҳрори Шарифам ку?
Он ёр ҳамехоҳам, он ёр намебинам.
Дардо, қаламат бишкаст, дар дил аламат бишкаст,

Аз кӣ хабарат пурсам? Ахбор намебинам.
Аз теғ сари хома гарчанд забон бикшод,
Теғе ба сарат омад, гуфтор намебинам.
Ин олами пурармон зинҳор ба зинҳор аст,
Зинҳор туро хоҳам, зинҳор намебинам.
Кас гуфт гуноҳат чист, ҳам пушту паноҳат кист?
Бисёр ҳамеҷӯям, як бор намебинам.
Рӯ сӯи Худо дорам, дасте ба дуо дорам,
Асрор ҳамеҷӯям, асрор намебинам.

## ДАР АНДӮҲИ ДӮСТИ ҶАВОНМАРГАМ ЭШОНИ АБУЛҲАЙ

Дилам хун гашту чашмам шуд пур аз об,
Равон хуноба шуд монанди Сурхоб,
Ба дашти Аскалон гум кардамат пай,
Куҷо рафтӣ ту, эшони Абулҳай?

Ба гӯристони деҳ гӯре биафзуд,
Баромад то фалакҳо аз дилам дуд,
Фиғонам дар гулӯ шуд нолаи най
Зи дарду доғи эшони Абулҳай.

Ба деҳа ту будӣ ёдовари ман,
Ба паҳлуям будӣ чун додари ман.
Дигар аз ёди ман кай меравӣ, кай?
Дилам хун кардӣ, эшони Абулҳай.

Ба лабҳои ту буд зебо табассум,
Пас аз ту шуд табассум аз лабам гум.
Баҳори Аскалон бе ту бувад дай,
Хазон гаштӣ ту, эшони Абулҳай.

Дуо дорам, талаб дорам Худоро,
Биҳишти ҷовидон ҷои ту бодо,
Ту худ рафтиву номи ту бувад ҳай,[1]
Худо ёри ту, эшони Абулҳай.

## БО МАН

Дар рагу шарёни ман хуни манӣ,
Ҷои ту дар ҷону дил, дар чашми ман.
Меҳру раҳму сеҳру афсуни манӣ,
Қаҳру рашку кинаи ман, хашми ман.

Роҳи кӯтоҳи маро анҷом нест,
Чун дар анҷомам туӣ оғози ман.
Гар набошӣ ту, нишону ном нест
Аз умеду орзуву рози ман.

Мебариям бар фарозу шебҳо,
Мекашиям сӯи дашту кӯҳсор.
Гаҳ чу дар элак ҳамебезӣ маро,
Резиям аз сахра гаҳ чун обшор.

Дар вуҷудам ҳокими якто туӣ,
Ҳар чӣ дар дил ҳаст дар фармони туст.
Дар даруни ман ман астам ё туӣ,
Дар вуҷудам ҷони ман ё ҷони туст?

Ҳар чӣ кардӣ бар дилу ҷону сарам,
Айби ту дар он яке ҳам нест, нест.
Аз ту пеши кӣ шикоятҳо барам?
Боз ҷуз ту хайрхоҳам нест, нест...

*5.04.75*

---

1. Ҳай – зинда, Абулҳай – падари зинда.

## БОҒБОНИ ПИР

Субҳдам омад ба боғи нимбедор
Боғбони солхӯрда.
Чеҳра нуронӣ, маша дар лаб,
Асобеле ба даст.
-Субҳи хуш, эй боғ,
Субҳатон хуш, эй дарахтон.
Шаб чӣ гуна бар шумо бигзашт?
Оё хубу ором?
Муғҷаҳотон хуб бикшуданд?
Шохаҳотонро наомад ҷунбише
Аз боди сарсар?
Офият будед оё аз табардастони шабгард?
Обҳо оё зи ҳоли решаҳотон бохабар буданд?
Хуб,
Хеле хуб,
Хеле хуб.

Ваҳ, чи хуш бишкуфтаӣ, эй лолаи лоло,
Оре, зебо!
Хандаат зебандааст,
Эй наргиси маст.
Хуш ба холат, савсани раъно.
О, бубин ҳам ёсуманро,
Дорад андар оби ҷӯ худро тамошо.
Хуб,
Хеле хуб,
Хеле хуб.

Субҳи хуш,
Эй қумрии хушгӯ,
Субҳи хуш, эй шораки хушрӯ.
Чун шабат бигзашт, эй сор?
Эй чаковак, мурғаки зебои беозор.
Чӯҷаҳотон андаруни лона хубанд?

Лонаҳотон гарму қоим аст рӯи шохаҳо
Аз ҷунбиши бод?
Хуб,
Хеле хуб,
Хеле хуб....

* * *

Дар хоби сахт бигзашт
Имрӯзу имшаби ман,
Аз синаам наомад
Як ҳарф бар лаби ман.

Ин сӯ париду он сӯ
Мурғи хаёлам аз рам,
Афзуд дар дилам ғам,
Аз дина беш, не кам.

Гаҳ аз қалам гирифтам
Аз сӯзи дил аламро,
Гаҳ аз алам гирифтам
Кардам қалам қаламро.

Гоҳе намехӯрад гар
Не ину он ба дардам,
Гӯям аз он чӣ дидам,
Ё ки ба ин чӣ кардам?

Ёре бигуфт дӯшам:
Дар ин ҷаҳони пуршӯр
Мегир хомаро сахт,
Бо ин асо равӣ дур...

* * *

Меравам инак аз ин шаҳр,
Монда дилро дар канораш.
Мебарам дар сина лекин
Ёдҳоро ёдгораш.

Сабз мемонад ҳама умр
Бешазораш дар дили ман.
Мешавад умре хаёлӣ
Кӯчаҳояш манзили ман.

Ҳар шабам буда дар ин шаҳр
Ҳамчунон рӯзи тилоӣ,
Буд шабона моҳи рӯе
Дар барам пуррӯшноӣ.

Гарчи худро мебарам ман,
Дил дар ин шаҳр аст з-ин пас.
Пас аз ин чун ман наёбӣ
Ошиқи ин шаҳр як кас.

Ҷомадону ҷайб холӣ,
Меравам инак аз ин кӯ.
Мисли ин шаҳри тилоӣ
Дар ҳама олам дигар ку?!

*1977*

## ШЕЪРИ САБЗ

Дар булӯри нури сабзи бешаҳо
Метаровад хуни набзи решаҳо,
Беша сабзу шева сабзу сабз ранг,
Сабз андар сабз андар сабз оҳанг,
Шеъри сабзи атргуни бешаҳо.

Аз сапедасори тӯсӣ ҳусни матлаъ медамад,
Соя аз анвори матлаъ мерамад,
Тӯси сӯзанбарг бо ранги сафои сабзгун
Хома-хома,
Месарояд рӯи барги дафтари кастона
Шеъри сабзи ошиқона,
Мекунад ташбеҳ санавбарҳои барноро

Ба сарву тӯси барно,
Ҳамчу шеъри озмуни бешаҳо.

Шеъри сабзи шохаҳои сабз
Дар вазни дарахтон мешавад иншо.
Атру бӯи марғзори офтобӣ
Мешавад бо арғувони субҳдам ифшо.
Пушти ҳар як мисраи сарваш чаковак
Бо хомаи рангини минқор
Нуқта мечинад чакочак.
Баргҳояш бо насими сабз дар начво
Ҳамчу ҳусни дарфузуни бешаҳо.

Коҷҳои сабз аз худ карда эҷод
Байти тазмине ба шеъри Мавлавӣ.
Сатри волои санавбар
Дар радифи сатру байти Маснавӣ.
Бешаи девони Мавлонои Рум
Дар варақҳо сабз гашта,
Ҳамрадифи шеърҳои сабзгуни бешаҳо.

Шеъри сабзи беша
Аз андешаи сабзи замин аст,
Ҷунбиши амвоҷи набзи беша
Аз набзи замин аст.
Набзи нозук,
Набзи нозу нозанин аст
Нозбуни бешаҳо.

Дар сари ҳар рӯиши сабз
Мешавад овои боли қумрӣ боло.
Байти сарву мисраи фарди санавбарро
Шорак мезанад ҷор.
Чун кафи чак-чак ба ҳам кӯбад
Болҳои сабзу сурхи аҳсани сор.
Тобад андар кӯли симин
Акси сабзи вожгуни бешаҳо.

Барг-барг
Андешаҳои сабзи беша
Мезанад пар-пар ба рӯи шохаҳои ҳарфи меҳӣ.
Мисраҳои сарбаланди сабз
Боз месабзад фаротар,
Боз болотар.
Метаровад ҳусни шеъри нотамом
Ҳамчу оҳанге ба тори арғунуни бешаҳо...

## ҒАЗАЛГУНА

Ман
Дар хомӯшии хилвати хеш
Бо дастгоҳи хотира
Шеър месозам.

Ман
Аз як варақ,
Аз як қалам
Ва аз як танҳоӣ
Шеър месозам.

Шеъре
Аз хуни фикр
Ва эҳсоси хун
Ва аз равшании дури як ситора
Ва аз тапиши дили гунҷишке боронхӯрда
дар каронаи шаб
Ва аз як садое, ки танҳо ба гӯши бод мерасад
Ва аз шинои моҳичае дар умқи обҳои кабуд
Аз интизории паланге дар камин
Ва аз ҳароси оҳуе

Ва аз нафасҳои зане ки хоб мебинад
В-аз обҳои шоди чашмаҳо дар лаҳзаи тавлид
Ва аз як нигоҳ,

Як даст,
Як оғӯш,
Як навозиш,
Як бӯса...
Шеър месозам

Ва киштичае месозам аз он варақ
Ва раҳо мекунам ба оби ҷӯй,
Ки мераваду меравад ва мешавад нопадид…

## ДИЛ

Чӣ донӣ,
Дар ниҳонгоҳи дилам дарди чӣ пинҳон аст,
Намедонӣ, ки бас нашкаста армон аст.
Намебинӣ магар аз равзани чашмам,
Дилам монанди як истораи дур аст,
Дилам монанди як истораи танҳо
Басе тобону пурнур аст.

Даруни синаам дил не,
Магар сайёра гардон аст,
Ва ё худ ӯ Аполлон аст?

Ва ман танҳо ҳамедонам,
Чи сон ҳолаш шавад мушкил,
Агар сайёра гардад дил.

Агар ҳарфам хато бошад,
Дилам чун киштие дар баҳри пуршӯр аст,
Ки тӯфон дар миёну соҳилаш дур аст.

Вагарна
Мурғи танҳоест,
Ҳаме аз селаи мурғон ҷудо монда,
Ба авҷи осмони тирамоҳон

Мезанад хаста пару болаш,
Дигар мурғе наметобад
Зи дунболаш...

Вагарна...
Кӣ медонад
Даруни синаам дигар
Ба ҷои дил чӣ пинҳон аст?

*1980*

## БЕДИ МАҶНУН

Донӣ аз чӣ беди маҷнун сархам аст
Дар миёни ҷумлаи ҳампешагон?
Не зи шарми он ки ӯ беҳосил аст,
Не зи бими он ки мегардад хазон.
Не танаш урёну соқаш барҳана,
То ки бо мӯ карда танро ӯ ниҳон.
Беди маҷнун, дон, ки беди ошиқ аст,
Гар надидӣ ошиқ ин сон дар ҷаҳон.
То шавад бар ошиқон хилватгаҳе,
Бар замин ин қадр карда сар гарон.
Ӯ парешон карда мӯро инчунин,
То набинад чашми кас дилдодагон.
Беди маҷнун, дон, ки беди ошиқ аст,
Нест маҷнун, ӯст оқил дар ҷаҳон.

*17.11.81*

## МАНЗАРА

Аз рӯи қулла мерасад инак ҳавои шаб,
Рахшон ситораҳо ҳама дар тоқи осмон.
Тасвирҳову манзараи дашт торик аст,
Ҷуз нақши роҳи равшану танҳои Каҳкашон.

Моҳ аст дар самои шаб оҳиста дар шино –
Нони танӯрии уфуқ афтода андар об,

Дандони қуллаҳо ҳама сӯяш хазидаанд,
Сӯяш ҳазор моҳии истора дар шитоб.

Хомӯшие, ки мерасад орому дилпазир,
Чун муждае ҳамерасад аз инқилоби субҳ.
Водӣ ба даври кӯҳ чу як ҷоми холияст,
Оҳиста пур ҳамешавад он аз шароби субҳ.

*1978*

## ОРЗУИ ПИР

Бо қомати хамида омадӣ, эй орзуи пир,
Бо чашмҳои хирануру синаи бадард.
Бо пову панҷаҳои хаставу ба оҳҳои сард,
Боз омадӣ, эй орзуи пир.

Ту он уқоби авҷгири осмон будӣ,
Ёди нигори бевафо буд осмони ту,
Он булбули шӯридаи ширинбаён будӣ,
Дар бӯстони рӯи ӯ буд ошёни ту.

Дар гоҳвори синаам ман роз додамат,
Аз ошёни дидаам парвоз додамат,
Аз донаҳои ашк додам обу дони ту.

Рӯзе паридӣ аз назар аз ошёни худ,
Рӯзе рамидиву зи дида ноаён шудӣ,
Бар сӯи пайки хеш рафтиву аз ман ниҳон шудӣ.
В-охир бирафтӣ аз бари ман
Сӯи бевафо касе.

Як умр беасар ҳаме кардам туро суроғ.
Дар қуллаҳои сарбаланд,
Дар гулситону боғ.
Дар осмону Каҳкашон ман ҷустаам туро,
Як умри рафта бенишон ман ҷустаам туро.

Ҳоло худ омадӣ ҳаме афсурдаву бадард,
Бо пову панҷаҳои хаставу бо оҳҳои сард,
Хомӯш як даме нишин дар зодгоҳи хеш,
Чизе магӯ, магӯ ба ман узру гуноҳи хеш.
То вопасин нафас ба дӯш мебарам туро,
В-он гоҳ ҳам
Дар зодгоҳи хеш
Ба хок биспарам туро...

*1975*

* * *

Эй шаби хуш,
Эй шаби зебо,
Эй шаби нарму сияҳчурда,
Сӯи ман оё зи мулки Шом меоӣ?
Эй шаб, эй маъшуқаи таннози зангӣ,
Баҳри роми ин дили н-ором меоӣ.

Дар диёри дури танҳоӣ
Ҷуз ту роҳатбахши ман кас нест,
Ҷуз ту дар оғӯши ман кас нест
Дар диёри дури танҳоӣ.

Моҳи тобон рӯи зебои ту бошад,
Моҳи нав монанди абрӯи ту бошад,
Каҳкашон зарина гесӯи ту бошад,
Ахтарон ороиши мӯят.
Дар ҷаҳон набвад чу ёри ман баланд,
Нест ёре мисли ёри ман писанд!

*дек. 1983, Кобул.*

* * *

Ҳар кӣ мегӯяд, бигӯяд боқило,
Ҳар кӣ мегӯяд, бигӯяд лӯбиё,
Ман вале бешубҳа мегӯям:
Сим-сим дарро кушо!

Мекушояд.
Мешавам ворид.
Ганҷ ганҷи ман бувад.

Сим-сим даро кушо!
Мекунам ҳар шаб нидо.
Мекушояд.
Ганҷ поёне надорад.
Мекунам пур ҷайби худро аз тило.

Сим-сим дарро кушо.
Мекушояд.
Ганҷи шеъру ганҷи маъниву сухан
Дастранҷи ман бувад.
Роҳзанҳоянд дар чоҳ.
Ганҷ ганҷи ман бувад.

## ИБОДАТ

*(Бо хоҳиши як дӯст)*

Ҳавову боду оби ман Ибодат аст,
Дуои мустаҷоби ман Ибодат аст,
Саволи ман, ҷавоби ман Ибодат аст,
Ҳама шабон ба хоби ман Ибодат аст.

Маро чаро Инобату Сабоҳате,
Маро куҷо Саломате, Саодате,
На Роҳату Фароғату Саёҳате,
Ба сина изтироби ман Ибодат аст.

Таронаи баҳори сабз дар лабам,
Умеди охирини ҷони пуртабам,
Ду чашми ӯ чу нури ахтари шабам,
Ба рӯз офтоби ман Ибодат аст.

Саводи ман, китоби ман Ибодат аст,
Гули ману гулоби ман Ибодат аст,
Шифои ман, шиҳоби ман Ибодат аст,
Гуноҳи ман, савоби ман Ибодат аст...

* * *

...Фориғу осуда андар хоби рангин
Дар миёни шом ногаҳ мешавам бедор,
Мешавам аз бехудиҳо ногаҳон ҳушёр,
Мерасам бар хештан он лаҳза ночор.

Боз мебинам уфуқро ҳузнангез аст,
Сояи нӯги дарахтон ханҷари тез аст.
Мекашам худро ба зери испари маҳтоб,
Дар камони Каҳкашон тири балохез аст.

Рӯзи ман ойинаи бишкастаи садпора аст,
Пора-пора сад ҳазор истора аст,
Порае нурам бидеҳ, ай моҳи равшан,
Рӯзи худ дар торикӣ гум кардаам ман...

*Кобул, 1983*

* * *

Яке танҳоӣ чун пероян ман,
Зи пуштам меравад чун сояи ман.
Ҳамеҷӯям аз ӯ роҳи раҳоӣ,
Аз ӯям нест имкони ҷудоӣ.

Занам худро миёни фавҷи мардум,
Пайи пои маро то ӯ кунад гум.
Расад мисли саги бӯгир аз пушт,
Бигирад доманамро сахт дар мушт.

Дигар дарҳо ба рӯи ӯ бубастанд,
Дигарҳо дасту пои ӯ шикастанд.
Зи танҳоӣ шудам бисёр безор,
Зи танҳоӣ шудам ман хаставу зор.

Зи ҳар кас чора пурсидам ба ночор,
Чи сон ронам варо аз худ ба як бор.
...Ба ногоҳе ба гӯшам омад овоз:
Касе меояду ӯ меравад боз.

*27.12.1983*

## МАНӮШОН

Туӣ чун чашмаи поку хурӯшон,
Тӯи мисли баҳорони гулафшон,
Набинӣ ҳеч гаҳ рӯзи парешон,
Манӯшон, эй Манӯшон, эй Манӯшон[1].

* * *

Ту
Сарнишини сафинае ҳастӣ,
Ки шабеҳаи он ҳоло гоҳвораи туст,
Ва ҷунбишаш
Аз талотуми тӯфонзои даврон
Нишону огоҳист.
Дар ин гоҳвора ту
Мисли ҳазрати Ману
Аз рӯи амвоҷи осмонхези тӯфони ҷаҳонӣ(шавӣ)
Шино хоҳӣ кард.
Балки ту
Дар ин гоҳвора
Мисли ҳазрати Нӯҳӣ –
Киштибон ва киштирон.
Фардо, вақте тӯфон наздик хоҳад расид,
Ба гӯшат нидое хоҳад омад,
Ки хоҳад гуфт:
Аз тухми гулу гиёҳҳо
Ки дар замини сина мерӯянд,
Бо худ бигир.
Ва аз тухми меҳру вафо, шафқат
Инсоф ва ҳаёву шарм
Дилсӯзӣ,
Ва шарофату ҷавонмардӣ
Низ.
Ва ҳам он ҷуфт – ҷуфт

---

1. Манӯшон – набераи муаллиф.

Аз парандаҳои меҳрубонӣ
Ва сулҳу оштӣ,
Ки дар осмони синаҳо
Парвоз мекунанд.
Аз он парандаҳо,
Ки дар шохаҳои сабзи ормонҳо
Ошён гузоштаанд,
Бо худ бигир,
Ки фардо
Тӯфон дунёи дилҳоро фурӯ хоҳад шуст.
Ва пас аз он дар рӯи замин ҳайкалчаҳои
роботии раванда боқӣ хоҳад монд.
Бидуни меҳри дил ва равшании дидагон
Ва сафои сухан ва эҳсоси наҷиби инсонӣ.
Тӯфон синаҳоро
Аз ҳар чӣ мансуби шарофати дилҳои инсонист,
Тиҳӣ хоҳад кард.
Пас аз фурӯ нишастани тӯфон
Киштиат дар қуллаи кӯҳи Мануш
Нузул хоҳад намуд.
Он гоҳ
Тухмҳо, ки бо худ дорӣ,
Дубора дар замини дилҳо базр бикун,
Ва мурғакон, ки бо худ дорӣ,
Дубора бар фазои синаҳо парвоз бидеҳ.
Ва насли башарро
Дубора ривоҷ бидеҳ.

## ЭЙ НИМАИ ДИЛ

Эй нимаи дил, нимаи ҷон, ними бадан,
Як нима манам, туӣ дигар нимаи ман,
Кас дид магар, ки меравад нимаи тан?

Ман нимаи худ намешуморам бе ту,
Кай ним қадам ҳамегузорам бе ту,
Як ним нафас намебарорам бе ту...

Ту ними манӣ, валек аз нима ҷудо,
Ду нима зи ҳамдигар ҷудо нест раво,
Як рӯзи худо, ба ними худ боз биё.

Эй ними зи ман ҷудо, ба ман боз ой,
Монанди мусофир ба ватан боз ой,
Пур карда маро, кош, ба тан боз ой...

* * *

Дар ин дурӯза дунё боз о, ба ҳам нишинем,
Фардо дигар кӣ донад бинем ё набинем.
Бод асту хок дунё, имрӯз ё ки фардо
Бо бод дар ҳавоем, бо хок дар заминем.
Аз сина кину озор берун намо ба як бор,
То чанд бо камонем, то чанд дар каминем.
Гуфт он ҳакими якто панде ба марди доно:
Нест аз аҷал раҳоӣ гар ки ба Ҳинду Чинем.
Расми ҷаҳон дурӯист, ҳарфи замон дугӯист,
Бисёр ранҷ дидем, мо на аз ону инем.
Гоҳе аз он гурезем, гоҳе ба ин ситезем,
Гӯем аз он чӣ дидем, то ки аз ин бубинем.
Фардо зи хок рӯем, чун сабза пок рӯем,
Доғе ба рӯи лола, ё барги ёсаминем.
Дунёву айни ҳолаш, бо шеваи мисолаш
Бо сад ҳазор солаш гаҳ дур, гаҳ қаринем.
Аз ҳамдигар ду ҳарфе мо бишнавем ё не,
«Дидори ҳамдигарро бинем ё набинем?»

## ҲАР ЛАҲЗАЕ ОШИҚТАРАМ

Аз ин қадам то он қадам бо ишқ бигзорам қадам,
Аз ин рақам то он рақам бо ишқ бишморам рақам,
Аз ин қалам то он қалам бо ишқ бингорам қалам,
Ҳар лаҳзае ошиқтарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам.

Аз ин нафас то он нафас бо ишқ мегирам нафас,
Бо сад ҳаво, бо сад ҳавас бо ишқ мегирам нафас,
Эй ҳамнафас, эй ҳамҳавас, бо ишқ мегирам нафас,
Аз ишқи ту ман нагзарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам...

То ман набуд андар ҷаҳон, ман офаридам ишқро,
Аз ишқ кай буди нишон, ман парваридам ишқро,
Буд ишқ андар осмон, ман оваридам ишқро,
Дар ишқ ман пайғамбарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам.

Дар ишқи ту якто манам, яъне, ки беҳамто манам,
Дар ҳусн агар якто туӣ, дар ошиқӣ якто манам,
Ҳусн аст якто, то туӣ, ишқ аст якто, то манам,
Бар ишқ бошад боварам, ҳар лаҳзае ошиқтарам.

Бо ишқ дорам пешаҳо чун моҳиён бо обҳо,
Ҳамчун дарахту решаҳо, чун чашмҳо бо хобҳо,
Мисли насиму бешаҳо, чун шом бо маҳтобҳо,
Ишқ аст дар дил мӯҳтарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам.

Куку, ки ку-ку мезанад, ман ишқ ку-ку мекунам,
Ҳар сӯ, ки су-су мезанад, ман ишқ су-су мекунам,
Ҳар кас ба ҳар сӯ рӯ кунад, бар ишқ ман рӯ мекунам,
Бо худ ба гӯраш мебарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам...

## СОҚИНОМА

Бидеҳ, соқӣ, он май, ки ҷон парварад,
Забонро кушояд, равон парварад.
Бубахшад даме амну осоишам,
Ҳаме пок дорад зи олоишам.
Кушояд ба дунё маро чашми ҷон,
Аёнам намояд ниҳону аён.
Бидеҳ, соқиё, май ба овози чанг,
Ки аз дасти ғам ҷонам омад ба танг.

Чӣ бок, ар замона ба комам нагашт,
Ба мӯҳри хушӣ сабт номам нагашт...
Худо ҳар чӣ доду ҳар он чи надод,
Бар он ҷумла бояд, ки шукре ниҳод.
Худоё, ҷаҳон офаридан чӣ буд,
Дар он ком як дам надидан чӣ буд?
Чаро хор гашта чунин бандаат,
Ба хубиву некӣ чи зебандаат.
Магар олам аз баҳри одам бувад
Ва ё одам аз баҳри олам бувад?
Чаро фарқ шуд байни ину ҳам он,
Яке шуд замину дигар осмон.
Чӣ будӣ, агар ҷумла як сар будӣ,
Ғаму шодият ҳам баробар будӣ.
Ҳам одам зи гаҳвора то хоки гӯр
Нашуд як нафас аз ғаму ғусса дур.
Ҳамон гоҳвора маро буд биҳишт,
Биҳиште, ки охир зи дастам биҳишт.
Ба гаҳвора ман «Ҳафтяк»-дон будам,
Ба болини худ «Ҳафтяк»-мон будам.
Ба оҳанги гиря гаҳе хондаам,
Чу пистон варо дар даҳон мондаам.
Кунун зиндагонӣ ҳама садяк аст,
Ғаму ғусса сад, лек шодӣ як аст.
Бидеҳ, соқӣ, он май, ки оташваш аст,
Чунон шеъри Ҳофиз хушу дилкаш аст.
Маро шеъри Ҳофиз ба шир омада,
Ба хунам чу ҷон дилпазир омада.
Ба гаҳвора – аз тифлӣ дорам хабар, –
Ки девони Ҳофиз будам зери сар.
Чу модар зи гаҳвораам баркушод,
Падар дар лабам шеъри Ҳофиз ниҳод.
Шабу рӯз буд дар забонам ғазал,
Гумонам, ки буд дар даҳонам асал.
Ғазал буд шамъе, шаб афрӯхтам,
Ғазал оташе буд, дар он сӯхтам.

Ғазалҳои девони авроқзард
Ниҳоли сухан дар дилам сабз кард.
Дигар кай равад аз дилу ёди ман,
Ки девони Ҳофиз буд устоди ман.
Бидеҳ, соқӣ, он май, ки аз хум кашӣ,
Ки чун шеъри Ҳофиз бувад дар хушӣ.
Пиёла пур аз май ба дастам бидеҳ,
Пас он бар лабам шеъри Ҳофиз бинеҳ.
Ҷаҳон шуд ба навбат хушу нохушӣ,
Бад-он сон, ки ту ҷоми май мекашӣ.
Ҷавонӣ чи хуш буду он ҳам гузашт,
Ки чун шодӣ бигзашт, ҳам ғам гузашт.
Агарчи шавад пир давру замон,
Бувад шеъри Ҳофиз ҳамеша ҷавон.
Пас он пайравӣ бо падар кардаам,
«Гулистон»-и Саъдӣ зи бар кардаам.
Зи пандаш ба ҷонам гулистон шукуфт,
Даруни дилам гӯӣ бустон шукуфт.
Чу чашми дилам сӯи Бедил кушуд.
Ба Бедил падар буд, ки моил намуд.
Аз он дам, ки ҷо шуд ба дил Бедилам,
Дило, рафт аз каф дилу бедилам.
Гузаштам зи дил, тоза ҷон ёфтам,
Гузаштам зи ҷон, то ҷаҳон ёфтам.
Зи бесӯ чу худро ба сӯе барам,
Зи рамзи ҷаҳон кош бӯе барам.
Надидам чу аз сояи худ нишон,
Худамро зи пуштам бибурдам кашон.
Гирифтам гаҳе гар яме аз наме,
Ҳаме боз чидам наме аз яме.
Нишастам ба роҳе, ки кас нагзарад,
Касе пеш ояд, ба пас нангарад.
Забонам кушода, дилам баста буд,
Чу бастам забон, сина вораста шуд.
Ба ёдам расад даври тифлӣ дигар,
Ки мекард «Шаҳнома»-хонӣ падар.

Ба гӯшам падар панду андарз кард,
Басо қисса аз Геву Гударз кард.
Ҳамегуфт аз Рустами Достон,
Ҳам аз бостон қиссаи ростон.
Ба ман гуфт «Шаҳнома» аз бар бикун,
Бар ин нома як нома дигар бикун.
Ба дунё чу «Шаҳнома» як нома нест,
Ба олам чу ин нома ҳангома нест.
Ба тӯҳмат варо ту фасона магӯ,
Ба рамзе, ки дорад, баҳона маҷӯ.
Ҷаҳон сарбасар худ фасона бувад,
Маят, соқиё, кай баҳона бувад.
Аё мутриби хушнавои чаман,
Рубобе навоз, арғунуне бизан.
Ки то коҳи ғамро ба бод афканам,
Ғубори кудурат зи ёд афканам.
Ҷавонӣ ба хобу хаёле гузашт,
Кунун умр рӯ сӯи пирӣ бигашт.
Яке ҳосиле барначидам зи умр,
Бас осоише ҳам надидам зи умр.
Замона маро кард побанди худ,
Кашида ба доми чиву чанди худ.
Зи тифлӣ маро мерасад ёдҳо,
Ки рафт аз сарам ҳампари бодҳо.
Ба хона басе нозпарвар будам,
На ҷуз «ҷони ширин»-и модар будам.
Заминро надида даме нози ман,
Ҷаҳон мешунидӣ ҳам овози ман.
Биҳиштам будӣ хонадони падар,
Чу Одам аз он лек гаштам бадар.
На бо ихтиёру на бо ройи кас,
Зи ҷурми ҳавову зи пушти ҳавас.
Чун аз чашми хона фитодам чу ашк,
Ба ҳар кӯву дар сар ниҳодам чу ашк.
Чу аз деҳа рафтам, расидам ба шаҳр,
Ту гӯӣ расидам саросар ба заҳр.

Расидам ба даргоҳи Донишкада,
Ба дарҳои дониш ҳаме сар зада.
Дар ин шаҳри заҳрӣ бибурдам ба сар,
Басе заҳри шаҳрӣ бихӯрдам дигар.
На танҳо димоғам пур аз дуд шуд,
Умеди дилам заҳролуд шуд.
Ба ҳар кас, ки рӯ кардам, ӯ буд дурӯ,
Ба ҳар сӯ, ки дидам, намуд ӯ ду сӯ.
Басе торикӣ аз зиёӣ расид,
Зиёӣ ба авҷи риёӣ расид.
Шунидам зиёду бидидам зиёд
Басе Аҳриманзоду Заҳҳокзод.
Ба гардан галстуку айнак ба чашм,
Дилаш пурсиёҳиву пуркину хашм.
Дили аҷнабиву забон порсӣ,
Ҳаме ранҷ омад аз ӯям басе.
Ду-се сол дар мулки Афғон будам,
Зи аҳволи афғон дар афғон будам.
Будам тарҷумон гарчи бар ину он,
Ба ғамҳои афғон набуд тарҷумон.
Бигуфтам, Худоё, шуд ислом хор,
Мусулмон агар шуд чунин хору зор.
Набудӣ даре, ки барам дарди худ,
Кунам гарм як дам дили сарди худ.
Аз ин заҳри шаҳру аз ин чангу дуд
Бибурдам сар андар гиребони худ.
Аз ину аз он гарчи нолидаам,
Зи худ бештар ман бадӣ дидаам.
Задам тешаҳо баски дар пои худ,
Чи нолам зи ҳар кас, ки, эй вои худ.
Наомад ба фарёд фарёдрас,
Надидам чу соқӣ яке ҳамнафас.
Бигуфтам, аё соқии меҳрубон,
Биёр он майе, ки бубахшад равон.
Бидеҳ соқиё, ҷоми гулгуни май,
Пас аз фурсате бигзарад моҳи май.

Агар соли дигар майояд дигар,
Чу бигзашт умрат, кай ояд дигар.
Ба дунё чу оиву бояд гузашт,
Чӣ суде дигар з-ин ҳама ҳафту ҳашт.
Вале ман аз он шиква дорам дигар,
Ки умрам гузашта басе бархадар.
Кифоят набуд бар ман он чӣ ду чиз –
Пули лаънатӣ буду вақти азиз.
Ба як мижа ҳам зиндагонӣ гузашт,
Чу мижа яке лаҳза вопас нагашт.
Мабош, эй дил, аз зиндагонӣ ғамин,
Зи оғоз буд зиндагонӣ ҳамин.
Ба ҷуз ту ғаматро нахӯрда касе,
Ба фикрат набошад касе як хасе.
Ғамат кас нахӯрду ту ҳам ғам махӯр,
Дар ин тундбоди замон хам махӯр.
Чӣ хоҳам, чӣ ҷӯям, чӣ гӯям ба кас,
Нашуд зоҳир ин гуфтугӯям ба кас...
Париданд тайёраҳо дар ҳаво,
Бикардам ба андеша наззораҳо.
Ба парвоз рафта зи шаҳре ба шаҳр,
Зи болои кӯҳу зи болои баҳр.
Таваққуф ба парвозашон нест, нест,
Сукут оварад дар ҳаво як дам ист.
Дило, зиндагонӣ бувад осмон,
Ману ту чу тайёра дар авҷи он...

# ҒАЗАЛҲО

Дар ҳавасҳои ҷавонӣ чанд печӣ зӯрро?
Нохуни пирӣ кушояд уқдаҳои кӯрро.
Бо ҳама дар зоти худ холис будан арзанда аст,
Кай писанди табъ донӣ тамъи оби шӯрро?
Ҳамраҳиву ҳамдилӣ дар сурату сират хуш аст,
Ҷой дар дилҳост сози торҳои ҷӯрро.
Нест ҷуз озурдагӣ дар ошёни орзу,
Халла кардан то ба кай ин хонаи занбӯрро?
Гарчи наздик аввалу охир чи дур афтодааст,
Мо бадал кардем он наздику ҳам ин дурро.
Дар биёбон мо ба чашми худ саробе будаем,
Ҳайфи он умре, ки тай шуд дар пай ин манзурро.
Зиндагӣ моро хилофи орзуи мо барад,
Орзу кардем з-ин рӯ маргрову гӯрро...

* * *

Шуд офтоб молики явму валои Шарқ,
Омад шимолу ғарбу ҷануб аз сивои Шарқ.
Гоҳе баланд мешавад аз остини кӯҳ,
Хуршед ҳам магар буда дасти дуои Шарқ.
Мушкил бувад видоати ёрони гармрӯ,
То бар ғуруб хун равад аз дидаҳои Шарқ.
Равшан чу офтоб магар ҳарф дидаӣ?
Як нукта шуд баёнгари сад муддаои Шарқ.
Гарм асту поку софу равон ҳарфи офтоб
Дар сафҳаи сапедаи субҳи сафои Шарқ.
Ояд зи нӯги хомааш ашъори дилнишин,
Ку шоире чу шоири ширинадои Шарқ?!
Дар офтоб манзарае ғайри нур нест,
Эй дил, биёву шин саҳаре ҳам ба ҷои Шарқ.
Доданд офтоб ба подоши офтоб,
Ҳар субҳ ин муомала омад барои Шарқ.
Дар шаҳри субҳ ҷуз сухан аз рӯшанӣ магӯ,
Ё гӯши ҳиммате бикушо бар садои Шарқ...

* * *

Рухи сапеди ту бувад чу навбаҳори сапед,
Магар баҳор расида ба рангу бори сапед.
Сапедасори саҳаргоҳи навбаҳор бувад,
Танат даме, ки бишӯӣ ба обшори сапед.
Кунӣ назар чу саҳаргаҳ ба рангҳои чаман,
Ҳазор ҷилва расад дар шукуфазори сапед.
Ба ҷилгаҳои баҳорон паёми об барам,
Ба шаҳри сабз барам нури сабзвори сапед.
Навишт абр басе ҳарф бар самои баҳор,
Ҳама кабуд шуду сабз з-ин шиори сапед.
Дар интизори раҳат чашми ман сапед шуда,
Чӣ зардрӯ шудам охир зи интизори сапед.
Даман кабуду чаман сабзу арғувонию сурх,
Навори ранга кашида ба рӯдбори сапед.
Канори ту бинишинам ба лолазори баҳор,
Ба сар кашам қадаҳи оби хушгувори сапед.

* * *

Кас намегирад суроғам ҷуз нафас,
Кас намеояд ба сӯям ҷуз ҳавас.
Бингарам бар чорсӯи рӯзгор,
Ҳеҷ дар чашмам наяфтад ғайри хас.
Орзу дар дил, тан андар ин ҷаҳон
Шуд қафас андар қафас андар қафас.
Ҳар нафас фарёд шуд андар гулӯ,
Кай расад бар гӯши як фарёдрас.
Он қадар ширин шудам аз орзу,
Соя аз рӯям нахезад чун магас.
Ҳар кӣ омад, зуд агар баргашт пас,
Қадри ӯ боло равад мисли нафас.

* * *

Наврӯзи навбаҳор ба ёрон хуҷаста бод,
Фасли гулу таронаи борон, хуҷаста бод.
Бодо гиромӣ орази насрину ёсуман,
Базму навои қумрию сорон хуҷаста бод.

Аз бодҳо ба боғ чу паймони нав расад,
Паймони ранг-ранги баҳорон хуҷаста бод.
Азму талоши мардуми кишвар фузун аз ин,
Дасти дуои ҷумлаи пирон хуҷаста бод.
Ирони бостон буда Ирони ростон,
Он ростон расида ба Ирон, хуҷаста бод.
Ҳайрон шавем гар нафасе сӯи навгуле
Ҷоно, нигоҳи волаву ҳайрон хуҷаста бод.
Фирӯз боду шод ҳаме неку хуш мудом,
Ин маҳфили хуҷастаи ёрон хуҷаста бод.

* * *

Дар ин замона ҳеҷ кас ба қадри кас намерасад,
Чи ҷои кас, ки ҳамнафас ба ҳамнафас намерасад.
Туфайли ину он шуда мақому ҷоҳу обрӯ,
Ҳумои мо ба қудрати пари магас намерасад.
Чӣ пурсиам намекунам чаро шикори мурғи ишқ,
Ба дастрас бубинамаш, вале ҳавас намерасад.
Нишоту айшу коми дил, сурӯру шеъру ишқу азм
Ба дигарон ҳамерасад, ба ман зи бас намерасад.
Зи ошно чӣ гилае, ки як нафас ба ман набуд,
Ки ин нафас ба сояи дигар нафас намерасад.

* * *

Бар ман агар мушкил бувад гуфтан аз ину он сухан,
Мушкилтар аз он ин бувад, дорам агар пинҳон сухан.
Ҳар неку ҳар бад дидаам, андар сухан санҷидаам,
Моро бувад имон сухан, моро бувад паймон сухан.
Бо ман сухан гӯ ошкор, дар дил мадораш зинҳор,
Аз чашм берун орам, ар дар дил кунӣ пинҳон сухан.
Хомӯшии яклаҳзаам аз ин ҳиҷо то он ҳиҷо,
Аз ин садо то он садо, аз ин сухан то он сухан.
Гуфтӣ: сухан бо ман магӯ, ҷонро ҷудо аз тан магӯ,
Худ пора шуд банди дилам, шуд дар дилам тӯфон сухан.
Дар узв-узви ман нигар, дар сӯй-сӯям кун назар,
Хомӯши хомӯшам, вале пур раг-раги шарён сухан.

Дӣ як сухан аз ёдҳо гуфтам ба гӯши бодҳо,
Аз бодҳо фарёдҳо печиду шуд печон сухан.
Кай дар ниҳодам орамид, осоише ҷонам надид,
Ин сӯву он сӯям кашид, овард бар лаб ҷон сухан.

* * *

Баҳор мерасад, ҷаҳон ҳама тарона кунед,
Вуҷуди хешро бадар зи кунҷи хона кунед.
Бароваред орзу зи соли куҳнаву нав,
Ба файзи нур сабқате мисоли дона кунед.
Зи ҷилгаҳои навбаҳор чун равед чу бод,
Ба ҳар гиёҳу гул нигоҳи ошиқона кунед.
Суроғи шеъри тар зи чашмаҳои шӯх баред,
Фароғ бар суруду байту бар тарона кунед.
Дигар зи шиква бигзареду меҳр шева кунед,
Чу шеваҳои навбаҳори ошиқона кунед.
Даме ки аз каронаҳои ишқ беш шавед,
Пур аз нишот аз карона то карона кунед.
Ба сар ҳамерасад дигар зи умр гар нафасе,
Адои қарз бар Ватан ҳаме баҳона кунед.
Ба пушти сар кунед кинаҳо чу баҳмани сард,
Муҳаббат овареду меҳр дар миёна кунед!
Дилу вуҷуди хешро ба ишқ чун супаред,
Чу Мӯҳтарам саодате ба ҷовидона кунед.

* * *

Бо чашми чорам, эй Худо, сарсону ночорам макун,
Аз ту талаб дорам Худо, танҳову беёрам макун.
Ҳам душманон хорам кунанд, ҳам дӯстон зорам кунанд,
Бар душманон хорам макун, бар дӯстон зорам макун.
Ноаҳл созад миннатам, номард созад тӯҳматам,
Мӯҳтоҷ бар халқи ҷаҳон, аз ту талаб дорам, макун.
Чашми бад аз мо дур кун, бадхоҳи моро кӯр кун,
Қалби маро масрур кун, дар банди озорам макун.
Баъзе талаб доранд мол, баъзе тамаъ доранд ҳол,
Ман, ки талаб дорам Туро, ҷуз худ талабгорам макун.

Гоҳе сазовори касон, гоҳе гирифтори хасон,
Ман, ки гирифтори Туам, бар кас гирифторам макун.

* * *

З-он пеш, ки ой ба барам, кош намирам,
Хоки қадамат то ки ба мижгон бипазирам.
Мо дар раҳи ишқи ту, ки густох набудем,
Бар васл чунин чашми ту кардаст далерам.
Оромии ман нест аз оне, ки шудам ром,
Охир чӣ кунам, дар қафаси ишқ асирам.
Ман бандаи ишқам, ба ҳар унвон, ки бихонӣ,
Султони ману шоҳи ману хону амирам.
То шева дигар, роз дигар, соз дигар шуд,
Дигар зи ҷавонӣ гузарам, гарчи на пирам.
Бар баҳру бару шамсу қамар бахш намудам,
Ишқи ту нагунҷид ба паҳнои замирам.
Бо донаи холи лабу оҳуи нигоҳат
Дар азм чу мӯр ояму дар панҷа чу шерам.
Афтодаи ишқам, ки дигар бор нахезам,
Ман зиндаи ишқам, ки дигар бор намирам.

* * *

Зиндагӣ бо дили пурсӯз ба мо чора бувад,
Амни парвоз зи сӯзи дили тайёра бувад.
Ин такопӯ шавад ором ба тобут магар,
Хоби тифл аз асари ҷунбиши гаҳвора бувад.
Шӯъласо сӯзу маҷӯ ҳеҷ ҷудоӣ аз ишқ,
Дуд аз оташ чу ҷудо гашт, бас овора бувад.
Бигзар аз машғалаи гуфту шуниду ману ту,
Ки дигар дар ҳарами дил ҳама наззора бувад.
Дурӣ аз дида бувад боиси каммеҳрии дил,
В-арна хуршед бувад он чи, ки истора бувад.
Рангбахшои дилу дидаи ман рӯи ту буд,
В-арна ин манзараи зиндагӣ ангора[1] бувад.

1. Ангора – нақши пешакӣ, эскиз.

Зарӯ зӯриву ҳаме зора бувад чораи даҳр,
Зару зӯрӣ натавон кард, магар зора бувад.
Васли ту чун гулу ҳиҷрони ту хорест маро,
Хор-хорам ман аз он, ки дили ту хора бувад.
Раҳзани шаб зи хам омад, ҳама бар хоб рабуд,
Он ки бедор бувад, дидаи маҳпора бувад...

* * *

Чанд шитоб мекунӣ, як сухани дигар шунав,
Аз дилу дида гуфтамат, низ ҳам аз ҷигар шунав.
Ҳар чи ки гуфтамат ба ҷон, ҷои дигар ту нашнавӣ,
Ҷон талабу дил бирабо, умр ситон – хабар шунав.
Сидқ бубин, сафо биҷӯ, меҳр нигар вафо бубин,
Ноз бикун, роз шунав, шом бигӯ, саҳар шунав.
Шаҳр пур аз ғулғула шуд, халқ пур аз машғала шуд,
Қуръаи ишқ бар ту шуд, эй дили бехабар, шунав.
Субҳи ниёзи орзӯ, вақти намози орзӯ,
Гар наӣ чашми кӯр, бин, гар наӣ гӯши кар, шунав.
Сурати офтобро дар нигаҳи ҳубоб бин,
Рози ниҳони сангро аз ҷигари шарар шунав.
Ҷуз ману ту нест касе, не магасеву не хасе,
Сабр бикун як нафасе, як сухани дигар шунав...

* * *

Дар чашми ҷустуҷӯ нами ваҳми ниқоб нест,
Ин оина баёнгари гунги ҳиҷоб нест.
Ишқи маро намунаи гардун ниҳодаанд,
Он, ки ба чашми халқ ба ҷуз офтоб нест.
Пире хамида меравад аз хатти кӯри роҳ,
То бар саволи қоматаш аҷри ҷавоб нест.
Нодода ҷоми бодаву гӯӣ – марав зи худ,
Хезад ғубор барҳадар он ҷо, ки об нест.
Оё дурахши ишқи чу хуршед дидаӣ?
Эй дил, чарот ҳиммати чашми ҳубоб нест?
Умрат яке бувад, ки ҳам он зуд бигзарад,
Ҳон, имтиёзи дигарат аз интихоб нест.

Дасти ман аст, гар буда дасте бурун зи гӯр,
Чашми ман аст дар лаҳад оне, ки хоб нест.
Эй ҳамсафон, танаффусе, охир итоб чист?
Эй ҳамраҳон, таваққуфе, амри шитоб нест.
Ҳушам ба ҷуз зи шеваву оҳанги ишқ нест,
Гӯшам ба ҷуз зи нағмаи чангу рубоб нест.
Шеъри баланд лоиқи ёрони маҳваш аст,
Ҷоно, ба шаҳр мисли ту оличаноб нест.

* * *

Ту, эй гул, дар баҳори орзуи ман набишкуфтӣ,
Чӣ созад булбули шӯрида, дар гулшан набишкуфтӣ.
Ақиқингуна, атрогину хандонлаб нарӯидӣ,
Гулобирангу наргисчашму симинтан набишкуфтӣ.
Зи ашки шабравам сад ғунча лаб во кард дар гулшан,
Чи ҷурме буд, к-аз ин бориши баҳман набишкуфтӣ.
Чаман пероҳани сабзу кабуду сурх дар бар кард,
Ту, эй гулгунқабо, сад ранг дар доман, набишкуфтӣ.
Шукуфтӣ ту ба сад рангу ба сад баргу ба сад оҳанг,
Дареғу дарди ҷони ман, ки баҳри ман набишкуфтӣ.
Чи шабҳо, ки ба сар бурдам, ба кунҷи тору танҳоӣ,
Накардӣ ҳамчу шамъе хилватам равшан, набишкуфтӣ.

* * *

Гирди шамъи зиндагӣ саргашта чун парвонаем,
Дар ниҳонгоҳи худӣ бо дигарон бегонаем.
Дар ҳаққи мо ҳар касе дорад гумоневу вале
Кас надонад то кунун ганҷем ё вайронаем.
Пур намо паймонаи моро, ки инак мерасем,
Сахт махмуреву дар пушти дари майхонаем.
Аз ҳазору як шаби мо як шаби дигар намонд,
Дар забони мардуми ин шаҳр мо афсонаем.
Дар тарозуи шумо афтода кам бас санги мо,
В-арна андар сарзамини ишқ мо якдонаем.
Сӯҳбати ин шоми дилкашро ғанимат бишмарем,
Чунки фардо мерасад, ҳастем дигар ё наем.

Зодгоҳи ину он пурсидан ин ҷо айб нест,
Зодгоҳи мо чу пурсӣ, ғармии Фарғонаем.

* * *

Дилам дар ёди ҷонон меравад, дигар намеояд,
Чу тифл аз хона нолон меравад, дигар намеояд.
Агар хуршед рафт имрӯз, фардо боз меояд,
Зи дунё лек инсон меравад, дигар намеояд.
Агар дар вақти рафтан гуфт меоям, макун бовар,
Ки ӯ ҷон асту чун ҷон меравад, дигар намеояд.
Хатти сабзу гули лаб, навбаҳори чеҳрааш бингар,
Ки ин фасли баҳорон меравад, дигар намояд.
Дилам шуд файласуфи ишқу охир тарки манзил кард,
Ки Афлотун зи Юнон меравад, дигар намояд.
Ҷаҳон чун ҷӯйборон асту умри одамӣ об аст,
Ки об аз ҷӯйборон меравад, дигар намеояд.
Хаёлат дар сарам меояду вопас намегардад,
Нигоҳ аз чашм ҳайрон меравад, дигар намеояд.
Марав аз ман, ки бе ту дар ҷаҳон бе дасту дил монам,
Чу аз дасту дил имкон меравад, дигар намеояд.

* * *

Хастаам, яккаву танҳо, ба куҷо занг занам?
Баҳри таскини дили худ ба Шумо занг занам.
Пахш карда ду рақам, аз ниятам мегардам,
Ки мабодо на баҷо, ё ба хато занг занам.
Рақами мобили ман рафт зи ёди ту магар?
Ҳолӣ ҳозир ба Шумо, баҳри Худо занг занам.
Шасту севу наваду ҳафту дигар бисту нӯҳ аст,
(Нӯҳсаду ҳаждаҳ) – Агар гӯӣ: биё, занг занам.
Занг зан, занги ту занги дили ман тоза кунад,
Назанӣ занг агар, ман сару по занг занам.
Хуштар аз занги ту овозу садое набувад,
Ман кунун дарк кунам, бар ту чаро занг занам.
Занг зан, ё ки дигар занги дарам пахш бикун,
Кош, дигар нагузорӣ ту маро занг занам...

* * *

Нойи ман то бе навои ман шуда,
Бенавои ман навои ман шуда.
Ошное ошу нонам мебарад,
Ошу ноне ошнои ман шуда.
Баҳри ман дар ҷовидон ҷое намонд,
Ҷовидон беҷои пои ман шуда.
Ҷони ман дар роҳи ёре маҳв шуд,
Роҳи ёре бе равои ман шуда.
Аз Хутан шеъри наве овардаам,
Мумиёӣ мумиёи ман шуда.
Чашми бедорам ба соат мерасад,
Ақрабакҳо ақрабои ман шуда.
Ибтидову интиҳои як нафас
Ибтидову интиҳои ман шуда.
Аз талотумҳои дарё фориғам,
Нохудои ман худои ман шуда.

* * *

Зиндагӣ, ҷӯра, ҳамин аст, дигар чизе нест,
Араќи дасту ҷабин аст, дигар чизе нест.
Орзуи ту, ки дар авҷи само мегардад,
Оқибат хоки замин аст, дигар чизе нест.
Ту чунин гуфтаву ман гуфта чунонат, лекин
На чунону на чунин аст, дигар чизе нест.
Ҳамчу оҳу чӣ гурезӣ, ки туро чор тараф
Тиру сайёду камин аст, дигар чизе нест.
Як-ду дам гарчи сарафроз будӣ, охири кор
Рӯи зонут ҷабин аст, дигар чизе нест.
Қимати умр ба бозори ҷаҳон донӣ агар,
Нархи бозор ду тин аст, дигар чизе нест.
Сиҳати табъ кифоят бувадат дар лаби об,
Агарат нони ҷавин аст, дигар чизе нест.
Рӯи ин сафҳаи офоқ яке ҳарфи баланд
Шеъри хуршеди барин аст, дигар чизе нест.

Номи ту дар лаби ҳар пиру ҷавон мӯҳтарам аст,
То туро ҷоиза ин аст, дигар чизе нест.
Дафтари туст, ки дар панҷаи зебосанаме
Ҳамчунон нақши нигин аст, дигар чизе нест.

* * *

Ишқ дар дил, ишқ дар ҷон ин манам,
Ишқро бунёду бунён ин манам.
Шеъру байту мисраву ҳарфу ҳиҷо,
Ишқро сарҳарфи девон ин манам.
Чанд мепурседам аз ину аз он,
Ин манам, эй ҳамнишинон, ин манам.
Кас намебинад маро, гарчанд худ
Дар миёни халқ урён ин манам.
Дар биёбон то ба гарди худ расам,
Бо шитоб афтону хезон ин манам.
Машриқу мағриб, шимолу ҳам ҷануб,
Ҳинду Шому Руму Эрон ин манам.
Аз «Авасто» ҳам сурӯше мерасад:
Мӯъмини оёти «Қуръон» ин манам.
Чоҳ ман, зиндон ману авранги Миср,
Юсуфу Яъқубу Канъон ин манам.
Дар суроғи Шамси худ саргаштаам,
Пайрави Мавлои Румон ин манам.
Аз аналҳақ нагзарам то рӯи дор,
Дӯстро Мансури паймон ин манам.

## БОЗГАШТИ БАҲОР[1]

*(Намоишнома барои филми тасвирӣ)*

*Иштирокчиён:*

Меҳнат – ҷавони 25-30 сола
Модар – замин, пиразани 60-сола, модари ӯ
Баҳор – духтари 18-20 сола
Ниҳол – духтари 10-15-сола
Дарахти себ – зани 20-25-сола
Гиёҳ – ҷавони 10-15 сола
Парасту – паранда, духтари 15-16 – сола
Булбул – ҷавони 18-сола
Офатшоҳ – марди 60-65-сола
Гармсер – марди 45-50 – сола, сарлашкар
Гурусна – ҷаллод
Хазонбек – марди 50-55 сола, навкар
Хушксор, сарбозон, навкарон, дарбориён

### Намоиши 1

*Кулбаи нимвайрона. Дар саҳни ҳавлияш ниҳолест, ки шохаҳояш андак-андак гул бастаанд. Дар назди ниҳол Модар-замин ва писараш Меҳнат дар ҳоли хайрухуш қарор доранд. Меҳнат кӯлбор дар китф, омодаи сафар аст. Вай ҷавони боқувват намояд ҳам, ҳабси чандвақта ӯро лоғар кардааст. Меҳнат ба ҷустуҷӯи шоҳдухтари кишвари Гулистон Баҳорбону равон аст. Агар вай Баҳорро пайдо кунад, онҳо якҷоя Офатшоҳро аз тоҷу тахт афтонда, ин сарзаминро обод хоҳанд кард. Модар-замин ӯро гусел мекунад. Ӯ охирин кулчаи сурфаро ба Меҳнат медиҳад ва фарзандашро бӯсида мегӯяд:*

---

1. Ин намоишнома соли 1980 ба муносибати 50-солагии обод шудани заминҳои водии Вахш навишта шуда буд. Таҳрири соли 2008 *(Муаллиф)*.

**Модар:**

Аё дилбанд, роҳат бехатар бод,
Саодат ёри ту андар сафар бод.
Ба ҳар ҷое, ки бошӣ, шод бошӣ,
Зи ҷабри золимон озод бошӣ.
Бирав, ки Офати ваҳшии хунхор
Дигар борат нагардонад гирифтор.
Ба роҳат ман шабу рӯз интизорам,
Шавад ёрат зафар, уммедворам.
Бирав, фарзанд, роҳат бехатар бод,
Саодат ёри ту андар сафар бод.

**Меҳнат:**

Махӯр ғам, модари дилбанд, бисёр,
Мадеҳ қалбат ба дасти ранҷу озор.
Махӯр ғам, ки биёям аз сафар ман,
Биронам золимонро сарбасар ман.
Дуоям деҳ – наоянд рӯ ба рӯ бад,
Балогардони ман номи ту гардад.

**Модар:**

Сафар неку раҳи ту бехатар бод,
Нигаҳбонат Худо андар сафар бод.
Ба роҳат аз хатар ҳушёртар бош,
Зи чашми мири шабҳо бохабар бош.
Ба шабҳо раҳ раву пинҳон бишав рӯз,
Шабон дар назди худ гулхан маяфрӯз.
Зи назди навкарони шоҳ магзар,
Ки ҷӯяндат ба ҳар ҷо.

**Меҳнат:**

Хайр, модар.

*(меравад)*

*Модар дуру дароз аз пушти ӯ нигоҳкунон, оби чашмашро бо гӯшаи рӯймолаш пок мекунад. Баъд баргашта ба назди ниҳол, рӯи суфаи хокӣ мешинад. Ниҳоли себ як шохаи пургулашро ба рӯи модар хам*

*карда, гӯё ӯро дилбардорӣ мекунад. Модар ниҳолро ба оғӯш гирифта, сар ба тани ӯ монда, ба фикр фӯрӯ меравад ва гӯё худ ба худ мегӯяд:*

**Модар:**

Намуд Офат басе помол ин мулк,
Биёварда балоҳо бар сари мо.
Саросар мулк вайрону хароб аст,
Ҷигарҳо гашта хун, дилҳо кабоб аст.

**Ниҳол:** *(аз пушти Меҳнат нигарон ба модар мурочиат карда)*

Ману ту, модаро, мондем танҳо,
Кӣ бошад баъд аз ин ғамхор моро?
Чӣ сон бе ӯ ба сар моро шавад ҳол?
Кай ояд аз сафар?
Меояд имсол?

**Модар:**

Ба зудӣ хоҳад омад аз сафар ӯ,
Бичангад зидди шоҳи бебасар ӯ.
Зи нав ин мулкро бӯстон намояд,
Ба дарди мову ту дармон намояд.
Зи нав ин чӯлу саҳро гашта гулпӯш...

**Ниҳол:** *(сар баланд карда)*

Касе дар пушти дар моро кунад гӯш!

*Модар аз ҷой хеста, сӯи дар меравад. Дар ин вақт Хазонбек ва чанд навкари мусаллаҳ бошаст ворид мешаванд.. Онҳо атроф ва даруни кулбаро аз назар мегузаронанд. Хазонбек ба сари Модар-замин фарёд мезанад.*

**Хазонбек**:

Канӣ он осии ношуд?
Куҷо аз чашм пинҳон шуд?
Ҷавобам деҳ, ҷавобам, зуд!

**Модар:**

Ба зиндони шумоён буд.

**Хазонбек:**

Ба нодонӣ назан худро,
Макун бозӣ дигар бо мо!

**Модар:**

Надонам, рост мегӯям,
Ман ӯро аз куҷо ҷӯям?

**Хазонбек:**

Вай аз зиндони мо бигрехт
Ба макру ҳиллае ҳоло.
Вале пайдо кунем ӯро,
Куҷо ҳам меравад аз мо,
Ба дораш мекашем...

*Шохаи пургули ниҳол ба чашми Хазонбек меафтад.*

Оҳо!
Агар имшаб набуд ин ҷо,
Зи чӣ бишкуфт ин гулҳо?!

*Вай як шохаи пургулро шикаста ба замин мезанад.*

Намегӯӣ, нагӯ, майлаш!

*Ба навкарҳо нигариста:*

Бигиредаш, бубандедаш!

*Навкарҳо дастони Модар-заминро тоб дода мебанданд. То ин фурсат Хазонбек ба танаву шоххои ниҳол даст мерасонад ва баргу гулҳои ниҳол оҳиста-оҳиста зард мешаванд. Навкарҳо Модару ниҳолро кашон-кашон мебаранд.*

### Намоиши 2

*Манзараи нимторик ва ҳавлангези зиндони Офатшоҳ. Замин-модар дар гӯшае нишастааст. Аз ғояти гушнагӣ ва ташнагӣ чеҳрааш афсурда. Шоҳ*

*Офат ӯро бандӣ карда, бо азобу шиканҷа дар куҷо пинҳон шудани писарашро донистанӣ мешавад. Вай рӯз то рӯз беҳолтар шавад ҳам, дар куҷо будани писарашро намегӯяд. Офатшоҳ чанд рӯзи дигар ӯро мӯҳлат додааст, ки ҷои пинҳон шудани фарзандашро гӯяд, дар акси ҳол кушта хоҳад шуд. Ҷаллод Гурусна ҳар замон даромада, нӯги шамшерро ба гулӯи вай расонда, масхаракунон механдад.*

*Дар он ҷо ниҳоле низ, ки шоху баргаш хушкидаанд, дар пеши Модар-замин афсурдаҳол истодааст. Модар-замин ғарқи фикре сукут кардааст. Дар доман ва гирду атрофаш гулу гиёҳ пажмурда, ҷо-ҷо қад кашидаанд.*

**Ниҳол:** *(каме алвонҷ хӯрда)*

Зи беобӣ хазонам, нотавонам,
Зи дасти шоҳ Офат сӯхт ҷонам.
Гулу баргам ҳама афсурда гашта,
Зи беобӣ рухам пажмурда гашта.
Зи сад гул як гули нашкуфтаам ман,
Ба худ печидаву ошуфтаам ман.
Чӣ созам, бо кӣ гӯям дарди дилро,
Мададгореву ёре нест ин ҷо.

**Модар-замин:** *(Аз ҷой хеста даст ба тани Ниҳол мебарад)*

Ғам махӯр, эй Ниҳолакам ин қадр,
Аз ҳама дарду ғам шавӣ озод.
Мерасад об бар канори ту,
Гулбасар мешавиву ҳам дилшод.
Боз дар шохсори ту булбул
Менишинад, суруд мехонад.
Ҳукми Офат ҳамеравад барбод,
Аз хазонат нишон намемонад.

**Ниҳол:**

Дидаам ҳам туро ман, эй модар,
Зардрӯиву сина пурдоғӣ.
Аз чӣ охир нишонае намонд
З-он ҳама бӯстону аз боғе?

**Модар-замин:**

Ногаҳон сӯи мо бало омад,
Шоҳ Офат чу ҳамлавар гардид.
Хира гардида нақши домонам,
Чок шуд сина, бесамар гардид.

Гармсере вазид бар рӯям,
Ӯ чунин музтару харобам кард.
Дардам аз дарди ту на камтар аст,
Оташе буд, ки кабобам кард.

**Хазонбек:** *(Хазонбек сурудхонон пайдо мешавад)*

Ман Хазонам, ман Хазонам,
Дар замину осмонам.
Душмани ҷони Баҳорам,
Шафқату раҳме надорам.
Ман Хазонам!

Ҳар куҷо рӯяд гиёҳе,
Боз бар хокаш нишонам,
Зинда бодо шоҳ Офат,
Дар паноҳи ӯ амонам!
Ман Хазонам!

*(Наздик омада ба суханони Модар-замин гӯш медиҳад.)*

**Модар-замин:** *(омадани ӯро пай бурда ҳасуронатар)*

Лек рӯзе расад, ки Меҳнатшоҳ
Сӯи мо ҳамчу тоза ҷон ояд,
Шоҳ Офат зи рӯи тахт афтад,
Ларзае ба ҷони Хазон ояд.

**Хазонбек:** *(наъра мезанад)*

Ин чӣ гап?
Шав хамӯш, эй бешарм,
Бо чӣ ҷуръат ту носазо гӯӣ?
Дасту пои ту сахт дар банд аст,
Аз кӣ роҳи халос меҷӯӣ?!

Қуввае ку, ки то шавад ғолиб
Ҷанг созад ба зидди шоҳ Офат?
Ҳар ки бар зидди шоҳи мо хезад,
Марг бар рӯи ӯ ҳаметозад.

Дар тамоми ҳудуди ин кишвар
Лашкари Гармсер метозад.
Ҳар ки ӯ саркаш асту исёнгар,
Бегумон бо сараш ҳамебозад.

*Хазонбек атрофро аз назар гузаронда, Гиёҳеро, ки дар сояи Ниҳол сар кашида буд, мебинад. Ба ӯ ҳамла овардонӣ мешавад. Модар-замин ва ниҳол гиёҳро дар паноҳи худ гирифта, бо Хазонбек афту дарафт мекунанд. Ниҳол бо даст чун калтак ба сари Хазонбек мезанад. Хазонбек фарёд бароварда ба хок меғалтад.*

*Ин фарёд ба гӯши сарбозон мерасад. Чанде аз онҳо давида медароянд.*

*Сардори навкарҳо Хазонбекро аз замин мебардорад. Вай оҳувоҳкунон чашм мекушояд. Модар-замин ҷасуронатар дар муқобили онҳо рост меистад. Навкаре аз Хазонбек, ки сараш кафида, хуни зард мешорид, мепурсад:*

**Навкар:**

Дар чӣ ҳоле фитодаӣ, бекам,
Хунат аз чӣ чакида бар рухсор?
Бар сари ту кӣ даст боло кард?
Кист ҷуръат намуда бар ин кор?

**Хазонбек:** (*калавида, бо овози нолон)*

Ин ҳама осиёни балвогар
Ин Ниҳол, ин Гиёҳаки ночиз!
Дам дамеду ҳама бисӯзонед,
Ман намебахшам ин гунаҳ ҳаргиз!

*Навкарон бо даҳани аждаҳомонанд сӯи Ниҳол, Гиёҳ ва Модар-замин дам медаманд. Ниҳол ва Модар – замин беҳол шуда аз муқобилият мемонданд. Хазонбек ҷасуртар шуда, онҳоро калтаккӯб мекунад. Хазонбек ва навкарҳо қаноатмандона баромада мераванд. Хазонбек сурудашро такрор мекунад.*

**Хазонбек:**

Ман Хазонам, ман Хазонам,
Дар замину осмонам!
Душмани ҷони Баҳорам,
Шафқату раҳме надорам.
Ман Хазонам!

Ҳар кучо рӯяд гиёҳе,
Боз бар хокаш шинонам.
Зинда бодо шоҳ Офат,
Дар паноҳи ӯ амонам!
Ман Хазонам.

*(меравад)*

*Гиёҳ аз паноҳи Модар-замин ва Ниҳол мебарояд. Вай Модар-замин ва Ниҳолро беҳолу беҳуш дармеёбад. Ашкҳояш ҷорӣ шуда, аз пушти мижгонҳояш қатра – қатра мечаканд.*

*Ӯ гоҳ сар ба синаи Модар-замин мезанаду гоҳ ба танаи Ниҳол ва месарояд:*

Модар, эй модари ҷон, хез зи ҷой,
Зиндагӣ бе ту маро нест дигар.
Зиндагӣ хоҳаму оғӯши туро,
Зиндагӣ бе ту маро чист дигар?

*(Модар-замин чашм во карда, ба ҳаракат медарояд. Рӯяш пур аз доғҳои сиёҳ ва ҷо-ҷо кафида. Гиёҳро ба оғӯш мегирад.)*

**Гиёҳак:** *(давом медиҳад)*

Модар, эй модари ҷон, хез зи хоб,
Хезу бар зидди Хазон...

**Модар-замин:** *(беҳолона)*

...қатрае об!

**Гиёҳак:**

Оҳ, эй модари ҷон, об куҷост,
Ҷуз ҳамин ашк ба мижгони тарам.
Шукр, сад шукр, кунун зиндаӣ ту,
Соябон шав ту кунун рӯи сарам.

**Модар-замин:**

Зиндаам, бо туам, эй нури басар,
Дар азобам ман аз ин мушкили ту.
Сабр кун, гиря макун, ашк марез,
Огаҳам аз ҳама дарди дили ту.

*Рӯ ҷониби Ниҳол оварда ӯро навозишкунон:*

**Модар-замин:**

Дасти бедодгарони шаҳи мулк
Шоху баргат ҳамагӣ карда хароб.
Ин Хазонбеки разил аз раҳи кин
Надиҳад ҳеҷ ба кас қатраи об.

**Ниҳол:**

То даме дар барам истода туӣ,
Ҳеҷ гаҳ як сари мӯ хам нахӯрам,
Пеши ин аждари сӯзанданафас
Гар ҳама хушк шавам, ғам нахӯрам.

**Модар-замин:**

Сар барафрозу бубин бар раҳи дур,
Накунад аз чӣ кас ин сӯй гузар.
Қуввате нест, ки фарёд кунам,
Кошки ояд аз он сӯй хабар.

Хабаре нест зи фарзанди азиз,
Ё ки кардаст фаромӯш маро.
Қосиде ку, ки паёмам бубарад,
Хабареву асаре нест чаро?

**Ниҳол:** *(қад афрохта даст ба пешонӣ атрофро нигоҳкунон)*

Ба назар ҳеҷ касе ҳам нарасад,
Зи дами боди сабо дам нарасад.
Ҳама ҷо сӯхта, афсурда Хазон,
Асар аз қатраи шабнам нарасад.

Сабзаҳо аз дами оташнафасон
Сар баровардаву дар хок шуда,
На гуле монда ба ҷову на гиёҳ,
Синаи дашту даман чок шуда.

Гармсеру ҳамагӣ навкари ӯ
Раҳ гирифта ба гулистони дигар.
Дуду оташ ҳама дар ҳалқу даҳон,
Сӯхта киштаву бӯстони дигар.

Қасри шоҳ Офати малъун бирасад
Ба назар тору пур аз чангу ғубор.
Навкаронаш ҳама дар базму тараб,
Шоҳ Офат бинишаста ба виқор.

*Ин ҳангом парастуе парзанон расида ба паҳлуи ниҳол мешинад ва ҳамоно ба зер меафтад. Модар-замин зуд ӯро ба даст мегирад. Пару боли парасту сӯхта баданаш пур аз обила. Дар минқор номае дорад. Модар-замин парасту рӯи дастон аз ҷой боло мешавад.*

**Модар-замин:**

Парасту, эй парастуи баҳорӣ,
Кашидам дар раҳи ту интизорӣ.
Таманнои дилам ин буд, ки рӯзе
Аз он гумгашта пайғоме биёрӣ.

Парасту, мурғаки зебои рангин,
Сари дастони ман озод биншин.
Паёме гӯ, ки ҷонам хоҳад онро,
Нишоне овар аз он ёри дерин.

Парасту, мурғи зебои ҳавоӣ,
Чаро дере накардӣ, ошноӣ,
Ту пайғоми баҳор овардӣ имрӯз,
Дигар аз мо макун қасди ҷудоӣ.

*Парасту садое бароварда, рӯи дастони Модар ҷон медиҳад. Модар-замин бо таассуф оҳ мекашад:*

Паёматро нагуфтӣ, эй парасту,
Каломатро нагуфтӣ, эй парасту,
Дареғо, аз куҷо ҷӯям суроғат,
Нишонатро нагуфтӣ, эй парасту.

*Гиёҳак сар боло карда ба парасту нигоҳкунон мегӯяд:*

Парасту, парзанон бар осмон пар,
Хабар аз доғи мо бар бӯстон бар.
Паёми обшоронам биёвар,
Нишони навбаҳоронам биёвар.

**Ниҳол:**

Парасту, эй парасту, эй парасту,
Намондӣ дар бари мо як нафас ту.
Туро андар гулӯ бишкаст овоз,
Гумон кардам, туӣ фарёдрас, ту.

**Модар замин:** *(номаро аз минқори парасту гирифта мехонад)*

Хабар аз Меҳнати ман омадааст,
Ёд карда зи раҳи дур маро.
Менависад, ки биёяд зи дигар,
Пайи ободиву озодии мо.

**Модар-замин, Ниҳол ва Гиёҳак – ҳар се:** *(парастуро ба хок супурда, ба поси хотири ӯ савганд ёд мекунанд)*

Бар сари хоки ту, эй пайки баҳор,
Ҳама савганд чунин ёд кунем:
Ба мазори ту ҳаме кошта гул,
Ба зафар рӯҳи туро шод кунем.

**Намоиши 3**

*Қасри сиёҳи шоҳ Офат. Ӯ рӯи тахт бовиқор нишастааст. Хизматгорон аз ду тараф ӯро бод медиҳанд. Хазонбек, Хушксор, Гармсер ва дигар дарбориёни аждаҳошаклу аждаҳонафас даст бар сина рост истодаанд. Қиёфаи Офатшоҳ хашмолуд аст. Ӯ бо решаи гулу гиёҳ ва гандуми наврӯида парвариш ёфтааст. Ҳоло ки дар қаламрави ӯ аз ин хӯрданиҳо чизе намондааст, ба Хазонбек ва Гармсер амр додааст, ки кишвари Гулистонро, ки шаҳбонуяш Баҳор аст, забт намуда, барояш решаи гулу гиёҳ биёваранд. Хазонбек ворид мешавад.*

**Хазонбек:** *(таъзим карда)*

Зинда бошӣ то абад, эй шоҳи мо,
Эй паноҳу такяи мо, бандагон,
Чун ту бошӣ бар сари мо соябон,
Кас надорад тоби моро дар ҷаҳон.

Омадам аз сарҳади мулки Баҳор,
Умри ин гулзор дар ҳадди фаност,
Тӯҳфаи хубе шавад бар ҳазратам...

**Офатшоҳ:**

Боварӣ дорам, ки дар дасти шумост?

**Хазонбек:**

Узр мехоҳам, каме таъхир шуд,
Камтар аз ин банда ҳам тақсир шуд.
Лашкари мо низ беҳад кушта шуд...

*(Ба қафо гашта ишорат мекунад ва рӯ ба Офатшоҳ оварда, бо таъзим мегӯяд:*

Ин қадар аз мо фақат тадбир шуд.

*Хизматгорон лаълиҳо, ки дар рӯи онҳо решаи гулу гиёҳ ва гандуми наврӯида гузошта шудааст, ворид мешаванд. Онҳо лаълиҳоро таъзимкунон оварда пеши Офатшоҳ мегузоранд. Офатшоҳ ҳарисона лаълиҳоро ба сараш кашида, ба хӯрдан медарояд. Вай ноқаноатмандона ба Хазонбек рӯ меоварад.*

**Офатшоҳ:**

Ҳамааш, каллаварам, ҳаст ҳамин?
Монад он лофу газофат зи сарат,
Ин қадар рӯзу шабон гум ки шудӣ,
Омадӣ кош зи мурдан хабарат.

*Рӯ ба навкарон меорад:*

Дасту пои ту бубояд ки шикаст...
Ё туро баста ба дарё фиканам?
Бо чунин лашкару ин зӯру мадор
Ба ҳама рӯи ҷаҳон шоҳ манам!

Фурсати туст ду-се рӯзи дигар,
То кунӣ забт ҳама мулки Баҳор.
Накунӣ банд агар Меҳнати дун,
Дуди ҷонат бибарорам зи димор!

Ҳар чи рӯяд ба гулистони Баҳор,
Сӯз, помол намо аз сари хашм,
Сарбасар киштаву гулзори варо
Бифиристон худи имрӯз!

**Хазонбек:**

Ба чашм!

*Таъзим карда, андешамандона аз қаср бармегардад, вале ҳамон замон сарашро дошта оҳ гӯён ба замин менишинад. Дарбориён фарёдашро шунида, сӯи ӯ мешитобанд. Хазонбек ҳар замон фарёде бароварда ин ҷову он ҷои сару танашро медорад. Офатшоҳ ҳақиқати ҳолро фаҳмида ба ханда медарояд. Дар осмон як пора абре буд, ки аз он қатра-қатра борон меборид. Ҳар қатра борон ба сару рӯи Хазонбек мисли тир бар мехӯрд. Хазонбек худро ба замин партофта, аз байни пойҳои Офатшоҳ ва дигар дарбориён сӯи толори қаср мехазад.*

**Офатшоҳ:** *(хандазанон)*

Ту зи як қатраи борон ки чунин
Оҳу фарёд кунӣ, дод занӣ,
Ба чунин заҳра, ки дорӣ ба дилат,
Назди дарёи равон чун бикунӣ?

*Хандазанон сӯи осмон менигарад ва якбора хандаашро қатъ карда бо хашм мегӯяд:*

Пеши ман кӯҳи гарон ҳамчу каҳест,
Пеши ман баҳр яке қатра бувад,
Сӯзад андар нафасам хоки замин,
Санг пеши нафасам об шавад.

Пас ту, эй абраки ноҷинс чӣ сон
Сӯи ин кишвари мо омадаӣ?
Магар аз будани худ сер шудӣ?
Донӣ оё ба куҷо омадаӣ?

*Сӯи осмон аз даҳонаш дуди оташолуд мебарорад. Дар осмон садои раъдмонанде шунида мешавад. Абр нопадид мегардад. Торикӣ фаро мерасад.*

**Намоиши 4**

*Манзараи нимбиёбону нимкӯҳистон. Тарафи биёбон зард ва гиёҳу растаниҳо сӯхта. Аз ҷониби кӯҳистон заминҳо сабз, гулу гиёҳҳо рустаанд. Дар домани кӯҳ Меҳнат болои санге нишастааст. Андешаманд ва хаёлолуд аст. Сурудеро зери лаб замзамакунон аз ҷой мехезад:*

**Меҳнат:**

Гузаштам аз дили дашту биёбон,
Гузаштам аз дили саҳрои тасфон.
Куҷоӣ, эй Баҳори пуртароват,
Чӣ гӯям шикваҳо аз дасти Офат?!
Куҷо ҷӯям суроғи манзилатро,
Магар осон ба даст орам дилатро.
Паёмат гӯям аз лабташнаи дашт,
Надида хуррамӣ як дам, хазон гашт.

*Аз ҷой хеста қадам мезанад. Аз пешаш дарахте намудор мегардад. Аз дарахт мепурсад:*

Намебахшӣ магар як дона себам,
Ки ман аз гушнагӣ андар шикебам?!

*Ба гӯшаш нолиши дарахт мерасад. Ӯ дубора савол мекунад:*

Дарахти нозанин, дарди ту аз чист?
Расида ин чунин озорат аз кист?
Чаро ки зард гашта баргу борат,
Магар ин ҷо расида пои Офат?

**Дарахт:** *(дар ҷавоб)*

Бубин бар шоху баргам, эй ҷавонмард,
Ки дасти душманон бар ман чиҳо кард.

Маро душман ҳамин мӯру малах шуд,
Ки баргам хурду рангам зард бинмуд.
Намоям илтиҷое, эй ҷавонмард,
Халосам кун аз ин доғу аз ин дард.
Бидеҳ як қатра обам, ки диҳад ҷон,
Бубахшам бар ту ман ҳам себи хубон.

*Меҳнат доман барзада, аз гиёҳҳои хушк ҷорӯбе месозад ва мӯру малахро аз шоху барг ва гирду атрофи дарахт рӯфта, ба чуқурие гӯр мекунад. Бо чӯбе бехи дарахтро нарм месозад. Вай барои об тозон ба лаби чашма меравад. Вале чашма низ хушк шудааст. Санге ғелида даҳони чашмаро пӯшонда буд. Аммо аз пушти санг овози ҳазини чашма ба гӯш мерасид.*

**Меҳнат:**
Бидеҳ, эй чашма, бар ман қатрае об,
Барои он дарахти пуртабу тоб.
Диҳад то ӯ ба ман як дона себе,
Ки ман саргаштаам андар ғарибӣ.

**Чашма:** (*аз пушти санг бо овози маҳзун)*
Раҳамро банд карда санги бадхоҳ,
Наметонам бурун оям аз ин роҳ.
Маро озод кун аз банди зиндон,
Шавам аз нав ғазалхону сурудхон.
Диҳам он лаҳза ман ҳам об бар ту,
Бигиру бар дарахти ташна бар ту.

**Меҳнат:** *(сангро бо зӯру машаққат тела дода, роҳи чашмаро мекушояд)*
Биё, эй чашмаи шоду хурӯшон,
Биё, пайку паёми навбаҳорон,
Ки бе ту дашту саҳроҳо хазон аст,
Басо бошад ба роҳат интизорон.

**Чашма:** *(Чашма хурӯшон пайдо мешавад ва ба дасти Меҳнат кӯзае об медиҳад)*

Бигир ин оби ҷонбахши маро ту,
Бубар бар даштҳову боғу саҳро.
Ки аз нав гашта сабзу хурраму шод,
Шавад ин мулки моро зеббахшо.

*Меҳнат кӯзаи обро бардошта пеши дарахти себ меояд ва ба бехи ӯ қадре об мерезад.*

**Дарахт:** *(ҳамоно сабз шуда, баргу гул мекушояд ва мева мебандад. Вай ду дона себи сурхи хубонӣ ба Меҳнат ҳадя менамояд.)*

Маро ту зинда кардӣ, эй ҷавонмард,
Кунун ин себи хубонат бубахшам,
Маро ту ҷон бубахшидӣ ба обат,
Туро ҳам ман кунун ҷонат бубахшам.

*Меҳнат себро порае ба дандон мегазад, вале ҷои газида аз нав пур мешавад. Ҳамин тариқ ҳар даъфа ҷои газидаи себ аз нав пур мегардад.*

**Меҳнат:** *(ҳайрон шуда)*

Маро себе ту додӣ, себи хубон,
Намегардад ба хӯрдан кам чаро он?
Чӣ сеҳр асту чӣ асрор аст дар он,
Ба ман ин роз бикшо, себи хубон.

**Дарахт:**

Набошад ҳосили ман себи дастат,
Бувад он бори дасти гулпарастат.
Ба даст орӣ, агар беранҷ ганҷе,
Набинӣ андар он ҷуз дарду ранҷе,
Ба заҳмат ҳар касе ҳосил бичинад,
Камиву костӣ дар он набинад.

**Меҳнат:**

Ташаккур, эй дарахт, аз баҳри пандат,
Ташаккур баҳри себи мисли қандат.
Маро бояд кунун бошам равона,
Ки ёбам аз нигори худ нишона.

**Дарахт:**

Кияст ӯ?
Дар куҷо ӯро қарор аст?

**Меҳнат:**

Надонам ҷои ӯ.
Номаш Баҳор аст.

**Дарахт:**

Баҳор?
Ӯро ба хубӣ мешиносам,
Тамоми умр аз ӯ бошад сипосам.
Маро аз ӯ бувад ин баргу борам,
Аз ӯ бошад ҳама созе, ки дорам.
Ба пеши ӯ расидан нест осон,
Раҳаш дуру хатарноку биёбон.
Чаро ту роҳи он манзил гирифтӣ,
Ки роҳи сахту бас мушкил гирифтӣ.
Гапамро гӯш бинмо, аз раҳат гард,
Ки шуд нобуд дар раҳ бас ҷавонмард.

**Меҳнат:**

Зи роҳам ҳеҷ гоҳе пас нагардам,
Агар аз раҳ бигардам ман, на мардам.
Маро Модар ниҳода ном Меҳнат,
Манам марги Хазону Шоҳ Офат.
Равам, акнун Баҳорамро биҷӯям,
Баҳори гулнигорамро биҷӯям.
Варо Модар-замин дар интизор аст,
Басо дашту даман бо чашми чор аст.

Баҳорамро биёрам бар канораш,
Ҳаме то сер гардад чашми чораш.
Хазону шоҳ Офатро биронем,
Яке ҳам навкараш он ҷо намонем.
Ки он ҷо кишвари Бону Баҳор аст,
Замину дашт ӯро интизор аст.

*(Меравад)*

**Намоиши 5**

*Равшан мешавад. Манзарае дар домани кӯҳҳои баланд намоён аст. Манзараи сабзу хуррам, зебо, обод, гулҳо шукуфта, сабзаҳо дамидаанд. Булбулон дар чаҳ-чаҳ. Гандумзор мавҷ мезанад. Аз дур кӯҳҳои барфпӯш намудоранд. Ин манзараи кишвари Баҳор аст. Дар чаманзор Қасри Баҳор қомат афрохтааст. Дару девори онро гулҳои рангоранг печондаанд. Бону Баҳор дар пешайвони қаср болои тахташ, ки дар миёни гулҳост, нишаста, базми гулҳоро тамошо мекунад. Ӯ гоҳ-гоҳ хеста ба атроф давр мезанад. Гулҳо пеши ӯ алвонҷ хӯрда табассум мекунанд. Аз гӯшае овози сурудхонӣ шунида мешавад:*

«Имрӯз, ки соқии чаман наргиси маст аст,
Булбул шуда гӯяндаву гул доирадаст аст.»

**Булбул:** Ман булбули мастам, ба ватан омадаам,
Аз баҳри тамошои чаман омадаам.
Пеши гулу лолаву суман омадаам,
Чун ошиқи рӯи настаран омадаам.

*Меҳнатшоҳ ворид мегардад. Баҳор саргарми тамошои базми гулҳо, омадани ӯро пай намебарад. Меҳнат низ дар гӯшае истода, базми гулҳоро тамошо мекунад.*

**Меҳнат:** (*чак-чакзанон наздик омада ба Баҳор салом медиҳад)*

Кун саломамро қабул, эй Навбаҳор,
Эй ки моро кардаӣ бас интизор.
Эй Баҳор, эй шоҳи боғу бӯстон,
Кишвари мо гашт помоли Хазон.
Шоҳ Офат, ки шаҳи нопок ӯст,
Заҳри мору бадтар аз Заҳҳок ӯст.
Чун дили худ мулки моро танг кард,
Рӯи Модарро пур аз ожанг кард.
Шоҳи золим, Офати хунхору шар
Кард вайрон боғҳоро сарбасар.
Марғзорон гашта дашти маргзо,
Навниҳолон дар дами дарду бало.
Мекунад фармонравоӣ Гармсер,
Чашми танги ӯ нагардад ҳеҷ сер.
Гар паранда пар занад, сӯзад параш,
Ҳар гиёҳе сар кашад, сӯзад сараш.
Решаи гандум ғизои ӯ шуда,
Барги гулҳо муддаои ӯ шуда.
Чун дар он кишвар на гул монду гиёҳ,
Ин замон сӯи ту бигрифтаст роҳ.
Саъйи ман танҳо наомад судманд,
Омадам пеши ту, ёри дилписанд.
Офтобу об ёри мо шавад,
Бозафар он дам Баҳори мо шавад.

**Баҳор:**

Эй баҳодур, ин замон хуш омадӣ,
Бар диёри гулситон хуш омадӣ.
Мулки Офат буд замоне чун чаман,
Сабзу хуррам буд мисли рӯи ман.
Лек бо зӯрӣ варо аз ман гирифт,
Пеши ӯ танҳо шудам зору шигифт.
Кард помол ӯ гулистони маро,
Кард пурдард ӯ дилу ҷони маро.
Ҳар куҷо гул коштам, омад Хазон,
Омад Офат чун бало аз осмон.

Лашкарашро ҳаст сарвар Гармсер,
Ӯ надорад раҳм бар барнову пир.
Домани Модар-заминро сӯхтаст,
Аз дами ӯ оташе афрӯхтаст.

**Меҳнат:**

Эй Баҳори нозанини гулфишон,
Сабзу хуррам мешавад аз ту ҷаҳон.
Бе ту набвад не гулу барги гиёҳ,
Марғзорон сӯхта зарду сиёҳ.
Ин замон Модар ба банди Офат аст,
Мулки мо яксар ба банди Офат аст.
Даштҳо гардида помоли Хазон,
Боди яъсу ноумедӣ шуд вазон.
Гар ту ёри мо шавӣ, эй Навбаҳор,
Тоҷу тахтатро кунам ман барқарор.
Шоҳбонуи Гулистон мешавӣ,
Шодие аз баҳри ёрон мешавӣ.
Бо гулу бо булбулу баргу гиёҳ
Ҷумла бархезему ҳам гирем роҳ.
Шоҳ Офатро зи тахташ афканем,
Қуфли зиндони сиёҳаш бишканем.
Мулки худ аз нав Гулистон мекунем,
Даштҳояшро чу бӯстон мекунем.

**Баҳор, Меҳнат, гулҳо, гиёҳҳо, ҳама:**

Дасти ҳам бигрифта яктан мешавем,
Ҷумла зидди ҷанги Офат меравем!

*(меравand)*

## Намоиши 6

*Қасри шоҳ Офат. Ӯ рӯи тахт ошуфта нишастааст. Хизматгорон аз ду тараф бодаш медиҳанд. Хазонбек, Хушксор, Гармсер ва ва дигар дарбориёни аждаҳошаклу аждаҳонафас даст бар сина рост истодаанд.*

**Хазонбек:** *(овозаш аз дур шунида мешавад)*
Во, дилам, вои сарам, э воҳи ман!
*(ворид гардида ба Офатшоҳ саросема мурочиат мекунад)*
Ҳазрато, олимақомо, шоҳи ман!

**Офатшоҳ:**
Ин чӣ ҳол?
Охир чӣ аҳвол аст ин?
Осмон гӯё, ки омад бар замин?
Чист ин фарёду ин доду фиғон?
Шӯру афғонат расад бар осмон!

**Хазонбек:**
Ҳазрато, шоҳо, фалокат омада,
Бо каланду бел Меҳнат омада.
Ҳамраҳи ӯ омада бону Баҳор,
Лашкари ӯ саф зада бас бешумор.
Сабзаву себаргаву гул як тараф,
Қумрию ҳам сору булбул як тараф.
Оҳанин аспаш басо ғурранда аст,
Панҷаи ӯ кӯҳро бурранда аст.
Обҳои наҳру ҷӯяш пурхурӯш...
Зуд бигрезед, шоҳам...

**Офатшоҳ:**
Бас!
Хамӯш!
Эй саги малъун, чӣ ҷуръат мекунӣ,
Пеши ман ту васфи Меҳнат мекунӣ?
Кист Меҳнат?
Кист он бону Баҳор?
Ҳаст, гуфтӣ, лашкари шон бешумор?
Кас чу ман лашкар надорад дар ҷаҳон,
Бо самуму гармсеру бо хазон!
Лашкари ман ҳаст сад милён малах,
Ин Баҳоракро кунам пуху парах!

*Таронаи Баҳор, овози булбулу қумрӣ, садои ҷорӣ шудани оби ҷӯйбору наҳр шунида мешавад. Навкарон ва дарбориён бо ҳарос аз як сӯи саҳна тозон ворид шуда, рӯ ба фирор мениҳанд. Офатшоҳ дастонашро кушода, пеши роҳи онҳоро гирифтанӣ мешавад.*

**Офатшоҳ:**

Мегурезед?
Эй сагони бевафо!
Муттаҳамҳо!
Бешарафҳо!
Ээ!!!
Кучо?

*Ӯ ба фишор тоб наоварда ба замин меафтад. Навкарон ва дарбориён ӯро зер карда, метозанд. Ӯ аз ҷояш базӯр хеста, аз пушти навкаронаш лангон-лангон фирор мекунад.*

*Садои таронаву суруд торафт баланд мешавад. Ба саҳна Модар-замин, бону Баҳор, Меҳнат, Ниҳолак, Дарахт, Булбул, Гул, Гиёҳ, Сабза ва дигар ҳамроҳонашон бо рақсу тарона ворид мешаванд.*

**Модар-замин:**

Шукр, сад шукр, эй Худои меҳрубон,
Шодӣ омад бар замину осмон.
Боз омад бар диёри мо Баҳор,
Сабзаву гулро нигар, ҳар сӯ қатор.
Булбулу қумрӣ ҳамехонад суруд,
Ҳар гиёҳу сабза зебо, хушнамуд.
Гарчи дар зиндони шаҳ Офат будам,
Ман дуогӯи туву Меҳнат будам.
Шод кардӣ қалби ман, хуш омадӣ,
Пайки гулзору чаман, хуш омадӣ.
Хуб шуд, гаштӣ ба Меҳнат ёр ту,
Ёри ҷониат варо бишмор ту.

**Бону Баҳор:**

Модаро, меҳри туро мепарварам,
Ёди ту буд солҳо андар сарам.
Дардҳоятро ҳамебахшам даво,
Бар ҷароҳатҳои ту бахшам шифо.
Ғам махӯр, эй Модари дилбанди ҷон,
Шоҳ Офат гашт нобуд аз ҷаҳон.
Баъд аз ин рӯи ту хандон мешавад,
Доманат боғу гулистон мешавад.
Мову Меҳнат аҳду паймон бастаем.
Дасту пои душманон бишкастаем.

**Модар-замин:**

Омадӣ, эй Меҳнати дилбанди ман,
Паҳлавон, меҳнатқарин, фарзанди ман.
Боз овардӣ Баҳори нозанин,
Боз кардӣ доманамро дилнишин.
Шод кардӣ қалби ғамгини маро,
Дур кардӣ аз ҷабин чини маро.
Дашти нообод ҳам обод шуд,
Об омад, боғҳо бунёд шуд.
Наҳру дарёро ба дашт овардаӣ,
Аспи оҳансум ба гашт овардаӣ.
Шоҳ Офат кард аз дастат фирор,
Рӯи тахт овардаӣ бону Баҳор.

**Меҳнат:**

Дӯст медорам туро, эй Модаро,
Бе ту шодӣ нест дар дунё маро.
Шоҳ Офат дасту поят баста кард,
Дар ҷабинат чину қалбат хаста кард.
Омадам бо Навбаҳори нозанин,
То ки дилшодат кунам, Модар-замин!
Чеҳраат, эй Модари ҷон, шод бод,
Доманат пур аз гулу обод бод!

Як дуо деҳ бар Баҳори гулбасар,
Рӯи тахташ то бишинад аз дигар!

**Модар-замин:**

Шод бошӣ, эй Баҳори нозанин,
Зинату сарсабзии рӯи замин.
Сабзу хуррам бо ту ҳастам, эй Баҳор,
Шоду беғам бо ту ҳастам, эй Баҳор.
Ёр бо Меҳнат чу бошиву қарин,
Мешавад хурсанд ҳам Модар-замин.
Бод табрикат зи ҷон ин тоҷу тахт,
Бар ҳама ёрон муборак бод бахт!

*(Дасти Баҳорро гирифта, болои тахти шоҳӣ мешинонад. Модар аз як сӯ ва Меҳнат аз паҳлуи дигар рӯи курсиҳо менишинанд. Булбулу қумрӣ мехонанд, гулу гиёҳ мерақсанд. Парда пӯшида мешавад.)*

# РУБОИЁТ

## ОМӮЗГОРИ РӮЗГОР

*Ба хотираи падари бузургворам,*
*яке аз нахустин муаллимони*
*водии Рашт Идиев Ҳотам*

Ин тахтаи синф баски дар ёди ман аст,
Ин тахтаи синф мисли устоди ман аст.
Бисёр сияҳ гашту сафед устодам,
То ҳарфи савод монад андар ёдам.

Буда падарам муаллими мактаби умр,
Буда падарам мураббии матлаби умр.
Ин ҳарфу саводам ҳама аз мактаби ӯст,
Ин роҳи ҳаётам ҳамагӣ матлаби ӯст.

Панҷоҳу ду сол дарсаш андар лаб буд,
Панҷоҳу ду сол ҳикматаш бар лаб буд.
Панҷоҳу ду сол бӯру латта дар даст,
Панҷоҳу ду сол ҳайкали мактаб буд.

Буда падарам маро нахустин устод,
Ӯ дод маро ёд алифбои савод.
Мегуфт: саводи зиндагонист дигар,
Онро зи муаллим натавон кард зи бар.

Дарсу сабақе маро ба синфи як буд,
Дар мактабаки майдаҳаки пастак буд.
Девору дараш сафеду бомаш аз гил,
Акнун ки намонда, монда ёдаш дар дил.

Дар сояи садда ҳама шиштем қатор,
Синфи яку синфи дуву се, синфи чаҳор.
Не садда кунун мондаву не устодам,
Ҳам ину ҳам он намеравад аз ёдам.

Умре падарам, ки панду ҳикмат мегуфт,
Бар мардуми деҳа бас насиҳат мегуфт.
Девору дари мактаб аз ӯ панд гирифт,
Ҳам хурду калон аҷаб аз ӯ панд гирифт.

Будем ба дарсаш ҳама чашму ҳама ҳуш,
Ҳам себи паси тиреза мекардаш гӯш.
Досак сари пориса нишаста хомӯш,
Ҳам обаки ҷӯй монда аз ҷӯшу хурӯш.

Эй кош, ки кӯдак шаваме аз сари нав,
Эй кош, чу синфи як шавам мактабрав.
Ҳайфо, кӯдак намешавам аз сари нав,
Дардо, ки дигар намешавам мактабрав.

Бар хурду калони деҳа ӯ буд шафиқ,
Моро падару муаллиму низ рафиқ.
Хонандаи «Шаҳнома»-ву худ буд адиб,
Донандаи бас номаву худ буд табиб.

Як сол буд ӯ муаллими деҳаи дур,
Мерафт саҳар, омада бегоҳ базӯр.
Як сӯй шабон китобу як сӯ дафтар,
Хобаш бигузошта ба як сӯ аз сар.

Як тӯб ба бар будаш китобу дафтар,
Месӯхт чароғи карасинаш дар бар…
Монанди чароғ хештанро афрӯхт,
Монанди чароғ пилтаи умраш сӯхт.

Панди падарам ҳанӯз дар гӯши ман аст,
Чун оташи абрсӯз дар ҳуши ман аст,
Бар боди замона бас қавирӯҳ буд ӯ,
Дар киштии хонадони мо Нӯҳ буд ӯ.

Ӯ дидаи аҳли деҳ ба дунё бикушод,
Бинвиштану хондан ҳамаро ёд бидод.
Дар ёд бувад хатту саводаш то ҳол,
Дар тахтаи синф монда ёдаш то ҳол.

Он дам падарам, ки ҷонаш омад бар лаб,
Омурзиши хеш аз Худо кард талаб,
Моро ба раҳи вопаси худ кард биҳил,
Чашмаш нигарон буд ба сӯи мактаб…

Ин умр чу бод омаду рафт чу бод,
Гар шод будем аз ону гар ҳам ношод.
Бинвишта шуду пок бишуд ҳарфи савод,
Чун тахтаи синфи як ҳама рафт зи ёд.

Дар чандин сол деҳа оям як бор,
Аз баъди дуо, аёдати хешу табор,
Бо ёди падар ба саҳни мактаб оям,
Меҳраш ба дилу дуош дар лаб оям.

Шабҳо падарам тафтиши дафтар мекард,
Бо уфу ба оҳ даст бар сар мекард.
Ҷарроҳии теғи қалами сурхаш буд
Чун хуни варақ дафтари ман тар мекард.

Устоду падар, муаллиму пирам буд,
Дар хонаву мактаб пайи тадбирам буд.
Бозичаи кӯдакии худ будам ман,
Пайваста чу устод ба таъмирам буд.

Дунё шавад аз ройи муллим обод,
Дилҳо зи насиҳаташ ҳаме гардад шод.
Эй хома, чу қарзи туст имрӯз, бигӯ
Як ҳарфи хуше ҳам аз барои устод.

Хатти каҷи ман шуд ба ҷабинаш оҷанг,
Аз посухи нодурусти ман шуд дилтанг.
Бо бӯр навишта, пок карда тахта,
Чун бӯр сараш шуда сафеди пахта.

Имрӯз бигӯ, муаллим, аз сидқ сухан,
Андар дили мо ҷой бикун меҳри Ватан.
Имрӯз Ватан ниёзманди ту бувад,
Дар номаи ман номи баланди ту бувад.

Моро набувад мисли муаллим дилсӯз,
Дар хидмати халқ мисли ӯ пандомӯз.
Имрӯз кунӣ гар ба саломе шодаш,
Фардо бикунӣ ҳам ба каломе ёдаш.

Як дафтари синфи яки ман дар тоқ аст,
Аз ҷумлаи ёдҳои ман ӯ тоқ аст.
Байни варақаш як гули хушк аст ҳанӯз,
Бӯи варақаш абиру мушк аст ҳанӯз.

Дар ёд бувад муаллиму мактаби ман,
Пайваста бувад дурудашон бар лаби ман.
Ҳам мактабу ҳам муаллимам ёд кунам,
Бо ёд замоне дили худ шод кунам.

Буд ӯ ба сахои дарс худ Ҳотами мо,
Буда ба алайҳи ҷоҳилон Рустами мо.
Омад ба маориф ӯ дар ин гӯша фуруд,
Ӯ буда ба деҳа ҳазрати Одами мо.

Дар мактаби мо парта набуд, миз набуд,
Асбоби аёнии дигар низ набуд.
Бо чашми қалам рӯй ба дафтар кардем,
Дар рӯи харак савод аз бар кардем.

Дар мактаби умри ман ту будӣ устод,
Эй бори Худо, ҷой туро ҷаннат бод.
Афсӯс ба зиндагӣ накардам шодат,
Рафтиву намоям ба дуое ёдат.

Ҷоно, падаро, марди биҳиштӣ будӣ,
Бас хушсухану накӯсиришт будӣ,
Ашкам бичакад ба сабзаҳои хокат,
Хонам чу дуруд бар равони покат.

## АНДЕШАИ УМР

Эй мулки зи ёд рафтаи кӯдакиям,
Эй умри ба бод рафтаи кӯдакиям,
Эй чашмаи роз гуфтаи кӯдакиям,
Шабҳои ба ноз хуфтаи кӯдакиям…

Эй хоби ба об гуфтаи кӯдакиям,
Умри баштобрафтаи кӯдакиям.
Эй ишқи ба кас нагуфтаи кӯдакиям,
Шабҳои ба бом хуфтаи кӯдакиям…

Ин гуна набудаам, ки ҳастам имрӯз,
Пур буд, агар тиҳист дастам имрӯз.
Бедор будам, агар ки хобам ҳоло,
Ҳушёр будам, агар ки мастам имрӯз.

Дар панҷаи ранҷҳо асирам имрӯз,
Аз зиндагиям чи ҷонбасерам имрӯз,
Дар умр маро нишот камтар буда,
Он гуна ҷавон будам, ки пирам имрӯз.

Бисёр табоҳ гашта ҳолам имрӯз,
Аз умри гузаштаам малолам имрӯз.
Як чора наояд ба хаёлам имрӯз,
Монанди аломати саволам имрӯз.

Ман косаи зар будам, шикастам худро,
Ман тори гуҳар будам, гусастам худро.
Дунё будам, нимаи дунё будам,
Додам, додам ҳама зи дастам худро.

Бисёр бувад ҳанӯз матлаб, баргард,
Аз баҳри саводи дил ба мактаб баргард.
По аз лаби айвон ту ба берун магузор,
Эй ҷони балабомада, аз лаб баргард.

Аввал ки суроғ дер-дерам кардӣ,
Охир ба ишоратат далерам кардӣ.
Гуфтам, бишавад зи бӯса серам бикунӣ,
Афсӯс, нашуд, зи ғусса серам кардӣ.

Мепечаду давр меравад роҳи фирор,
Дар коғази барфи домани кӯҳи Манор.
Гӯё ки бувад дар ҳаваси нақшу нигор,
Хуне, ки чакон-чакон шуд аз пои шикор.

Дасти ту, ки кӯтаҳ аст, андоза макун,
Пои ту, ки дар раҳ аст, хамёза макун.
Дар синаи танги ту нагунҷад ҳавасат,
Меҳмон маталаб, кушода дарвоза макун.

Дар ҳеҷ касе намонда имони қавӣ,
Дар шаҳр намонда як мусулмони қавӣ.
Дар зери манаҳ ҳар ки кашоле дорад,
Андешаи нон дораду айвони қавӣ.

Не лавҳи зарин ба ёдгорам монед,
Не қасру на коху не манорам монед.
Дар сина ба мисли санг дорам як дил,
Онро биканеду бар мазорам монед.

Ин байт ба ёдгори ман бигзоред,
Ин роҳ дар интизори ман бигзоред.
Оростаам пайкараи санг ба шеър,
Ин пайкара бар мазори ман бигзоред.

Сӯзан ба дилам задӣ, дилам сӯзон аст,
Шабҳои дароз оташ афрӯзон аст.
Аз сӯз ба сӯз зиндагӣ зӯр ба зӯр,
Аз зиндагиям мурдани ман осон аст.

Аз хотираҳои талхи худ безорам,
З-ин хотираҳои талх дар озорам.
Ман хотираҳои талхро бифрӯшам,
З-ин хотираҳо гарм нашуд бозорам.

Ин хотираҳои талхи ман бешумар аст,
Чун хонаи замбӯр маро, не ки сар аст.
Ин хотираҳоро ҳамагӣ бифрӯшам,
Як дона сигор агар харам, хубтар аст.

З-он хотираҳо, ки буд дар сар чандин,
Кардам ҳамаро ҷудо ба талху ширин.
Як мушт нашуд хотираҳои ширин,
Шуд хотираҳои талх мошин-мошин.

Ман шомаму ту сапедаи фардоӣ,
Моро набувад насиб дар якҷоӣ…
Ту моҳии сӯзанак ба шишахона,
Ман шаст ба даст дар лаби дарёе…

Як бор ба чашми ту нигоҳе кардем,
Бо халқи ҷаҳон «худо паноҳ»-е кардем.
Ту моҳии тилло, ки рамидӣ аз шаст,
Андар лаби об шишта оҳе кардем.

Бисёр давидам зи паси сояи худ,
Як дам нашудам ҳамнафаси сояи худ.
Ҳарчанд набуд зиндагиям ширин,
Рондан натавонам магаси сояи худ.

Эй марди раҳи Худо, Худо ёрат бод,
Дар роҳи Худо фидо, Худо ёрат бод.
Бошад ки шавем ёри ёрони Худо,
Аз лутфи Худо ҳудо, Худо ёрат бод.

Дар боғи шумо ду хӯша ангури сафед,
Бар шохаи ангури ту дастам нарасид.
Ин меваи шохаи баланд аст ба боғ,
Дар ҳасрати ин мева паридем чу зоғ.

Дар пеши барат ағбаи Анзоби сафед,
Бар қуллаи барфии ту чашмам нарасид.
Гар сард шавӣ, дар аға дармемонам,
То соли дигар гузаштанаш натвонам.

Якрӯии халқи ин ҷаҳон кам ҷӯӣ,
Зеро ки ҷаҳонро набувад якрӯӣ,
Дурӯя бувад – шом ба як рӯй бувад,
Чун рӯз шавад, бувад ба дигар рӯе.

Як субҳ, – ба ёд дорам, – айёми шубоб,
Чун навбати об буд, рафтам сари об,
Хобам бурдасту обро дуздиданд,
З-он баъд ҳамеша об бинам дар хоб.

Бехобаму як болиши хобам бидиҳед,
Бетобаму як-ду тоб тобам бидиҳед.
Дар болиши холии ту кай хобидам?
Дар болиши холии ту ҳай тобидам.

Шуд мулки дилам хароб аз қаҳтии ишқ,
Бадтар зи фаромӯшии ёрони Димишқ[1].
Чун шаҳри қадими рафта аз ёд дилам,
Дигар нашавад як нафас обод дилам…

Дастам нафишурдаст касе дар толор,
Аҳсант нагуфта ҳам касам дар бозор.
Аз баҳри касе наям, манам шоири худ,
Ман шеър ҳаменависам аз хотири худ.

Густурда чу шуд хони пуралвони саҳар,
Хуршед дар он чу шаҳд дар косаи зар.
Биншаста ба гирди хон ба пироя ҳама,
В-он хон шуда пур аз магаси соя ҳама.

Бо дасти тиҳиву дили бемоя шудам,
Он гуна тунук шудам, ки бесоя шудам.
Шуд сояи ман агарчи ҳамсояи ман,
Бо ман натавонад, ки равад сояи ман,

Як нима чу дегаму дигар нима чу моҳ,
Як нима сафедаму дигар нима сиёҳ.
Ҳар нимаи ман ба навбати худ ним аст,
Як нима савобаму дигар нима гуноҳ.

Ҷуз рехтани арақ зи дасту зи ҷабин,
Як лаҳзаи шодиву дусад лаҳза ғамин.
Як дам нарасидан ба хаёли ширин,
Чизе маталаб, ки зиндагонист ҳамин.

---

1. Ишора ба байти Шайх Саъдӣ:
Чунон қаҳтсолӣ шуд андар Димишқ,
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ.

Дар боғи шумо анору себи Ясманд,
Дастам нарасад, дароз кардам ҳарчанд.
Ман доғ аз он шудам, ки зоғе нашудам,
«Зоғон бихӯранд меваи шохи баланд».

Ман волаи лабҳои асалмонандат,
Ман волаи абрӯи ғазалмонандат,
Ҳаргиз нашавам сер аз оби рӯят,
Кай соя равам зи офтоби рӯят?!

Бас ҳоли аҷаб буда ба шабҳову гузашт,
Табхолаву таб буда ба лабҳову гузашт.
Мастонагие буду намонда боқӣ,
Девонагие, ки буда аз мову гузашт.

Мову ту кучҷову кашфи асрори Худо,
Беҳуда магард аз пайи ин кори Худо,
Аввал ба худ о, чу хоҳӣ ой ба Худо,
Аз худ бираҳу бишав гирифтори Худо.

Се ҳафта чу илҳом шабон шуд доӣ,
Гуфтам дусаду чиҳилу нӯҳ рубоӣ.
Ҳоло ки ба навбат дусаду панҷоҳ аст,
Оҳ аст саропои вуҷудам, оҳ аст…

Бигрехт зи ман сояи ман аз тунукӣ,
Дар хонаи дил намонд ғайри хунукӣ,
Ман сояи худ кашон барам аз пуштам,
Дилро ба нафас гарм кунам дар муштам.

Гунҷишкаки дил ба шоха боронхӯрда,
Дар боли чапаш санги фалахмонхӯрда.
Борон, ки гузашт, офтоб ояд боз,
Дар боли чапаш тавону тоб ояд боз.

Бисёр чу хӯрдам ҳаваси ойина,
Бастам зангор дар паси ойина,
Мижгон назанам ба ҳам мабодо, ки рамад
Дарчашмнишаста магаси ойина.

Биншаста касе бо ҳаваси ойина,
Сад оҳ барорад зи паси ойина.
Бигзашта шубоби нафаси ойина,
Бар ман нигарад аз қафаси ойина.

Андеша на он буда, ки андешидем,
Пошида шудем, бас ба худ печидем.
Андеша худ ойина бувад бар пеша,
То пеша бувад зодгаҳи андеша.

З-ин гуфтугузори мо на матлаб ояд,
Оҳан чу шавад об, ба қолаб ояд.
Оҳан чу шавад об, ба ваҳдат бирасад,
Яктан чу шавад халқ, ба миллат бирасад.

Сол аз паси сол рафт оҳиставу зуд,
Аз умри гузаштаам надонам, ки чи буд.
Ин омаду рафти сол монанди даре
Бикшуда шуду баста шуду боз кушуд.

Аз умри гузашта бехабар мондам ман,
Дар роҳи сафар ба хоб дармондам ман,
Дар базми муроди дил маро роҳ набуд,
Дарбон будам, дар паси дар мондам ман.

Якдил шудани мардуми мо мушкил нест,
Бахшидани ҳар саҳву хато мушкил нест.
Бахшидан агар кори бузургон бошад,
Худ мардуми мо дар шумари он бошад.

Эй кош, ки гуфтаме сухан дониста,
Ҳар ҷой ниҳодаме қадам оҳиста.
Эй кош, будам ба пои худ истода,
Эй кош, будам ба ҷои худ шоиста.

Афсӯс, ба ҳеҷ кас надорам созиш,
Бо хоҳишу бо ҳавас надорам созиш,
Бар сина биёраму биронам бозаш,
Ҳатто ба ҳамин нафас надорам созиш.

Дар лаҳзаи гуфтугӯ ба худ хомӯшам,
Лекин ҳама гуфтугӯ расад бар гӯшам.
Ман худ шунавам, нашнавад ар кас суханам,
Ман дархӯри худ бигӯям аз бас суханам.

Бедории мо ба зот хобест дигар,
Ҳар рӯз ба чашми мо ниқобест дигар.
Аз чашм агар ниқоб афканда шавад,
Субҳи дигареву офтобест дигар.

«Шаҳнома» бигуфтаст Канобад номаш,
Шуд шӯҳра пасон валек бо бодомаш.
Мардум ҳама дар суроғи кони бодом,
Гумгаштаи мо лек кадом аст, кадом?

Ман Мӯҳтарами Ҳотаму ҳастам шоир,
Будам ҳама умри худ ба хидмат ҳозир.
Дар ноҳияи Ҳисор бологузарам,
Дар ноҳияи хеш надорам хотир.

Дардо, ки ҳама рози дилам гардад фош,
Аз созиши дафтару қалам гардад фош,
Ҳайҳот, ки дафтару қалам беайбанд,
Ин рози дили ман зи алам гардад фош.

Ин рози ниҳонро ба касе гуфта нашуд,
В-онро ба даруни сина бинҳуфта нашуд.
Чун рег ба кафши пои дил суфта нашуд,
Чун ҷома варо кашидаву хуфта нашуд.

Аз нӯги забон умри қалам шуд кӯтоҳ,
То коғази бегуноҳро кард сиёҳ.
Чун кайк ба дасти кӯр афтода бувад,
Афтад чу қалам ба панҷаи ман ҳар гоҳ.

Бисёр қалам ба сафҳа пархош кунад,
Охир алами дили маро фош кунад,
Ин коғази испед сияҳ кард қалам,
Ҳам коғази дил чунин сияҳ кард алам.

Рози дили моро бикушояд хома,
Гаҳ карда ба ину гаҳ ба оне нома.
Ҳар кас ба забони худ сияҳ кард сафед,
Бошад, ки сараш хӯрад дар ин ҳангома.

Об аст саросар ҳама хоби ташна,
Дар тоқи ситораҳост оби ташна.
Афсурдаву хаста рафт аз дида ниҳон
Дар кӯҳи ғуруб моҳтоби ташна.

Ҳар сол ба як китоби нав мемонад,
Ҳар кас, ки чаҳор фасли онро хонад,
Маълум шавад дувоздаҳ боб ҳама,
Гар сесаду шасту шаш варақ гардонад.

Эй хоб, ба сад шева чаро гардонӣ,
Хоҳӣ, ки ба даҳшатат маро тарсонӣ?!
Дидам ҳама даҳшате, ки дар бедорӣ,
Бинӣ ту агар, ба ҷой дармемонӣ.

З-он сӯи ғуруби каҳрабоӣ роҳест,
Дар кӯтали Роҳи Каҳкашонаш чоҳест.
Танҳо ба дари зангии шаб биншаста,
Мӯяш афшон – фарангдухти моҳест.

Эй кош, ки рӯзе ба суроғам оӣ,
Ё як шаби тор чун чароғам оӣ,
Чун бӯи хуши гул ба димоғам оӣ,
Ё мисли насим бар фароғам оӣ.

Эй субҳи диловез, паёмат хуш бод,
Дар хониши мурғакон саломат хуш бод,
Хуршед, ба рӯзи нав маромат хуш бод,
Эй раҳрави шомгоҳ, шомат хуш бод.

Ҳаргиз муписанд мӯсафедии маро,
Пеши назар ор рӯсафедии маро.
Ин коғази испед сияҳ кардам ман,
Аз ин сияҳӣ биҷӯ сафедии маро.

Дар фасли хазон дар дилам армони баҳор,
Рӯида чу пудинаву торони баҳор.
Ин турнақатор – ёди ёрони баҳор,
В-ин шаршара шуд ҳайкали борони баҳор.

Саҳро лола, миёни саҳро лола,
Дарё мола[1], миёни дарё мола.
На лола ба ҷой монаду на мола,
На пор ба ҷо монаду на имсола.

Бар деҳа гузор афтадам чун ҳар бор,
Аввал биравам кунам дуое ба мазор.
Нолам ба мазори падару модар зор,
Поям накашад ба хонаи хешу табор.

1. Мола – мавҷи дарё, хезоб.

Шӯрида чу ман хеҷ яке шоир нест,
Дар содадилӣ касе чу ман ҳозир нест.
Зоҳир нашавад ба хеш печидани ман,
Он гуна ки гардиши замин зоҳир нест.

Чизе набуд аз гузаштаам дар муштам,
Ҷуз он ки ба дандон бувадам ангуштам.
Ҳар субҳ яке рӯзи хушам дод Худо,
Бурдам, ба паси кӯҳи ғурубаш куштам.

Монед раванд ормонҳои маро,
Дар раҳ назанед корвонҳои маро.
Хоҳед ва ё на, ормон хоҳад рафт,
Монед ва ё на, корвон хоҳад рафт.

Монда ту нишонаи аломат дилро,
Бисёр задӣ тири маломат дилро.
Дидӣ, ки нарафтааст як тир хато,
Гуфтӣ, накунад ба сайди худ шер хато.

Аз бодияи умр касе огаҳ нест.
Ин роҳ раҳе бувад, ки кас ҳамраҳ нест.
Танҳо чу биёмадӣ, равӣ пас танҳо,
Зоҳир ҳама сарҷамъу ҳама кас танҳо.

Боке набувад, гар ҳавасе нест маро,
Боке набувад, ҳамнафасе нест маро.
Дигар ба барам ҳамнафасе, ҳам ҳавасе,
Монанди Шаҳинаам касе нест маро.

Шероз равам, Шаҳина дар Шероз аст,
Парвоз кунам, ки лаҳзаи парвоз аст.
Чун Хоҷаву Шайхро[1] зиёрат бикунам,
Хоҳам, ки Шаҳинаро аёдат бикунам.

1. Яъне, Хоҷа Ҳофиз ва Шайх Саъдӣ.

Бар дида биёмаду шуд аз дида баҳор,
Бозидаву нозидаву созида баҳор.
Будаст арӯсеву аҷуза-ст кунун,
Сабзидаву сурхидаву зардида баҳор.

Ойинаи кӯдакӣ, аҷаб рангинӣ,
Бурдӣ ту маро ба хоб бо ширинӣ.
Бо мӯи сафед гашта бедору ба худ
«Гуфтам, ки дар ойина киро мебинӣ?»

Аз худ нафасе гурехтан мушкил шуд,
Ин мӯҳраи ғам гусехтан мушкил шуд.
Ҳарчанд бувад замона «каҷ дору марез»,
Каҷ доштану нарехтан мушкил шуд.

Афсӯс, ҷаҳон чаро чунин сохта шуд,
Дар бозии он умри ҳама бохта шуд.
Говоҳану хоку мису симу зару санг
Дар кӯра ба ҳам рехта, бигдохта шуд.

Ҳаргиз набувад ҳамеша яксон инсон,
То ҳолати олам набувад худ яксон.
Хуршеду ситорагону маҳтобу замин
Дигар бишаванд лаҳза-лаҳза осон.

Пажмурда мабод ҳеҷ ин лолаи рӯ,
Афсурда мабод ҳеҷ ин ҳолаи мӯ.
Ман ошиқи деринаи сисолаи ту,
Сӣ соли дигар ҷону дилам волаи ту.

Бо ину ба он даме нишастем, гузашт,
Бо ину ба он, ки дил бубастем, гузашт.
Кам монда дигар, кам ҳамаи шодиву ғам,
Кам монда дигар, зи умр монда ҳама кам.

Эй кош, шавад, хотираҳоро ронам,
Аз раг-раги худ он ҳамаро афшонам.
Аз реша канам хотираҳои талхам,
Ширин зи дигар хотираҳо биншонам.

Аз деҳ, ки баромадам, расидам бар шаҳр,
Деҳ буд шакару шаҳр саросар аз заҳр.
Рӯзе, ки дар ин шаҳри шумо афтодам,
Билоҳ, ба коми аждаҳо афтодам.

Вайронааму ганҷаму мори хешам,
Майхораaму масту хумори хешам.
Пайкону камонаму шикори хешам,
Мансураму дар ҳалқаи дори хешам.

Порина наёмадӣ, пас имсол биё,
Болидаву хандидаву хушҳол биё.
Рози дили ман зи сина бар лаб нарасад,
Бар лаб чу расад, ҳазору як шаб нарасад.

Ман бо ту чу чашму гӯш кардам одат,
Ман бо ту чу ақлу ҳуш кардам одат.
Бе чашмаму бе гӯш, набошӣ ту агар,
Бе ақламу бе ҳуш , набошӣ ту агар.

Дар шаҳри шумо касе суроғам накунад,
Бӯи хуши ошно димоғам накунад.
Шабҳои шумо сиёҳу бемаҳтобанд,
Як дам равшан нури чароғам накунад.

Маънӣ чу арӯсу лафз домод бувад,
Ҳар байт аз издивоҷ обод бувад.
Ҳар қадр арӯс агар бувад зеботар,
Домод ҳамон қадар шавад доротар.

Монандаи Абдулло ҷавонмард куҷост?
Духтур ба мисоли ӯ яке фард куҷост?
Бас дур намуд дарди дандони маро,
То ҳол надонам, ки дигар дард куҷост.

Ҳар сӯй давои дарди дандон ҷӯям,
Беҳуда бувад, зи ҳар ки дармон ҷӯям.
Чандон накунад дард, баҳона дандон,
Ман сӯҳбати хуби Абдуллоҷон ҷӯям.

Дар синаи ман даро-баро карда нафас,
Он як чу дарояд, он дигар гардад пас.
Оянд ба мулки дилам аз рӯи ҳавас,
Дилмонда шаванд, дида вайронаву бас.

Мо чашми туро надида хӯрдем шароб,
Чун чашми ту дидем, гузаштем ба об.
Беқадр шуда шароб пеши чашмат,
Ҳарчанд бувад шароб хеши чашмат.

Моро, ки дар ин шаҳр касе ёд накард,
Бо ёд касе хотири мо шод накард,
Рози дили худ ба бодҳо хонда равем,
Ин хотираҳоро ҳама афшонда равем.

Имрӯз дар ин шаҳри шумо нест касе,
Ҷустам ҳама ҷову бахудо, нест касе.
Пурсон шудам аз ҳазор кас, ки ку кас?
Гуфтанд: Чӣ гӯӣ? Зи куҷо? Нест касе[1].

Ҳар субҳ ба шомгаҳ чӣ ҷӯяд хуршед?
Ин роҳи дароз аз чӣ пӯяд хуршед?
Дар рӯи замин он чи бидиду бишунид,
Шабҳои дароз бо кӣ гӯяд хуршед?

1. Мазмун аз ин байти Мавлавист:
Ди шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,
К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.

Ошуфтаи ҳамлаи ҳавасҳо шудаам,
Озурдаи шӯри ин магасҳо шудаам.
Дилмонда кунам кош ҳавасҳоро ман,
Ҳам ронда кунам кош магасҳоро ман.

Ёҳу занаму касе намедонад чист,
Манҳу занаму касе намедонад кист.
Бас мардуми содаанд дар саддаи бист,
Зинҳор чу ман ба асри даҳ бояд зист.

Гуфтам ба шумо рози ниҳонам хонам,
Монад шояд яке нишонам з-онам.
Дар шаҳри шумо дар дилу дар ёди касе
Донам, ки намонаму надонам монам.

Дода дилро, гирифта вопас дилро,
Бас дасти ба даст карда аз бас дилро,
Афкандаву афшондаву дармонда бишуд,
Дигар надиҳам ба дасти нокас дилро.

Ин роҳи дароз кӣ равад ҳамраҳи ман,
З-ин шебу фароз кӣ бувад огаҳи ман?!
Ман мондаву дил мондаву ин роҳи дароз,
Ман мондаву дил мондаву ин шебу фароз.

Фархунда бувад арӯсу домод, Худо,
Хандидаву болида зи бунёд, Худо.
Хушбахту ҳамеша хонаобод, Худо,
Бошанд канори ҳамдигар шод, Худо.

Хезед, арӯси нозанин омадааст,
Ҳамроҳ ба шоҳи дилнишин омадааст.
Хуршед ба ёри маҳҷабин омадааст,
Ангуштари бахт хушнигин омадааст.

Як даст ба даст омаду як дил бари дил,
Домоду арӯс дилбару дилбари дил.
Як дил бари дил беҳ зи ҳама дилбари дил,
Ё дил бари дил биёр, ё дилбари дил.

Хуш боду хушо, ҳамдиливу ҳамқадамӣ,
Сад сол канори ҳам набинед камӣ.
Сад сол канори ҳамдигар шод шавед,
Зебандаи як хонаи обод шавед.

Як ҷуфти ҷавон ба ҳам қаринанд, бубин,
Хуршедҷабину маҳҷабинанд, бубин.
Ин шоҳи ҷаҳон, ки бахтёр аст имшаб,
Бахташ бинигар, ки дар канор аст имшаб.

Эй дида, набурдаем мо хоби туро,
Эй ташна, нахӯрдаем мо оби туро.
Эй ошиқи саргашта, зи хамгашт баро,
Бар бом ниҳодаем маҳтоби туро.

Шаб дар лаби чашма ёл афшонд саманд,
Бо ҷӯяи об боғ баста чу каманд,
Дар чоҳи ситораҳо, ки обест баланд,
Дар бистари моҳи шом хобест баланд.

Тоби гули моҳтоб тоби зард аст,
Бар чеҳраи хобҳо ниқоби зард аст.
Дар ҷоми ситораҳо шароби зард аст,
Дар кӯзаи моҳтоб оби зард аст.

Мардум зи мазоҳу ҳазл гашта хурсанд,
Ноҷову баҷо зи ҳазлаке механданд.
Байту ғазали маро нахонанд, афсӯс,
Армони дили маро надонанд, афсӯс.

Ман дар ҳама сол бо ту одат кардам,
Ман дар ҳама ҳол бо ту одат кардам.
Он гуна, ки чашм карда одат бо хоб,
Он гуна, ки реша карда одат бо об.

Ман бо ту ҳазор сол кардам одат,
Балки ду ҳазор сол кардам одат.
Он гуна уқоб карда одат бо бол,
Одат карда чунон ки бо реша ниҳол.

Аз чашмаи офтоб обат гузарад,
Аз чашмаи об офтобат гузарад.
Мижгон набарӣ ба ҳам, ки дар як мижжа
Бошад ки дусад сол ба хобат гузарад.

Қандат гуфтам, ваъда намудӣ қандам,
Додӣ ба ду-се ваъдаи қандат фандам.
Ширинии рӯи ту ба ҷонам шишта,
Ман аз асалу қанди ҷаҳон дил кандам.

Ширин чу лаби ту шаҳд дар олам нест,
Гулқанду наботу асалу марҳам нест.
Ман ҷон ба лабам, вале ту таскин ба лабӣ,
Комам ҳама талх асту ту ширин ба лабӣ.

Буд ранга ҷаҳон ба кӯдакиям ба назар,
Сабзу сурху кабуду сад ранги дигар.
Акнун, ки гузашт синни ман аз панҷоҳ,
Дунё ба ду ранг аст – сафед асту сиёҳ.

Монанди нигоҳи чашми ту ҳайронам,
Чун гардиши чашмони ту саргардонам.
Аз ман магузар, ки нокасон санг зананд,
Монанди раҳи Кабудҷар вайронам.

Чандест гирифтор ба ғамҳои дилам,
Бар хонаи худ намерасад пои дилам.
Холист ба кунҷи синаам ҷои дилам,
Э вои дилам, вои дилам, вои дилам.

Шиштем ба раҳ ба интизори чашмат,
Бошад, ки фитад ба мо гузори чашмат.
Бо чашми ту аз он нафасе шишт шароб,
Роҳе, ки будем шишта мо, гашт хароб.

Бедораму мисле ки ба хобаш хоҳам,
Ташна-ташна мисли саробаш хоҳам.
Гар рӯз бувад, чун офтобаш хоҳам,
Гар шом шавад, чу моҳтобаш хоҳам.

Ин ҳалҳалаву валвалаҳо мегузарад,
Ин силсилаи зилзилаҳо мегузарад.
Ин манзилу ин марҳилаҳо мегузарад,
Озор ҳамеву гилаҳо мегузарад…

Ин дашт дарозу раҳи ин дашт дароз,
Рафтам ба раҳи шебу вале гашт фароз.
Аз шебу фароз меравам, боке не,
Фарёд чи сон кунам, надорам овоз.

Аз зарраҳаке кӯҳи гарон хам нашавад,
Аз қатраҳаке Боми Ҷаҳон нам нашавад.
Аз бӯсаи тар дусад ҷаҳон дар лаби туст,
Аз бӯсаҳаке дусад ҷаҳон кам нашавад.

Гар роҳ диҳӣ, кавну маконам роҳ аст,
В-ар раҳ надиҳӣ, ҷумла ҷаҳонам чоҳ аст.
Гар қаҳр кунӣ, коҳ ба пешам кӯҳест,
В-ар меҳр кунӣ, кӯҳи гаронам коҳ аст.

Бе шодии дил сар омадӣ, эй дунё,
Аз бовари ман баромадӣ, эй дунё.
Чаппа нашавӣ зи беху бун, як нафасе
Бар коми дилам гар омадӣ, эй дунё.

Эй чарх, якам диҳӣ, ҳазорам бубарӣ,
Бо роз биёвариву зорам бубарӣ.
Бо ваъдаи як дил ба ҷаҳон оварда,
Бо ваъдаи як санг мазорам бубарӣ.

Оварда шудам ба ҳайси як номакашон,
В-он номаи сарбаста манам бал ба ҷаҳон.
Сабте ба вуҷуду ҷону хатте ба ҷабин:
К-«ин нома расонӣ аз фалонӣ ба фалон».

Эй чархи фалак, чу кӯдаки пурнозӣ,
Як дам нашудӣ сер зи лӯхтакбозӣ.
Меориву ҷилва медиҳӣ, мефиканӣ,
Охир шиканӣ лӯхтаку шеван созӣ.

Эй чарх, даме ки шод додӣ, додӣ.
В-аз ғусса каму зиёд додӣ, додӣ.
Як лаҳза ҷаҳон ба ком кардӣ, кардӣ
В-охир ҳамаро ба бод додӣ, додӣ.

Дар рӯи ҷаҳон ҳаст касе? Ҳаст касе?
Ҳар гуна касам чи кор? Фарёдрасе!
Пайдо кунам ин яку дигар дода зи даст,
Ҳаргиз нарасад нафас, нарафт ар нафасе.

Ин сӯзи дилу дидаи тар мегузарад,
Бисёр махӯр ғусса, зи сар мегузарад.
Хезу ба сафар баро, ки андар ҷонат
Дарде, ки нишаст, дар сафар мегузарад.

Марде, ки вафо кунад, вафо, ёрат бод,
Раҳ аз чаману қадам ба гулзорат бод.
Ёрон ба канору дӯстон дар паҳлу,
Шодӣ ба дилу ханда ба гуфторат бод.

Эй гул, ба баҳор омадӣ, шод бимон,
Дар ҷону дилу ба чашму дар ёд бимон.
Як хандаи ту саодати сад чаман аст,
Бо хандаи сад баҳор ҳамзод бимон.

Шодӣ ҳунар асту шод будан ҳунар аст,
Ғам аз дили дӯстон зудудан ҳунар аст.
Бо омаданат бадӣ маяфзой, бад аст,
Хубиву накӯӣ бифузудан ҳунар аст.

Ҳарфе, ки бубахшадат раҳоӣ, ин аст,
Як нукта зи сирри ошноӣ ин аст:
Ҳаргиз маталаб зи дигарон бешу камӣ,
Ин аст ба бешиву камоӣ ин аст.

Ман мӯр наёзораму мӯрам озурд,
Ман зӯр намеёраму зӯрам озурд.
Нохӯрда насиб, талху шӯрам озурд,
Кар сангу кулӯхам заду кӯрам озурд.

Эй сарви равон, марав, равонам бошӣ,
Эй ҷони ҷаҳон, ба ҷои ҷонам бошӣ.
Эй ғуссаи дил, зи каҳ нишонам бошӣ,
Эй шодии дил, гаҳе гаронам бошӣ.

Ғам мегузарад, мавсими ғам мегузарад,
Бисёр махӯр ғусса, ки кам мегузарад.
Дунё гузарон нест, ба ҷо мемонад,
Оре, зи ҷаҳон одаму дам мегузарад.

Ғам хӯрдану нолидани беҳуда чаро?
Бо буда ғаму ғусса ба нобуда чаро?
Ҳар дам аламе зам бикунӣ бар дили хеш,
Эй як дами хуш ба дил наафзуда, чаро?

Сад оҳу фиғон кунӣ, касе ғам нахӯрад,
Бар кӯҳи ғами ту мижжае хам нахӯрад,
Бо ашк бикун чораи девори ғамат,
Девор наафтад, агар он нам нахӯрад.

Пинҳон ҳама поён, ҳама болост ниҳон,
Дар парда ҳама сарову савдост ниҳон.
То менигарам бар пасу пешу чапу рост,
Ин чор ҷиҳат бо ҳама пайдост ниҳон.

Бигзашта гузашту ғами бигзашта гузашт,
Бигзашта зи ғам каму фузун ҳеҷ нагашт.
Ин як нафасе, ки нақд омад ба димоғ,
Ояндаву бигзашта ба як ҳол навишт.

Дар маърака ному нанг мебояд буд,
Зангорзудо, на занг мебояд буд.
Ҳар гаҳ, ки бубоядат зи мардум дурӣ,
Аз чӯб ва ё зи санг мебояд буд.

Ҳар барги туро ба бӯстон медонем,
Ҳар ҳарфи туро чу достон мехонем.
Моему ҷаҳону банди асрор, вале
Эй ишқ, туро зи бостон медонем.

Чоҳест чоҳи ахтарон, дарбаста,
Роҳест роҳи Каҳкашон, сарбаста.
Ҳарчанд нигаҳ дар осмон мегардад,
Мурғест вале дар ошён парбаста.

Сарчашмаи умри ҷовидонӣ ишқ аст,
Ширинии давраи ҷавонӣ ишқ аст.
Роҳе, ки туро ба манзили бахт барад,
Донӣ, ишқ аст, агар надонӣ, ишқ аст.

Ҳошо, ки гирифтории дилро сабабӣ,
Ҳар лаҳза аҷаб куниву худ дар аҷабӣ.
Эй хоҳиши ҷовид, аз кадомин аслӣ,
Эй мӯҷиби зиндагонӣ, аз чӣ насабӣ?

Дар гӯши шумо қиссаи дил хонда равем,
Дилро ба шумо намонда ё монда равем?
Дар гӯши шумо қиссаи дил хонда нашуд,
Дилро ба шумо намонда ё монда нашуд.

Аз будани хештан набудам қонеъ,
Аз умри гузашта ман набудам қонеъ,
Аз кардаву аз гуфтаву аз омаду шуд
Кӯтаҳ кунам ин сухан – набудам қонеъ.

Хоҳам, ки дигар шавам, вале натвонам,
Аз хеш хабар шавам, вале натвонам,
Андар назарам кӯҳнаву фарсуда шудам,
Хоҳам, ки зи сар шавам, вале натвонам.

З-ин ҳар нафасе, ки тору пудам печад,
Дар коргаҳи ҷону вуҷудам печад.
Мепечаду лаҳза-лаҳза умрам сӯзад,
Аз сӯхтанам баланд дудам печад.

Монанди ғизол меравӣ аз чашма,
Чун кабки ҳилол меравӣ аз чашма,
Чун оби зулол меравӣ аз чашма,
Бар сар чу хаёл меравӣ аз чашма.

Бар шом гузар макун, ки маҳтоб шавӣ,
Бар ҷӯй назар макун, мабод, об шавӣ.
Маҳтоб туӣ, назар ба рӯи ту кунам,
Гар об туӣ, гузар ба ҷӯи ту кунам.

Ман мешунавам садои бишкуфтани гул,
Ман мешунавам ҳарфу сухан гуфтани гул.
Ман мешунавам, агарчи булбул нашунид,
Гар нолаи булбул, чӣ аҷаб, гул нашунид?!

Монанди дили ман ба ту кас банда нашуд,
Дар бандагӣ кас чу ман сарафганда нашуд.
Дил кандани ман бувад чу ҷон кандани ман,
Ҷон канда шуду валек дил канда нашуд.

Ин чор биёр[1] чор ёрони мананд,
Аз чор диёр чор ёрони мананд.
Бар дидаи чори ман расида имшаб,
Ин чор савор чор ёрони мананд.

Чун теша ба сӯи хеш кай афшондам,
Чун ранда ба сӯи дигарон кай рондам?
Чун арра нафас кашидам ин сӯ – он сӯ,
Охир ки дарахти умрро афтондам.

Эй Рашти куҳандиёр, рашки чаманӣ,
Боғи Ирамӣ маро, биҳишти Аданӣ.
Сад сол зи ту наметавонам дил канд,
Зеро Ватаниву Ватаниву Ватанӣ.

Умрам охир нафас-нафас рафт зи сар,
Чашмам шуда ҳам нигаҳ-нигаҳ хира, нигар.
Роҳам, ки шавад қадам-қадам кӯтоҳтар,
Ҷамъам бишавад рақам-рақам тарҳ дигар.

---

1. Биёр – бародар.

Дар роҳи сафар ба пои ланг омадаем,
Дар шаҳри сухан гӯлу гаранг омадаем.
Чобуксуханон валек кай хомӯшанд,
Ниме даҳананду ними дигар гӯшанд.

Дунё ба мисоли растаи бозор аст,
Савдогари он судхӯри айёр аст.
Дар ҳар қадаме матои умрат бибаранд –
Ҳар як нафасаш роҳзани таррор аст.

Ман пеши касе накардаам хам сари худ,
Умре ҳама буда бо худу бовари худ.
Бо ин ҳама, эй кош, маро фурсат буд
Як лаҳза биёсудам агар дар бари худ.

Ҳар гаҳ ки барам даст ба банди қаламам,
Гӯшам бидиҳам фаро ба панди қаламам.
Дар Дашти сапеди сафҳа оҳуи хаёл
Худ сар бигузорад ба каманди қаламам.

Пайваста манам даст ба дасти қаламам,
Ман ошиқи зори қадду басти қаламам.
Эй бори худо, ҳеҷ шикасташ марасад,
Бошад чу шикасти ман шикасти қаламам.

Охир ҳама ин зиёнаму судам рафт,
Нобуда намонду в-он ҳама будам рафт.
Он гуна бисӯхтам, ки бар ҷой бимонд
Хокистараму ба осмон дудам рафт.

Дунё, ки ба коми мо нашуд, ҳеҷ нашуд,
Ин қуръа ба номи мо нашуд,ҳеҷ нашуд.
Як моҳии тилоӣ аз ин баҳри вуҷуд
Афсӯс ба доми мо нашуд, ҳеҷ нашуд.

Аз ман ту ҷудо машав, ки пайванди манӣ,
Аз ман ту раҳо машав, ки дар банди манӣ.
Аз ман, ки ҷудо шавӣ, ба кӣ пайвандам?
Аз ман, ки раҳо шавӣ, ба кӣ дил бандам?

Ман баҳр будам, ба кӯзае дармондам,
Ман шаҳр будам, ба кӯчае сар мондам.
Дар кӯза касе надид маҷрои маро,
Дар кӯча касе надид паҳнои маро.

Ҳайҳот, ай орзуи бас хубу қашанг,
Дар куштани ту накардаам ҳеҷ диранг.
Ту будӣ кабӯтареву ман гашта чу боз,
Ту будӣ чу оҳуву манат гашта паланг.

Инъом гаҳе зи дасти кас мегирам,
Гӯӣ зи таҳи об нафас мегирам.
Берун зи таҳи об нафас будам, кош
В-ин зиндагӣ бо ройи ҳавас будам, кош.

Он дил, ки рабудаӣ зи ман, бозам деҳ,
Эй кӯҳи садо, ба ишқ овозам деҳ.
Ман ҳокими мулки ишқам, андозам деҳ,
Чун кирм, ки себ хӯрдаӣ, ғозам деҳ[1].

Нохоҳ ва ё ба хост мирам, чӣ аҷаб?
Он сон, ки ба кас равост, мирам, чӣ аҷаб?
Ин ғусса чу кирм аз дарун хурд маро,
Гар мисли дарахт рост мирам, чӣ аҷаб?

Кӯҳ аст чу посбон нишаста ба нишон,
Рӯд аст танобе, ки кашида ба камон.
В-он ҷангали ножу ба наёмаш пайкон,
Кӯтоҳ аз ин гӯша шуда дасти хазон.

1. Таъбири халқист, ки ба кирми себ мегӯянд: «Себамро хӯрдӣ, ғозамро деҳ».

Шаб мисли самандест, ки ёлаш зи зар аст,
Ё мисли парандаест, болаш зи зар аст.
Дар рӯди зарини Каҳкашон метобад
Бас моҳии зар, ки хол-холаш зи зар аст.

Байту ғазали маро асал мехонӣ,
Занбӯри асал маро магар медонӣ.
Бо оташи қаҳри худ маро меронӣ,
Дудам бидиҳӣ, то ки асал бистонӣ.

Гаҳ моҳи тамому гаҳ маҳи серӯза,
Гаҳ дастаи кӯза тобаду гаҳ кӯза.
Кай з-он ду лаби уфуқияш гардад сер
Зангии сиёҳмасти шаб аз бӯза?

Дишаб дидам ба хоб худро ташна,
Дар дашти пур аз сароб худро ташна.
Бас ташна лаби об бибурдам худро,
Оварда зи ҷӯи об худро ташна.

Дунёи банози навҷавонӣ дорӣ,
Чашмони кабуди осмонӣ дорӣ.
Карда ту ба боли абрувон парвозе,
Яъне ки ба рӯи осмон менозӣ.

Чун тир ба абруи камон парронӣ,
Ҳар лаҳза ба боли мижагон парронӣ,
Бо синаву гардану ба бозуву ба по,
Бо шонаву китфу ба миён парронӣ.

Ту роҳ намеравӣ, ҳамон парронӣ,
Пайваста ба боли абрувон парронӣ.
Монанди уқоб дар ҳаво ту зада бол,
Харгӯши дилам туро ба чангол кашол.

Парвоз куниву пар ҳаме афшонӣ,
Он ҷой замин нест, ки по мемонӣ,
Он ҷой замин нест, самоест баланд,
Парвоз басе туро фитодаст писанд.

Бо тешаи шеър сохтам пайкарае,
Бо хомаи шеър сохтам манзарае.
Дар пайкараи шеър кашам пайкараат,
Дар манзараи шеър кашам манзараат.

Дар пайкари ту пайкараи зебоист,
Дар манзари ту манзараи зебоист.
Охир бикашам ниқоби он пайкараро,
Охир фиканам ҳиҷоби он манзараро.

Ҳар сӯй чӣ меравӣ, раҳи сӯ ин ҷост,
Ҳар рӯй чӣ мекунӣ, маҳи рӯ ин ҷост.
Ин об зи ҳар ҷӯй маҷӯ, ҷӯ, ин ҷост,
Ин бод зи ҳар кӯй мабӯ, к-ӯ ин ҷост.

Ҷуз пешаи шеър кай кунам ман пеша,
Ҷуз ин набувад дигар маро андеша.
Аз санги хаёл то кашам пайкарае,
Чун пайкарасоз мезанам бас теша.

Дар сояи зулфи ту басе манзараҳост,
Он гуна ки на дар дараву шаршараҳост.
Не дар дараи Ромиту Варзобу Тагов,
Не дар Сари Хосору на ҳам дар Камаров.

Чашмони тирезаҳо ҳама гардад боз,
Мурғон ба ҳаво ҳама бихонанд ба соз,
Бо панҷаи барг шохаҳо каф бизананд,
Аз кӯча даме қадам гузорӣ ту ба ноз.

Парвоз бикун, бикун парат боз, Аша,
Бинмой камони падарат соз, Аша[1],
Олам шуда кач, ниҳоди олам шуда кач,
Бинмой замонаро Аша, боз Аша.

Шеъре ба равонии ҳама чашмаву рӯд,
Байте ба нишонии ҳама амбару уд.
Ҳарфат шуда афсонаи бас буду набуд,
Оҳи ту вале ба осмонҳо шуда дуд.

Ҳамсоягиву сояи дунё шуда гум,
Сармояи ҷон, мояи дилҳо шуда гум.
Бас нақш зи сӯзаниву попо шуда гум,
Ҳайфо, «Аша»-ву «Жолак»-у «Фофо» шуда гум[2].

Чун оҳу чӣ гунаӣ дар ин даҳри паланг?
Чун моҳӣ чӣ гунаӣ дар ин баҳри наҳанг?
Моҳӣ туиву наҳанг оварда ба ком,
Оҳу туиву паланг оварда ба чанг.

Дар машриқу мағрибу шимолу ба ҷануб,
Ҳар кас ки бувад бар бани Одам мансуб,
Аз хосу зи ому аз бузургони ҷаҳон
Кас нест ба монанди Муҳаммад[3] маҳбуб.

Парвардаи симурғ чунон Золи Зарам,
Афканда шудам ба кӯҳ зи пушти падарам.
То ин ки расӣ бар мадади зодани ишқ,
Симурғ, парат дуд кунад дар ҷигарам.

---

1. Аша – маъноям ростист ва он номи ҷонваракест, ки дар Эрон кафшдӯзак ва ба русӣ Божья коровка мегӯянд. Як сурурди қадимии Раштонист, ки ин ҷонваракро сари ангушт гирифта мегӯянд: «Аша, Аша, парвоз кун, Камони вота (падаратро – М.Ҳ.) соз кун »
2. Сӯзанӣ, попо – номи гулдӯзиҳои мардумӣ. «Аша», «Жолак», «Фофо» – номи сурудҳои қадимии мардумии Раштонӣ.
3. (С).

Ишқ омаду бурд оқибат тоби дилам,
Ҳам хоби дилам рабуду ҳам оби дилам.
Чун Рустами Достон бикардам макре,
Охир ки ба хун фиканда Суҳроби дилам.

Ҳар субҳ азони ишқ гӯям чу Билол,
Ангуштнамои халқ гаштам чу ҳилол,
Дар ишқ масал гаштаму дар халқ мисол,
Дар ишқ накард кас чу ман куфру вубол.

Ман Ораши ишқаму камон мегирам,
Донам, ки дар ин роҳ яқин мемирам.
Гар тири ман аз сарҳади ишқ аст нишон,
Ҷӯед аз он охири дунё тирам[1].

Бояд ки кашид дард чун кандани ҷон,
Бояд, ки кашид ранҷ чун кандани кон.
Не, не, набувад кандани ин, кандани он
Чун заҳмати эҷоди яке шеъри равон.

Як нур зи тоқи осмон мебояд,
Як мавҷ зи дарёи дамон мебояд,
Як қулла ҳам аз кӯҳи гарон мебояд,
Эй дил, агарат шеъри равон мебояд.

Эй дар нафасат шамими пошидаи ёс,
Бишкуфта ба нозат гули печидаи ёс,
Эй дар бару дӯшу синаву шонаи ту
Сад шоха ба шоха гули ночидаи ёс.

1. Вақте Ораш, камонвари Эрони бостон, сарҳади миёни Эрону Тӯронро бо тире бояд муайян мекард, пеш аз партоб кардани тир бараҳна шуд ва гуфт: «Эй подшоҳ ва эй мардум! Ба танам бингаред! Маро захму беморе нест, аммо яқин донам, ки пас аз андохтани тир пора-пора шавам ва фидои шумо гардам».

Моро зи зимистон ба баҳорат мекаш,
Аз ранҷи ғарибӣ ба диёрат мекаш.
Дар во куну бикшуда бикун чини ҷабин,
Моро зи карона ба канорат мекаш.

Бишкуфта гули тани ту дар зарфи танат,
Шуд рӯзу шабам чу боғбон сарфи танат,
Андар тани ту чаҳор фасл аст баҳор,
Аммо, аҷабо, об нашуд барфи танат.

Дар шаҳри шумо, аҷаб, на исм аст, на ном,
На пурсу на посу на алеку на салом.
Дар шаҳри шумо ҳама сарозер раванд,
Бомаш ҳама фарш ояду фаршаш ҳама бом.

Дар шаҳри шумо на мард, не зан набувад,
Сархам ҳамаву ба ғайри рафтан набувад,
Аз сар чу кулаҳ фитад, якеро сар нест,
Чун ҷома кашанд, бар яке тан набувад.

Дар шаҳри шумо раванд фартур ба даст,
Яксар ҳамаро ба даст фартури худ аст.
Дар кӯчаву бозору хиёбон баҳсест:
Фартури кӣ нек асту аз они кӣ бад аст.

Дар шаҳри шумо асо ба дастанд ҳама,
Ҳушёр, валек мисли мастанд ҳама.
Дар баҳси асобаландии хеш баланд,
Лекин зи асои хеш пастанд ҳама.

Дар шаҳри шумо арӯсакон лӯхтакианд,
Чун зода шаванд, кӯдакон лӯхтакианд,
Ҳар чеҳра, ки бинӣ аз паластик бошад,
Мурғон ба ҳаво ҳама ҳамон лӯхтакианд…

Шаҳрест пур аз суробҳо шаҳри шумо,
Бар чеҳра ҳама ниқобҳо шаҳри шумо.
Ҳар чиз ки бинанд, ба хоб аст ҳама,
Шаҳрест зи мулки хобҳо шаҳри шумо.

Дар шаҳри шумо оинадоранд ҳама,
Оина зи пешу пас гузоранд ҳама.
Оина баровварда зи ҷайбу зи бағал,
Оинаи хеш мешуморанд ҳама.

Имрӯз нишон намонд аз фарку заранг,
Ҳам ҷои буруҷ монда андар сари санг.
Аҷдод ҳазор сол парварда будаш,
Акнун биравад зи ёд чун ору чу нанг.

Мӯҳтоҷи ману туст басо беху гиёҳ
В-ин мурғаки бечора зи мо ҷуста паноҳ.
Аҷдод ба мо расонда будаш, акнун
Бояд бирасонем ҳамаш мо ба пагоҳ.

Аз хона даме равон шавад мори сиёҳ,
Дар айнаки худ ниҳон шавад мори сиёҳ.
Худро ба ҳиҷоби насаби сабз кашад,
Дар сабза вале аён шавад мори сиёҳ.

Холиста кунам зи шому перанг кашам,
Картина аз он позаи хушранг кашам.
Бо ранги шафақ саҳар чу фартур[1] кашам,
Хамёзаи субҳро ба оҳанг кашам.

Пайваста нигоҳи теғу шамшер кунӣ
В-аз сангари дандон суханон тир кунӣ,
Чашмат чу шавад заифу дандон бифитад,
Он гоҳ надонам, ки чӣ тадбир кунӣ.

1. Холиста (ранг – холст), перанг (нақши сиёҳу сафед – эскиз), картина (нақши анкабут ва умуман нақш), фартур (портрет) – истилоҳоти қадимии наққошӣ.

Аз мӯй найе созаму нолам чун най,
Аз ашки ситора пур кунам соғари май.
Худро бикашам ба маснади Ковуси Кай,
Ҳам зинда кунам саховати Ҳотами Тай.

Гоҳе ки нигоҳам ба нигоҳе афтод,
Гӯӣ, ки сипоҳе ба сипоҳе афтод.
Як лаҳза ҷаҳон дар назарам равшан шуд,
Чашмам чу ба он чашми сиёҳе афтод.

Эй дар нафаси ёси саҳар олуда,
Эй аз ҳаваси атри гуҳар полуда.
Эй ранги шафақ зи гунаат молида,
Эй дар нафасат боди сабо болида.

Шаҳрест бас ободу бас озодаву хуб,
Дар шарқу шимол на, на дар ғарбу ҷануб.
Хишташ на зи санг асту манораш на зи чӯб,
Як шаҳри хаёлии тилоӣ ба ғуруб.

Шабнам шиканад ташнагии коми маро,
Маҳтоб шавад шамъи шабон боми маро.
Дар бешаи сабзгун чаковак ҳар субҳ
Чак-чак задаву ҳак бикунад номи маро.

Ман марди мусофири шаби танҳоям,
Аз дур ба ин шаҳри шумо меоям.
Афсӯс, ба рӯям саду як дар бастанд,
Дигар бирасад зи пушти дар овоям.

Як шоми махуфи тираву боронӣ
Баъди ҳама соли ҳиҷрату сарсонӣ,
Дуздона паси тиреза кардам назаре:
Биншаста будиву даст дар пешонӣ…

Эй шеъри сафеди барфи навборида,
Эй мушку абири дар саҳар пошида,
Садбарги сафеди дар ҳаво бишкуфта,
Эй амбару уди аз самоноруфта…

Эй шеъри сафеди синаи барфи сафед,
Чун ғунча ба барги сурх дар зарфи сафед,
Бо бӯса аз он ғунча гули сурх кашам,
Монандаи ранги сурх дар ҳарфи сафед…

Парвози фариштаҳо зи боми саҳар аст,
Пайғоми навиштаҳо ба номи саҳар аст.
Бо ҳарфи равони гарму равшан ҳар субҳ
Хуршед паямбари паёми саҳар аст.

Афсона махон он ки биҳишти Адан аст,
Ин боғи Ирам, магӯ, фақат дар сухан аст.
В-он Чамбулу Орёну низ Олмалинг
Имрӯз ба номи Тоҷикистон ватан аст.

Оғози ҷаҳон зи ҳазрати Одам буд,
Насли башарӣ аз паси ӯ пайҳам буд.
Дар мартаба гарчи ҳама бешу кам буд,
З-он насл яке Мӯҳтарами Ҳотам буд…

Ин як дами хуш, ки бас самимона гузашт,
Дар ҳалқаи дӯстони фарзона гузашт.
Аз ёди азизон наравад маҳфили мо,
Бо шамъу гулу булбулу парвона гузашт.

Аз сӯҳбати дӯст мешавад шод дилам,
Аз сӯҳбати дӯст мекунад ёд дилам.
Озурдаву ошуфта бувад гар, нафасе
Аз сӯҳбати дӯст гардад обод дилам.

Бас шеъри равон дар андарун дорам ман
В-аз ҳарфу ҳиҷо басе фузун дорам ман.
Байту ғазалу таронаи пуршӯре
Бисёр ба шарёну ба хун дорам ман.

Маҳ дар сари зулфи ту ба шом афтода,
Бод аз хами мӯи ту ба дом афтода.
Ҳарфи қади ту бар лаби бом афтода,
Чашми ҳавасат ба рӯи ҷом афтода.

Андар лаби бом ҳарфи барф аст баланд,
Ҳарфи лаби бом бас фитодаст писанд.
Барфи лаби бом бар замин афтода,
Ҳарфи лаби бом дилнишин афтода.

Гулдони тани ту дилнишин афтода,
Гулҳои тани ту нозанин афтода.
Нақши қадамат дидаву чашмам мегуфт:
«Ҳайфи қадамат, ки бар замин» афтода.

Ҳар гоҳ, ки аз шеъри сафед ояд ҳарф,
Ман шеъри танатро бинависам бо барф.
Тандиси туро ҳак бикунам аз мармар,
Дар коргаҳи сапеда бо атри саҳар…

Эй меҳани ман, аё куҳанмеҳани ман,
Таърихи ту сабт аст ба ҷону тани ман.
Балху Хутану Марву Бухорову Ҳирот,
Эй Геву Гударзу Рустаму Бежани ман.

Ку дӯст, ки ман аз рухаш оина кунам,
Имрӯзамро ба сӯҳбаташ дина кунам.
Дар сӯҳбати ӯ чу сол бар сар бирасад,
Ҳар соли наве мисоли порина кунам,

Мову ту ба сайёра чунон ҳамсафарем,
Он сон, ки ба тайёра ба якҷоя парем,
Фардо чу расидем ба он манзили дур,
Ту бо раҳи худ, ман ба раҳи худ гузарем.

Аз оташи Шаҳри сӯхта[1] сӯхт дилам,
Хокистари ӯ чу шӯъла афрӯхт дилам.
Ин оташи шашҳазорсола пешин
Бисёр ба худ сӯхтан омӯхт дилам.

Аз боди хазони тирамаҳ дилгирам,
Дар ёди касе чашм ба раҳ, дилгирам.
Умрам ба хатову ба ҳадар, ҳайф, гузашт,
Бар дӯши дилам бори гунаҳ, дилгирам…

Хуршед ба танги тирамаҳ пир шуда,
Бо дидаи хаста баски дилгир шуда.
Бо қомати чанг аз дари сарди уфуқ
Берун шуда в-он гаҳе сарозер шуда.

Афсӯс, гузашт чиллаи тобистон,
Фасли хуши осоишу оромиши ҷон.
Акнун зи паяш боди хазон бархезад,
Андӯҳи дили ман ҳам аз он бархезад.

Он аспи заринаёли тобистон ку?
Он мурғи заринаболи боғистон ку?
Хуршеди хазон нишаста афсурдаву сард
Дар рӯи уфуқҳои ҷануби рӯзард.

Хуршеди хазон чу мурғи сармохӯрда,
Минқор таги бол зи сармо бурда.
Танҳо бинишаста ба сари сими уфуқ,
Аз боди хазони тирамоҳ афсурда.

---

1. Шаҳри сӯхта» – харобаҳои шаҳри бостоние дар Афғонистон, ки ба тахмин номаш Арата буд.

Бигзашт дигар фасли пури тобистон,
Холӣ ҳама дашту пуштаву боғистон,
Алвонҷ хӯрад фақат ду-се барг ба боғ,
Дигар накунад касе аз ин боғ суроғ.

Аз чор тараф ҳамерасад сардию бод,
Холӣ, холӣ ҳама дилу дидаву ёд.
Хуршед рамида ба уфуқҳои ғуруб,
Ёрон! Ба ҷануб!
Ба ҷануб!
Ба ҷануб!

Ду чашми сарам хаста шуд аз раҳпоӣ,
Гуфтам ба худ аз Россия кай меоӣ.
Аз баъди баҳорон ба хазон омадаӣ,
Бемору хазону дилгазон омадаӣ.

Ҳар бор ки кардӣ ба Россия ту сафар,
Пурсида зи ман иҷозат, эй ҷони падар.
Ин дафъа, ки кардӣ азми дунёи дигар,
Аз рафтани худ маро накардӣ ту хабар.

Шабҳо ҳама шаб ҳушам ба ёди ту кашол,
Ман худ донам – шудам гирифтори чи ҳол.
Гаҳ дар кафи ин дасту гаҳе дар кафи он
Бечора сарам фитода чун тӯби хаёл.

Бар сафҳаи дафтар чу кашидам қаламам,
Аз сафҳаи дафтар бигирифтам аламам.
Охир сияҳу сафед шуд дафтари ман,
Ҳамранг бишуд варақ ба мӯи сари ман.

З-имрӯзу зи оянда чу бигсаста манам,
Бо бигзашта мудом пайваста манам.
Ҳар хотирае гузаштаву санг занад,
Дар раҳгузари хотираҳо баста манам.

Гаҳ гарм ҳамерасад, гаҳе сард нафас,
Гаҳ шод ҳамерасад, гаҳе дард нафас.
Ояд нафаси вопасинам охири кор,
Ҳарчанд расад ба як миллиард нафас[1].

Пироҳани гул хуш аст андар тани себ,
Зебад ба ишора даст ҷунбондани себ.
Эй кош, ки ман навдаи токе будам,
То даст кунам дароз дар гардани себ.

Ту рафтиву бе ту ман дигар танҳоям,
Ҳаргиз ту надонӣ, чи қадар танҳоям.
Дигар ба барам пур накунад ҷои ту кас,
Бо ҳафт миллиард нафар танҳоям.

Дар лаҳзаи мушкилам маро дар бар буд,
Ӯ буду маро ба хештан бовар буд.
Ними бари ман бурдаву ними бовар,
Он Маъдии Орзуи Искандар буд.

Шабҳо ба ваноғу ришта буд модари ман,
Гаҳ пеши танӯр шишта буд модари ман.
Мегашт агарчи дар замин, дар бари мо,
Билло ба Худо, фаришта буд модари ман.

Ҷуз соя касе ҳеҷ ба паҳлуям нест,
Чашме ба ҷуз аз оина бар рӯям нест.
Ҷуз гӯши дилам нашнавад овозам кас
В-он кас, ки ба ӯ ғами дилам гӯям, нест.

Дар фасли баҳорон, ки чаман гулбез аст,
Бар сабзаву гул лаҳзаи растохез аст.
Фардо ҳама бар хок фурӯ хоҳад шуд,
Дигар чи тавон кард, ки фурсат тез аст.

1. Мувофики хисоби ин муаллиф одам дар даврми умраш такрибан як миллиард бор нафас мегирад. (муаллиф).

Аз ту чӣ тавон кард тамаъ, январи сард,
Ҷуз мурғаки дар шоха ба пову пари сард?
Як бори дигар, кош ба август расам,
Бар хонаи гарму равшани дӯст расам...

Додам худро ваъдаи ширини ба фанд,
Он сон ки ба кӯдаке диҳӣ ваъдаи қанд.
Фардо бикашам ваъдаи фардо аз нав,
Оё ки зи фардо чӣ дигар мондаву чанд?

Ғавғои хамуш дар гузари хотираҳост,
Бас сабти навор аз камари хотираҳост.
Бисёр дилам ба ҳоли худ месӯзад,
З-ин пас умрам сар ба сари хотираҳост.

Хуршед зи машриқ чу барояд хушу хуб,
Бас нек бубинад ба шимолу ба ҷануб.
Якчанд дар осмон сарафроз равад,
Ҳайфо, ки сарафканда шавад пас ба ғуруб.

Дар маҳзари даҳр то ниҳоданд маро,
Аз ҳар чӣ муяссар аст, доданд маро.
Бо додаву нодода басе шукр, вале
Ишқ асту сухан доди Худованд маро.

Хуршед ба шохаи ғурубаш сар бурд,
Чун тортанак тори тилоӣ густурд.
В-он тори заринаш ба сиёҳӣ чу кашид,
Дар доми шаби сияҳ ҷаҳонро афсурд.

Бод омаду боғро ба оҳанг кашид,
Барф омаду ранг аз ҳама ранг кашид.
Абр омаду бар фарози ин дашт гирист,
Аз гиряву ханда нақши аржанг кашид.

Ҳайфо зи ҷавонӣ, ки аҷаб ширин буд,
Рӯзу шаби он ҳама басе рангин буд.
Талху ширин – кунун ба як ранг кашид,
Сабзу сурхаш ба ранги перанг кашид.

Ҳайфо, ки ба ман замона номардӣ кард,
Бас рӯйтурушӣ, ҳама дилсардӣ кард.
Ҷӯям зи замонаи дигар имдоде,
Созам ба замонаи дигар фарёде.

Аз кӯдакиям хотираи хуш дорам
В-он хотираро ба кунҷи дил бигзорам.
Сармояи умри ман ҳамин хотира аст,
Дигар коло набинӣ дар бозорам.

Бо пои худу ба дасти худ бояд буд,
Пайвандгари шикасти худ бояд буд.
Дар пасту баланди худ агар танҳоӣ,
Зинҳор баланду пасти худ бояд буд.

Аз мулки ҳаво ҳама маҳол аст маро
В-ин мулки ҳавас ба имтисол аст маро.
Ин як нафасе, ки омаду берун шуд,
Бигзаштавуояндаву ҳол аст.

Чун соати регие ду ним аст дилам,
Афсурда шуда чу рег аз ғуссаву ғам.
Як нима ба нимае зи ғам мерезад
В-он гаҳ тагу рӯ гашта ба ҳам мерезад.

Чашмам ҳама шаб, чу соати бедорист,
Бар омаду рафти соати деворист.
Оянду раванд ақрабакҳо ҳар бор,
Монандаи ақрабои ман – хешу табор.

Гардун, ки бувад чу гирдбоде гардон,
Моро бубарад ба гирд боде гардон.
Умри ману ту чист ба дасти ин бод?
Гардон ба ҳавои гирдбоде гард он.

Бисёр ба шаҳри мо ту афсурда шудӣ,
Дар гиру мадори шаҳр озурда шудӣ.
Якчанд ба Аскалон рав, осуда бибош,
Осуда зи ҳар будаву нобуда бибош.

Дорам ҳаваси ҳавои кӯҳу дараҳо,
Дорам ҳаваси шаршараҳо, манзараҳо...
Ин шаҳр намекунад маро лек раҳо,
Аз панҷаи худ намекунад ҳеҷ ҷудо.

Тифлӣ, ки басе хуш омаду шод гузашт,
Бо бодпаракпаронию бод гузашт.
Чун бодпарак зи дасти ман гашт раҳо
Айёми хуше, ки кӯдакӣ буд маро.

Бисёр ба раҳ рафтаму роҳе боқист,
Бо ҳасрати нокарда гуноҳе боқист.
Сад ноз кашидаам, дигар ноз намонд,
Бо он ҳама оҳҳо ҳам оҳе боқист.

Ин шаҳр бас асрори ниҳонӣ дорад,
Ҳар кӯча ба худ ному нишонӣ дорад.
Бисёр ба пушти сари худ менигарам –
Он кӯча, ки ӯ ном ҷавонӣ дорад.

Шаб шиквакунон аз сари ман мегузарад,
Рӯз оҳзанон аз бари ман мегузарад.
Як рӯз чунон бигзарам аз ин шабу рӯз,
Не рӯзу на шаб монаду не тобу на сӯз.

Шаб ояду пеш оварад қиссаи хеш,
Рӯз ояду ҳам қиссаи хеш орад пеш.
Гаҳ ин каму он зиёду гоҳе каму беш,
Бечора манам дар ин миёна дилреш.

Монандаи осиё дилам гардон аст,
Гардон бувад ар обу ҳаме гар дон аст.
Дорам ба сару рӯй басо гард аз он,
Оне, ки сарам сапед аз гард, он аст.

Ин ақрабаки соати болои сарам
Монандаи миқроз бувад дар назарам.
Ҳар бор бурад соате аз умри маро,
Ман лек чӣ бефарқ ба он менигарам.

Гаҳ ҷуста зи ҷевон ҳама осори падар,
Гаҳ аз лаби халқ ҷуста гуфтори падар,
Гуфтам, ки ба ёд монам аз дафтари ӯ,
Дидам худро чу ёдгори сари ӯ.

Монанди қатораи вагон мегузарам,
Дудам ба ҳавову ба фиғон мегузарам.
То охири умр истгоҳе набувад,
Рӯи раҳи оҳанин давон мегузарам.

Гардунаи тиллоии хуршеди саҳар
Гарданда ба дашти осмон кард гузар.
Моро зи саҳар ба манзили шом расонд.
Шаб хайма занем то дами субҳи дигар.

Девор хуш аст, гар бувад хишти китоб,
Кай хоб барад маро ба болишти китоб.
Ҳар кас, ки биҳиштаст, биҳиштӣ набувад,
Ёрон, чи қадар сахт бувад ҳишти китоб.

Бо номи китоб номи ҳақ гардонам,
Ҳар рӯзу шаби умр сабақ гардонам.
Онро чу дари хазинае бикшоям,
Ангушт бибӯсаму варақ гардонам.

Аз хишти китоб гар иморат дорӣ,
Дар байти китоб гар таҳорат дорӣ,
Аз ҳарфи китоб гар ишорат дорӣ,
Аз юмни китоб бас башорат дорӣ.

Бар чеҳра бикун китобро оина,
Дар сина намо китобро ганҷина.
Оинаи ту намояд асрори ҷаҳон,
Ганҷинаи ту кушояд осори ҷаҳон.

Эй ҷони бародар, омадӣ аз раҳи дур,
Ду чашми сарам гирифт аз рӯи ту нур.
Бо омаданат шод шавад рӯҳи падар,
Модар бикунад дуои давлат зи дигар.

Дар шӯру шарар чу бемисол аст дилам,
Дар пушти ҳавасҳои муҳол аст дилам,
Дар сурати дил менигарам, мебинам:
Мисли ду аломати савол аст дилам.

Гаҳ рӯ ба раҳи дур ниҳодӣ, эй дил,
Гаҳ авҷ гирифта, гаҳ фитодӣ, эй дил.
Гоҳе ки набинамат ба ҷое, лекин
Ҳар ҷо ҳастӣ, маро ба ёдӣ, эй дил.

Дар боғи шумо анор шондем, гирифт,
Ҳам себи Самарқанд нишондем, гирифт.
Шафтолу ба гирди боғатон коридем,
Тухми гули арғувон фишондем, гирифт.

Дар тоқи дилам чароғ афрӯзон аст,
Ин равшании хонаи дил аз он аст.
Дар сурати дил менигарам, мебинам:
Монанди чароғи пилтагӣ сӯзон аст.

Дар боғи дилам намонд ҷуз барги дилам,
Карданд якояк ҳамагӣ тарки дилам,
Гар марги танам расад, аҷаб нест, вале
Ёрон, нарасад кош ҳаме марги дилам.

Аз Кӯҳи сиёҳ мерамад абри сафед,
Чун мори сафед мешавад абри сафед.
Чун бабри сафед меҷаҳад абри сафед,
Монанди ғизол медавад абри сафед.

Чашмам ба саҳаргаҳ интизори шафақ аст,
Дарвозаи рӯз дар канори шафақ аст.
Андар сари девори баланди ин кӯҳ
Бинвишта хати сурхи шиори шафақ аст.

Абре расид аз уфуқ чунон деви сафед,
Абри дигаре чу аждаҳо гашт падид,
Раъде ба миён дамиду барқе биҷаҳид,
Борон ба мисоли хуни испед чакид.

Ин дил, ки ба ранги осиё гардон аст,
Афшонида чанги осиё, гардон аст.
Бишкаста ду нима гарчи аз байн, вале
Чун нимаи санги осиё гардон аст.

Кардаст маро ба худ гирифтор фишор,
Аз чор тараф расад ба ночор фишор.
Танҳо на ҳамин фишори хун ҳаст, ки ҳаст
Дар хонаву дар кӯчаву бозор фишор.

Дар мотами ту барои ман гиря кунанд,
Бо вои ману ба ҳои ман гиря кунанд.
Диданд, ки ашки ман зи гиря шуда хушк,
Ин лаҳза ҳама ба ҷои ман гиря кунанд.

Эй хешу табор, узру бахшиш зи шумо,
Як не, ки ҳазор узру бахшиш зи шумо.
Аз ёди шумо ман набудам бепарво,
Дар ёди шумо будаам, аз баҳри Худо.

Тозон аспе гузашт аз дашти уфуқ,
Аз дида ниҳон гашт ба хамгашти уфуқ,
Шуд ранги ғуруб ранги ёлу думи ӯ,
Шуд нури ситораҳо шарори суми ӯ.

Тозон-тозон гузашт аспе хушёл,
Бар гарди сумаш расиданам ҳаст муҳол.
Акнун ки ба роҳи Каҳкашон мегузарад,
Чашмам нигарон, ҳушам кашон мегузарад.

Оне, ки чунин хуни ҷигар кард маро,
Дар мотами худ хок ба сар кард маро.
Бо гиряи талху ашки шӯрам бикашид,
Аз лаззати гиря баҳравар кард маро.

Бар ғуссаву ғам чунин кашидӣ ту маро,
Пайванд ба пайванд буридӣ ту маро,
Гум карда худамрову зи ҳар ки пурсам,
Эй дӯст, ягон ҷой надидӣ ту маро?

Дар пушти уфуқ ситорае канду фитод,
Аз кандани он само нашуд тангу кушод.
Бечора дили ман аст аз рафтани ту
Холӣ-холӣ, вале пуропур аз ёд.

Будӣ ту ба Магниту кашидам оҳе,
Бар дидани ту шудам ба Маскав роҳӣ.
Акнун зи кӣ пурсам, ки куҷоӣ ту, куҷо?
Оинаи рӯи ту кунам дасти дуо.

Беҳрӯзи азиз ранҷи бисёр кашид,
Ғам хӯрду алам бидиду озор кашид.
Ғамхор надиду ғамгусораш нарасид,
Афтод ба хоку дар ҷигар хор кашид.

Ман дар ғами Беҳрӯз шудам обу адо,
Аз ғуссаи ҷонсӯз шуда обу адо.
Гуфтӣ ба шабу рӯз ғамаш мегузарад,
Ман ҳар шабу ҳар рӯз шудам обу адо.

Имрӯз, ки хешу ақрабо омадаанд,
Бас ёру рафиқу ошно омадаанд.
Хӯрданд ғамам, ғами дилам гашт сабук,
Бурданд ғамам, ғами дилам гашт тунук.

Беҳрӯз, ки бе туам дигар омад рӯз,
Бо ёди туам дигар ба сар омад рӯз.
Бе ту ба назар доғи сияҳ гашт шабам,
Бе ту дигарам доғи ҷигар омад рӯз.

Имшаб ба назар басо ҳавоест сиёҳ,
Моҳе сияҳуситораҳоест сиёҳ.
Афшурда гулӯву шонаи шаҳр, магар
Ин хатти уфуқ чу аждаҳоест сиёҳ.

Танҳояму ошуфтаву зору хаста,
Дар пушти дари панҷараи дарбаста.
Як рӯзи худо панҷараро бишкаста
Парвоз кунам ман аз қафас вораста.

Дар зиндагиям ҳар он чи бигзашт зи сар,
Гоҳе дорам, гаҳе надорам бовар.
Гуфтам, ки чӣ буд зиндагӣ? Гуфт ҳаким:
Чун хоби фаромушшудае дар бистар.

Бар рафтани ту ҳеҷ надорам бовар,
Чашмам ба умеде, ки дарой аз дар.
Дидам гули хушки зард дар дафтари ту,
Гуфтам, ки ту рафтаӣ миёни дафтар.

Хуршед намекунад дигар гарм маро,
Ин бод намерасад дигар нарм маро.
Ман мурғи фирориям, ҷанубам бубаред,
Бар мулки ҷануби гарму хубам бубаред.

Рӯи ту намеравад зи пеши назарам,
Хар ҷо нигарам, ба ёди ту менигарам.
Будӣ ту умеди дили ман дар дунё,
Доғи ту намеравад зи банди ҷигарам.

Оина, ки мекард ба ман наззора,
Афтоду шикаст бар замин якбора.
Оинаи бишкаста ба сад чашми алам
Мекард назар ба сӯи ман ҳар пора.

Дар рӯи ҷаҳон рӯи ту буд дар назарам,
Чун моҳи нав абрӯи ту буд дар назарам.
Дар рӯи ҷаҳон дар назарам сӯй намонд,
Сад сӯй набуд, сӯи ту буд дар назарам.

Беҳрӯз, дареғ, ба ҷаҳон ком надид,
Саргашта ба Россия шуд, ором надид.
Гарчанд ба сар бурд ба олам сӣ сол,
Як лаҳзаи хуш зи субҳ то шом надид.

Саргашта ба Россия ҳама турнақатор,
Аз мулки шимоли қаҳратун карда фирор.
Он турнаи ман зи турнаҳо гашта ҷудо,
Он турнаи ман зи турнаҳо монда қафо.

Дар кӯҳи Ҳазорчашма борон борад,
Монанди ҳазор чашма борон борад.
Бар кӯҳи Ҳазорчашма чашмам нигарон,
Андӯҳи ҳазор чашма чашмам борон.

Рафтӣ ба Россия зи паси рӯзиву кор,
Бисёр дар ин мулки ғарибӣ шуда хор.
Баргашта ба хона ту заифу бемор,
Бисёр кашида ғаму ранҷу озор.

Борон ҳама шаб, ки шохнам meборад,
Дар пуштаи Лучоб ба ғам meборад.
Хоб аст азизи дили ман дар пушта,
Оне, ки умеди дили зорам кушта.

«Борон...»-и туро хондаву гирён шудаам,
Гирён ба мисоли абру борон шудаам.
Борони ту афзуда аламҳои маро,
Як зарра нашушт доғи ғамҳои маро.

Шабҳои дароз то саҳар нола кунам,
Бо оҳи дилу хуни ҷигар нола кунам.
Хомӯш шав, эй булбули шӯрида, ки ман
Беҳрӯзи азизро дигар нола кунам.

Модар, ки зи сар рафту падар рафт зи сар,
Гуфтанд, ки зиндагӣ ҳамин аст дигар.
Фарзанди азиз, ки дигар рафт аз даст,
Аз баҳри Худо, кист бигӯяд, ки чӣ аст?

Дар хотири ман ҳамон ҷавон мемонӣ,
Андар ғазалам байти равон мемонӣ.
Дар боғи дилам чу арғувон мемонӣ,
Беҳрӯз, ки гуфт бенишон мемонӣ?

Эй аспи саҳар, чи тоз-тозон рафтӣ,
Дар пуштаи Лучоб чи нозон рафтӣ.
Шуд ранги ғуруби зарҳалӣ ёлу думат,
Дар сурати моҳи нав бувад наъли сумат.

Деҳқон дода дигар ба амбораш ҷо
Гар ҳосили шохаҳои боғистонро,
Амбор валек кардаам дар ёдам
Ман ҳосили шомҳои тобистонро.

Гарм аст ҷабини чиллаи тобистон,
Нарм аст замини чиллаи тобистон.
Аз сина бурун омада дил чил шабу рӯз,
Шуд чилланишини чиллаи тобистон.

Эй боди хазон, басо вазон мегузарӣ,
Аз пуштаи ин боғи хазон мегузарӣ.
Чӣ дидӣ аз ин боғ, к-аз ин мегузарӣ?
Чӣ дидӣ аз он роғ, к-аз он мегузарӣ?

Ғундошта шуд зи шохаҳо бору бараш,
То соли дигар касе наёяд ба дараш,
Бод аст дигар, омада бар сӯҳбати боғ,
Ин боғ тиҳӣ, вале баланд аст сараш.

Бар бачаи худ ҳамедиҳад машқ паланг –
Оҳубараро чи гуна овард ба чанг.
Оҳубара аз модари худ омӯзад
Чӣ гуна рамидан зи сари санг ба санг.

Ҳар зарра ба дунё асари ишқ диҳад,
Ҳар қатра ба дарё хабари ишқ диҳад.
Имрӯз ба ишқ ҳар касе куфр кунад,
Сад тавба ба фардо ба дари ишқ диҳад.

Бояд ки чу хуршед барӣ умр ба сар,
Аз омади хеш шомро карда саҳар.
Бозомаданаш ба рӯи сурх аст агар,
Ҳам рафтани ӯ ба рӯи сурх аст, нигар.

Одам, ки бувад яке дам, ин дам гузарад,
Олам, ки бувад ҳама ғам, ин ғам гузарад.
Ин зер намонаду чу ин бам гузарад,
Ҳар чиз зи пай расад ҳам, ин ҳам гузарад.

Аз кӯчаи кӯдакӣ барад ёд маро,
З-он кӯча, ки карда буд дилшод маро.
З-он кӯча баромада, ба роҳ афтодам,
Дар ханда будам, ба банди оҳ афтодам.

Дар кунҷи дилам чу ҷой додам ҳамаро,
Кардам зи дилам бурун ҳамон дам ҳамаро.
То манфиати худ ҳамаро дар сар буд,
Андар зарари хеш бидидам ҳамаро.

Дар ёла саҳаргаҳе гули лола шукуфт,
Ёре, ки наомаду нигоре, ки нахуфт,
Ёре, ки наомаду нигоре, ки нахуфт,
Эй бод, бигӯ, чиҳо шуниду чӣ бигуфт?

Буғз аст дилам, ҳавои борон дорад,
Дар сар ҳаваси Чашмаи торон дорад.
Ин абри сияҳ, ки аз ҳаво мегузарад,
Селест, ки аз дидаи мо мегузарад.

Ёрони азизи ман муҳоҷир шудаанд,
Сар то сари Россия мусофир шудаанд.
Ноне, ки фиристанд, шавад захри танам,
Ин нон нашавад ош дигар дар баданам.

Дар пуштаи зарди Аскалон борон аст,
Чашмам ба раҳи омадани ёрон аст.
Ёрони азизи ман мусофир шудаанд,
Сар то сари Россия муҳоҷир шудаанд.

Дар пуштаи Аскалон шукуфта гули хор,
Нам-нам бopaд ба пушта борони баҳор.
Фасли гули хору фасли борон гузарад,
Аз деҳаи мо ҷамъу парешон гузарад.

Дар манзили мо нанг намонд, ор намонд,
Дар боғ гуле ба паҳлуи хор намонд.
Ҳайфи ҳама мардони банангу ораш,
Ҳайфи талу теппаи барангу бораш.

Эшони Малеҳ, ки буд табиби мардум,
Дар деҳаи мо буд ҳабиби мардум.
Дар деҳа, дареғ, номбардораш нест,
Дар дидаи мардумаш гулу хор якест.

Раҳмат ба равони поки Усто Ғаффор,
Устои батавфиқу закиву хушкор.
Гаҳвора яке рӯз ҳаме кард ба завқ,
Тобут ҳаме кард дигар гаҳ ночор.

Дар кӯчаи деҳ халида бар по хорам,
Ё гаҳ ину он агар ки дод озорам,
Ҳаргиз назанам теша ба пои хоре,
Ҳаргиз нарасад зи ман ба кас озоре.

Донам, ки ба қасди ман ту кине дорӣ,
Дар кӯзаи дил яқин ту ҷине дорӣ,
Ҷуръат накунӣ ба кор орӣ кинат,
Аз кӯзаи дил ҳаме барорӣ ҷинат.

Борон бора, шабон ки борон борад,
Ёрест, ки ашки ғами ёрон борад.
Бар чашми тиреза чи расидаст, ки ашк
То субҳ чу чашми сӯгворон борад.

Гоҳе ки даҳон чу саҳна мегардад боз,
Гардад чу ҳунарманд забон дар таку тоз,
Ҳар лаҳза чу парда лаб ба лаб ояд боз,
Гӯям: бинигар ба бозии лӯъбатбоз.

Ман тарки ҷаҳон гарки кунам, мон ки кунам,
Ман айби замон гарки кунам, мон ки кунам.
Як туф ба гаронии дусад тонаи кафк
Бар риши фалон гар ки кунам, мон ки кунам.

Вайрона бувад ҷаҳону ганҷаш моем,
В-аз хоки баланд дастранҷаш моем.
Бар шаш ҷиҳаташ зи чор сӯ чун нигарӣ,
Як, дуву севу чаҳору панҷаш моем.

Шуд зинда ҷаҳони хуфта аз бӯи баҳор,
Бишкуфта гули мурод дар кӯи баҳор.
Зинҳор махон булҳавасам, з-он ки шудам
Сад ошиқи дилбастаи як рӯи баҳор.

Як дафтари шеъри ман баногаҳ гум шуд,
Ниме зи ҷаҳон ба дида оваҳ, гум шуд.
Рафтиву зи сӯзи ту чу шеъре гуфтам,
Монанди ту он шеър дар ин раҳ гум шуд.

Модар, ту бақои зиндагонии манӣ,
Хуршеди ҳаёти ҷовидонии манӣ.
Бе ту набувад маро нишону номе,
Дар олами бебақо нишонии манӣ.

То чанд хӯрӣ ғусса зи умри каму беш,
Ин оби равон мегузарад аз пасу пеш.
Асли ту накӯ омада, з-ин рӯ некӣ
Мекун ба калону хурду бегонаву хеш.

Тобанда чу қалби модаронӣ хуршед,
Гӯё ки ту модари ҷаҳонӣ, хуршед.
Бар дафтари саҳрову чаман нури ту буд
Чун хомаи сеҳрноки Монӣ, хуршед.

Аз қиссаву достони худ ёд кунем,
Аз кишвари бостони худ ёд кунем.
Ҳар гаҳ сухан аз меҳри ватан мегӯем,
Аз Рустами Достони худ ёд кунем.

Бо рӯи сапед аз сияҳ мегузарем,
Холӣ зи гуноҳу пургунаҳ мегузарем.
Фардо ҳама меравем боло бешак,
Ҳоло ки чунин аз раҳи таҳ мегузарем.

Беҳуда чаро синаи худ хун дорем,
Лаҳза-лаҳза ҳоли дигаргун дорем.
Дар шоми сафар хайма барафрохтаем,
Чун субҳ расид, хаймаро ғундорем.

Эй моҳи само, ки меравӣ нози ба ноз,
Бо тобу табу сарду ба қаҳру ба ароз.
Ҳам аз паси худ маро барӣ шебу фароз,
Осуда намониям, ки биншинам боз.

Эй маҳ, нагузориям ту осуда зи тоб,
Аз тобиши ту маро парешон шуда хоб.
Ҳар лаҳза туро шитобу майлест дигар,
Боре ту ба коми дили нотоб битоб.

Озурда шудам ман зи камину зи камон,
Афсурда шудам ман зи замину зи замон.
Ман гуфта чунинат, ту чунонам гуфтӣ,
Ҳам чора нашуд худ на чунину на чунон.

Хуршеди ман акнун маҳи шабҳои кӣ шуд?
Дунё ба умед буду дунёи кӣ шуд?
Гулзори дилам чаман-чаман гул дорад,
Гулпарвари ман шоиқи гулҳои кӣ шуд?

Лаъли лаби ту лаби киро мешояд?
Мори зулфат ганҷи киро мепояд?
Чашми ту кунун оинаи рӯи кӣ шуд?
Ангушти ту гардани киро месояд?

Гулғунча гули баҳори Наврӯзи Шумо,
Чун равшании шамъи шабафрӯзи Шумо.
Толеъ шуда кабки дастомӯзи Шумо,
Хуш бод маҳу солу шабу рӯзи Шумо!

Гулғунча гулу булбули боғаш Беҳрӯз,
Парвонаи рӯи чун чароғаш Беҳрӯз.
Донист, ки ёри бовафояш бошад,
Омад зи раҳи дур суроғаш Беҳрӯз[1].

Дар боғи Ватан ниҳоли пурбор шавед,
Бар модару бар падар мададгор шавед.
Фарҳоди замон шаведу Эҳсони ҷаҳон[2],
Бар халқу диёри худ сазовор шавед.

1. Дар ҷашни хонадоршавии Беҳрӯз гуфта шуда буд.
2. Ин рубоӣ барои даъватнома ба тӯйи суннатии Фарҳодҷон ва Эҳсонҷон гуфта шудааст.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Айвони забони тоҷикӣ тиллоист,
Девони забони тоҷикӣ тиллоист.
Бо тири сухан рӯи ҷаҳонро бигирифт,
Пайкону камони тоҷикӣ тиллоист.

Сад шукр, равони орёӣ дорам,
Сад шукр, забони бериёӣ дорам.
Мероси ниё бувад ҳар он чи ки марост,
Сад шукр, нишонаи ниёӣ дорам.

Эй дӯст, забони модарӣ ширин аст,
Чун шеваву лафзи дилбарӣ ширин аст.
Бурдам ба забон басе забону дидам
Тоҷикиву форсӣ, дарӣ ширин аст.

Ман фахри забони модарӣ хоҳам кард,
Бо форсӣ, тоҷикӣ сарӣ хоҳам кард.
Дар ҳашр агар ба сад забонам пурсанд,
Бо он ҳама посух ба дарӣ хоҳам кард.

Будаст забон нигоҳбони сари мо,
Бо шир ба хун расида аз модари мо.
Он чи ки ба шир омада, гар рафт ба хун,
Кай лек забон равад ҳам аз хун берун.

Ту мӯҷиби умри ҷовидонии манӣ,
Аз олами бенишон нишонии манӣ.
Ёрон ҳама се навъ агарчи бошанд,
Эй ёри забон, ту ёри ҷонии манӣ.

Ҷоно, ту ба тоҷикӣ сухан меронӣ,
Ҳам форсиву дарӣ чи хуш медонӣ.
Тоҷикиву форсӣ, дариро, эй дӯст,
Ҳақ ҷониби туст, гар яке мехонӣ.

Шамшеру каманду сипару тиру камон
Будаст забон барои тоҷик ба ҷаҳон.
Чун Рустами Достони ҳар давру замон
Будаст раҳоибахши тоҷик забон.

Беҳтар зи забони тоҷикӣ нест забон,
Хуштар зи баёни тоҷикӣ нест баён.
Шевову фиребову мусаффо чун ӯ
Ҳаргиз набувад забони дигар ба ҷаҳон.

Моем ниҳода сар гаравгони сухан,
Ҷон додаву дил баста ба паймони сухан.
Аз пушти ғизоли маънии Дашти хаёл
Моем ба даст тиру пайкони сухан.

Тоҷикиву форсӣ, дарӣ гар яке аст,
Сарманшаи бисёр забон тоҷикияст.
З-он ҷумла фаронсавиву ҳиндӣ, русӣ,
Юнониву олмониву ингилисӣ.

Девору дари ҷаҳони тоҷик кӯҳ аст,
Оре, рӯҳу равони тоҷик кӯҳ аст.
Будаст раҳоибахши ҷони тоҷик,
То пайкараи забони тоҷик кӯҳ аст.

Дар олами қудс бо дарияст баён,
Ҳаст аҳли биҳишт ҳама тоҷикзабон.
Дар дафтари ҳазрати Худованд яқин
Дафтардорӣ ба форсияст, бидон.

Мо булбули хушлаҳн ба боғу чаманем,
Афсӯс, ба доварии зоғу зағанем.
Зоғон ба чаман зи баски қар-қар карданд,
Гӯши гулу булбул ҳамагӣ кар карданд.

Андар нигаҳи ту роз мебинам ман,
Дар чашми ту бас ниёз мебинам ман.
Афсӯс ҳамехӯрӣ, забон гум кардӣ,
Худ зинда, валек дилу ҷон гум кардӣ.

Эй сарт[1], ту зиндаиву ҷонат гум шуд,
Бе ному нишон шудӣ, забонат гум шуд.
Бигзаштаи бас шукӯҳманде будат,
Афсӯс, дигар ҳама замонат гум шуд.

Бовар накунам, ки нангу номус турост,
Худ тоҷику бегонагӣ, афсӯс, турост.
То чеҳраву лафзу миллатат тоҷик аст,
Гардид аён, ки хуни ҷосус турост.

Девору дари хонаи тоҷик санг аст,
Паҳнову дарозии диёраш танг аст.
Бо камшуморӣ варо басо фарҳанг аст,
Номусу забону ному ору нанг аст.

Бар шеваву лаҳҷаи забон санг мазан,
Бар ганҷи қадими шойгон санг мазан.
Сарчашмаи дарёи забон дар ин ҷост,
Бо бели забонат дами он танг мазан.

Дарёст забон, мисоли дарёст забон,
Омехта бас чашмаву бас рӯд дар он.
Ҳар қадр зиёда чашмаи шеваи ӯст,
Он қадр башасту пурхурӯш аст равон.

Ин кишвари мардумони бофарҳанг аст,
Ин кишвари мардони баному нанг аст.
Аз қуллаи кӯҳи сарбаланди тоҷик
То шонаи офтоб як фарсанг аст.

1. Сарт – қавми орёие, ки асосан дар водии Фарғона сукунат дошта, дар охири асри 19 ва аввали асри 20 забони тоҷикиро гум карда, дигар забонро қабул кард.

Сад ҳайф ба олими забондони диёр,
Як зарра аз ин ганҷ надида зинҳор.
Ҳаргиз ки накарда фаҳми кашфи асрор,
Умраш шуда сарфи вергулу нуқтақатор.

Тоҷик агар гаҳе мусофир мешуд,
Ё ки зи диёри худ муҳоҷир мешуд,
Дар пушт агар кӯзаи обе будаш,
Дар мушт дигар ҷузви китобе будаш.

Тоҷик, чӣ дорӣ зи ҳама мулки ҷаҳон?
Бас чашма хурӯшону басе рӯд равон.
Дар синаи кӯҳсори худ ганҷ ниҳон,
Саввуму даҳум, садум забон, боз забон!

Эй хуш, ки забони модарӣ ёфт мақом,
Ҳошо, ки забони мо – дарӣ ёфт маром.
Милён-милён порсигӯ дар посаш,
Қонуни забони тоҷикӣ – сарпосаш.[1]

Ёрам, ки ба чеҳраи парӣ омадааст,
Ширинсухани лафзи дарӣ омадааст.
Гуфтам ба забони тоҷикӣ – ҷонона,
Бешубҳа, туӣ ба форсӣ фарзона.

Ҳар вожа, ки тоҷик оварад вирди забон,
Аз синаи кӯҳ расида чун ганҷи ниҳон.
Бар қуллаи кӯҳ расида, гардида баланд,
Бар рӯди равон расида, гардида равон.

Дар хонаи дил Анҷумани Пайванд[2] аст,
Пайванди муҳаббат сухани Пайванд аст.
Тоҷикиву форсӣ, дарӣ ҳар ҷоест,
Он ҷой, азизон, ватани Пайванд аст.

1. Сарпос – сардори посбонҳо.
2. Ишора ба Анҷумани форсизабонони дунё Анҷумани «Пайванд».

Дар шаҳри шумо ҷӯшу хурӯше дидем,
Кингираву кингирафурӯше дидем.
Бо он ҳама сармояфурӯшони забон
Мо марди сухандони хамӯше дидем.

Дар шаҳри шумо нест касе марди сухан,
Дардо, ки касеро набувад дарди сухан.
Имрӯз касе ба хуни дил нанвисад,
Бахшад сурхӣ то ба рухи зарди сухан.

Бастем камар гарчи ба эҷоди сухан,
Як дам нарасидем ба фарёди сухан.
Бо ин ҳама ҳангомаву ин шӯру шааф
Ку марди сухан, то ки диҳад доди сухан?!

Ин рӯд чу шеъри сараи Рӯдакӣ аст,
Ин дашту даман манзараи Рӯдакӣ аст.
Ин қуллаи сарбаланди дасторсафед
Дар пеши назар пайкараи Рӯдакӣ аст.

Таърихи ватан забони миллат бошад,
Мероси ниё ҷаҳони миллат бошад.
Тафриқаи ину он агар мушкил шуд,
Бешубҳа, забон нишони миллат бошад.

Ҳаққо, ки муҳаббати ватан имон аст,
Ин нукта ҳаме навишта дар Қуръон аст.
Бо он ки забон бувад нишони миллат,
Бо мартабаи ватан ҳаме яксон аст.

Ё раб, ба забони мо равонӣ мебахш,
Овозаву шӯҳрати ҷаҳонӣ мебахш.
Онро ту ҳаёти ҷовидонӣ мебахш,
Гар пир шавад, зи нав ҷавонӣ мебахш.

Эй кош, ки шаш-ҳафт забон донистам,
Монанди забони худ равон донистам:
Ҳиндӣ, арабӣ, ингилисӣ, испонӣ,
Русӣ, туркӣ, фаронсавӣ, юнонӣ...

Садҳо – садҳо забон, ки дар олам буд,
Рӯида чу шоха шохае аз ҳам буд.
Лекин ба забони орёии дарӣ
Алфозу забони ҳазрати Одам буд.

Аз дарси забон ҷуз ин наёмӯхтаам,
Он беҳ, зи сухан агар лабам дӯхтаам.
Ҳар ҳарф зи шӯълаи забонам берун
Ҳар гаҳ ки шавад, нахуст худ сӯхтаам.

## МУТОИБОТ

Эй ёри забоншинос, пешам биншин,
Бикшой лабу бигӯ ту ҳарфе рангин.
Гуфтам, ки забони кӣ бибояд омӯхт?
Гуфто: чу забони ман наёбӣ ширин.

Эй ёри забоншинос, кун огоҳам,
Дарсе, ки ман аз нӯги забон мехоҳам,
Дар дарс забондароз будам, лекин
Аз чист дар имтиҳон забонкӯтоҳам?!

Устоди забон ҳудуду ҳадро донад,
Дар шасти замона неку бадро донад.
Гар ӯ ба дили навад ҳамеёбад роҳ,
Гаштаст яқин, забони садро донад.

Эй ёри забоншинос, феълат ганда,
Кардӣ ту ба се замонаам шарманда.
Гуфтам, ки ғанимат аст, ҳозир ту биё,
Гӯӣ ту гаҳе гузашта, гаҳ оянда.

Гуфтам, алифат манам, ту долам кардӣ,
Гуфтам, ки муайянам, ту ҳолам кардӣ.
Гуфтам, ки аломати хитобат бошам,
Лекин ту аломати саволам кардӣ.

Ман мисли алиф будам, ту нунам кардӣ,
Дар панҷаи нохунак ту хунам кардӣ.
Дар ҷумлаи пайравон сари ҷумла будам,
Аз ҷумлаи пайравӣ бурунам кардӣ.

Ман исми туро шунидаву шайдоям,
Ҳар ҷо, ки равам, сифат туро бинмоям.
Гаҳ зарфи макон гуфтаву гаҳ ҳоли замон,
Охир бинигар, шумораи танҳоям.

Дар ҷумлаи мо пайравӣ оғоз шуда,
Як вергулаке ҷудоиандоз шуда.
Пайвандаки мо шавад яке бӯсаи тар,
Ояд хабаре – нидои мо боз шуда.

Ту дарси забон диҳӣ, ба лаб корат чӣ?
Дарсат саҳарӣ бувад, ба шаб корат чӣ?
Гуфтӣ, ки дилат мезанаду таб дорӣ,
Бар дил задани ману ба таб корат чӣ?

Дар ишқи ту гаҳ сарф шудам, гоҳе наҳв,
Дар лавҳи ту гаҳ лағв шудам, гоҳе лаҳв,
Азбаски набуд миёни мо пайвандак,
Ин ҷумла ҳама хат задаву карда ту маҳв.

Гуфтам, ки лабат! Забони худ дод нишон,
Гуфтам чӣ кунам? Гуфт: Наояд ба забон.
Гуфтам, ки чӣ гуна фаҳм бояд? Гуфто:
Қавсайну хитобу вергулу нуқта – баён.

Дар кӯча чӣ гап шуд, ҳама миш-миш дорад?
Дар ҷанги ду саг ҷумлае киш-киш дорад.
Як бар-бари кӯча ҳама дорад фиқ-фиқ,
Як бар-бари дигар ҳама фиш-фиш дорад.

Оем ба масҷид, ки савобе бошад,
Пандеву насиҳату китобе бошад.
Беҳуда равад савобу панди масҷид
Онро, ки хаёли нону обе бошад.

Дидем яке ҳоҷии бозаргонро,
Густурда басе тиҷорати имонро.
Гар хонаи охират талаб карда касон,
Ӯ карда баланд аз ҳама айвонро.

Эй ҳоҷии тоҷир, ту Худоро мафиреб,
Тоҷир, ки шудӣ, ба нарх моро мафиреб.
Чизе талабӣ ба ҳаҷ, ҳамонат бидиҳад,
Ту дар талаби долларӣ, онат бидиҳад.

Мастона бар афшондани дасташ бинед
В-он рафтани роҳ маст-масташ бинед.
Пастиву баландии замонро дидед,
Даъвои баланду шеъри пасташ бинед.

Ангор, ки девонаи шишашиканам,
Ман шишаи тиреза ба ҳар ҷо шиканам.
Пиндор, ки резини фалахмон хоҳам,
Дар банди камарбанди ту гар чанг занам[1].

1. Мазмун аз як латифаи гурҷист: девонае шишаи тирезаҳоро ҳамеша мешикаст. Вайро ба шифохона мебаранд. Баъди чанде вай аз духтур талаб мекунад, ки ӯро ҷавоб диҳанд. Дар пурсиши он ки аз шифохона баромада чи кор мекунад, посух медиҳад, ки зан мегирад. Занро чи мекунӣ – мепурсад духтур. – Вайро ба ҷогаҳ меорам. – Хуб, мебинам, ки ту тамоман шифо ёфтаӣ, баъд чӣ мекунӣ? – мепурсад духтур. – Резини камарбандашро кашида фалахмон соз мекунаму боз тирезашиканӣ, – мегӯяд девона.

Пулро бинад шабона ҳам дидаи кӯр,
Гӯсола шавад ба пул, нигар, буққаи зӯр.
Пул бошад агар, роҳ кушода ҳама ҷо,
Бепул натавон мурда дарояд дар гӯр.

Олам ҳама дилбастаи кампутер аст,
Дасти ҳама дар дастаи кампутер аст.
Ҳамсӯҳбату маъшуқаву ёру зану шӯст,
Ҳамён ҳама вобастаи кампутер аст.

Маъзур, каме агар ки беодобем,
Хушкем ва ё ки андаке беобем.
Рафтанд ба тайёраи одоб ҳама,
Маъзур, агар ҳанӯз мо дар хобем.

Донӣ, надиҳӣ бӯса, чиҳо хоҳам кард!
Дар шаҳри шумо чӣ моҷаро хоҳам кард!
…Монандаи шаҳре, ки раҳо кардам дӯш –
Ин шаҳр ҳам оҳиста раҳо хоҳам кард[1].

Шим уту шуда, галстукаш чун думи мор,
Бо гӯшаи лаб пуф бикунад дуди сигор.
Чун ҳайкали холии ғурур асту виқор,
Ин аст намунаи зиёии диёр.

Ҳаргиз набувад риш камоли одоб,
Ҳаргиз набувад мӯй ҷамоли одоб.
Гар мӯи сари дарозу ҳам риши дароз
Одоб бувад, вой ба ҳоли одоб.

«Буданд равон ду бочка[2]…» медонӣ,
Ман дарк кунам, ки ту кадом аз онӣ.
Хосияти ашё ҳама зоҳир гардад,
Ҳам ботини ту зоҳиру ҳозир гардад.

---

1. Мазмун аз як латифаи Убайди Зоконист.
2. Ишора ба «Ду бочка» ном масали И. Крылов.

Суръат саду бист – мешитобад «Volvo»,
Ангуштари тилло, ҳама дандон тилло,
Тилфони мобил ба гӯш – алло, алло,
Бероҳа бишав, ба масҷид омад мулло.

Ин оши наҳор бо ризои кӣ буда,
Ин сарфи дубор аз барои чӣ буда?
Ҳаргиз набуда таомули халқи диёр,
Бегона ба мардум аст ин оши наҳор.

## НИЁИШ

Ин номаи орёст[1], номӣ дораш,
Пайваста нишони некномӣ дораш.
Он кас, ки намуда бас гиромидораш,
Эй бори Худо, ту ҳам гиромӣ дораш.

Соли ду ҳазору шаш бимонад дар ёд,
Бар мардуми мулки орёиаҷдод.
Марде ба дифои орёҳо хезад,
Арвоҳи тамоми орё гардад шод.

Марде зи табори орёҳо бархост,
Соле ба бузургдори онон орост.
Эҷоди гузаштагон зи нав зинда намуд,
Арҷе зи ҷаҳониён бар эшон дархост.

Мардум ҳама дар ниҳод аз ӯ шод шавад,
Рӯҳи ҳама аҷдод аз ӯ шод шавад.
Таҳмурасу Ҷамшед аз ӯ шод шавад,
Кай Хусраву Кай Қубод аз ӯ шод шавад.

1. Ишора ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълони Соли тамаддуни орёӣ.

Имсол, ки соли орёӣ бошад,
Фархунда зи фоли орёӣ бошад.
Бас рушду камоли орёӣ орад,
Посух ба саволи орёӣ бошад.

Ин чашма забони орёӣ дорад,
Ин кӯҳ нишони орёӣ дорад.
Ин рӯд равони орёӣ дорад,
Ин бод баёни орёӣ дорад.

Имсол баҳори орёӣ ояд
В-он турфа нигори орёӣ ояд.
Аз Чину Араб, аз ҳабашу турку муғул
Бас ҳадя нисори орёӣ ояд.

Гуфтори накӯ зи орёҳост баён[1],
Пиндори накӯ зи орёҳост гумон.
Рафтори накӯ зи орёҳост нишон,
Осори накӯ зи орёҳост, бидон.

Сарманзили дунёи тамаддун аз мост,
Бунёди басе давлату қонун аз мост,
Бар ҷумла ҷаҳониён таовун аз мост,
Ҷамшеду Сиёмаку Фаридун аз мост.

Гулҳои биҳишт орёибӯянд,
Ҳурони биҳишт орёирӯянд.
Дар дафтари Эзад ба дарӣ бинвисанд,
Дар боғи биҳишт порсӣ мегӯянд.

Сарҳарфи муноҷоту ниёиш, тоҷик,
Шоистаи сад гуна ситоиш, тоҷик.
Гумгаштаи пайдошудаи гумшудаҳо,
Вобастаи сад банди раҳоиш, тоҷик.

1. Мазмун аз ҳикмати авестоист.

Тоҷик чу тухм кишт номи худро,
Дар санг ба хун навишт номи худро.
Гоҳе ки зи ҷон гузашт, дар сар бинавишт,
Монандаи сарнавишт номи худро.

Олам ба мадори орёӣ барҷост,
Одам ба шиори орёӣ барпост.
Ҳар ҷо, ки фитод тухми тоҷик, он ҷо
Сад қавму табори орёӣ бархост.

Некист нишони орёӣ ба ҷаҳон,
Некӣ ба баёну ба нишону ба гумон.
Эй, ки зи чунин нек бадат меояд,
Андар ҳақи нек бад сазовор мадон.

Ҳар қулла бувад чу ихтиёри падарон,
Саркаш ба фалак чу ифтихори падарон.
Беҳтар ба диёри орёӣ набувад
Чун қуллаи кӯҳ ёдгори падарон.

Кай Хусрави беназир, падруд ба ту
В-эй Рустами ҳамчу шер, падруд ба ту.
Гударзи яли далер, падруд ба ту,
Эй марди замон, Зарир, падруд ба ту.

Дар хиттаи таърих сафарҳо кардӣ,
Монандаи Синдбоди дарёгардӣ.
Гоҳе ба мағок, гаҳ ба афлок шудӣ,
Гоҳе ки чу кӯҳ буда, гоҳе гарде.

Худро ба ҷаҳон бохтанат сахт бувад,
Бо бохтанат сохтанат сахт бувад.
Саҳл аст агар ними ҷаҳон бишносӣ,
Худро набишинохтанат сахт бувад.

Ман бист ҳазор сол дерина будам,
Бо олами қудсиён ба як зина будам.
Ман шоиру ошиқи нахустин ба ҷаҳон,
Дар ҷумлаи Пешдоди пешина будам.

Ин ҷо гузаронду рафт шоми худро,
Ҷуст аз раҳи дигаре давоми худро.
Андар тани ин дарахт аз баъди фароғ
Ҳар раҳгузаре навишт номи худро.

Моро ту нигоҳ дор, эй эзади пок,
Холӣ зи гуноҳ дор, эй эзади пок.
Морову ҷамеи дӯстони моро
Аз бад ту паноҳ дор, эй эзади пок.

Пайваста зи «Шоҳнома» мебояд хонд,
Ин нома ба тоҷи сар бубояд бинишонд.
Зери сари тифлакони дар гаҳвора
«Шаҳнома» чу фоли нек мебояд монд.

Хуршед ба субҳдам саломи ману туст,
Аз кишвари Орё паёми ману туст.
«Шаҳнома» нашуд дархӯри Султон Маҳмуд,
Ин номаи ҷовидон ба номи ману туст.

Сар то сари «Шоҳнома» гоҳи ману туст,
Аз сӯги азизон ҳама оҳи ману туст.
Он рафта зи дастҳо зи дасти ману ту
В-он хуни Сиёвашон гуноҳи ману туст.

Ҳар лаҳза дуруд хон ту бар Фирдавсӣ,
Арҷе бигузору шон ту бар Фирдавсӣ,
Ин нома навиштаам ба номаш имрӯз,
Ин номаи ман расон ту бар Фирдавсӣ.

Аз чашм чу ояд об, бар хок афтад,
Ҳар соя зи офтоб бар хок афтад.
Аз хуни Сиёвашон, ки бар хок чакид,
Айвони Фаросиёб бар хок афтад.

Гулгункафан, эй шаҳиди водии Сапед,
Бар коми аҷал, туро, Зариро[1], кӣ кашид?
Чун ту яли гурд ҳеҷ гӯше нашунид,
Мисли ту фалак дигар диловар кай дид?

Ҳар рӯзу шабон хаёли ӯям ба сар аст,
Худ он яли ҳафтсола, ки Баствар[2] аст.
Эрон, бинигар, ки бар дифои хокат
Ҳар кӯдаки ҳафтсола чун шери нар аст.

Худ синаи хешро пур аз ғам кардем,
Худ дидаи хешро пур аз нам кардем.
Эронию туронӣ баҳона карда,
Душман бифузуда, хешро кам кардем.

Табрик, Душанбе, ба камоли ҳаштод,
Эй рӯзирасону хонаи бахтобод[3],
Чун Балху Бухорову Самарқанду Ҳирот
Бо ту бишавад қисмати кишвар эҷод.

Дар ҷашн ба Кӯлоб зи мо бод салом,
Бар хурду бузургаш ҳамагӣ ном ба ном.
Ҷашни ду ҳазору ҳафтсадсолагиаш
Табрик ба ҷумла мардуми некмақом.

1. Зарир, бародари Гуштосп, ки дар Дашти Сапед, воқеъ дар самти шимолии Марв – Марғелони кунунӣ дар ҷанг бо хиёниён аз дасти Арҷосп кушта шуд.
2. Бастувар – писари ҳафтсолаи Зарир, ки баъди кушта шудани падараш ба майдони ҷанг даромада, қасоси падарашро гирифта буд.
3. Душанбе ва умуман номи рӯзҳои ҳафта – шанбе, якшанбе ва ғ. аз вожаи ориёҳиндии (ведоии) Шамбҳу – сифати эзади Шива тасмия шуда, ки маънояш «бахтовар», «рӯзибахш» ва «некӯ» будааст.

Бисёр баҳори лола тай шуд ин ҷо,
Ин номаи орё зи пай шуд ин ҷо.
Кай Хусраву Кай Қубоду Кай Гуштоспаш
Кай омадаву гузашта кай шуд ин ҷо?

Гар қиссаи «Шоҳнома»-ро мехонӣ,
Таърихи гузаштагони худ медонӣ.
Афсонаву устура варо гар шуморӣ,
Пайваста ба банди ҷаҳл дармемонӣ.

Бисёр зи дасти якдигар кушта шудем,
Чанде буда ҳам, ки сарбасар кушта шудем.
Аз воқиаи гузашта ин аст ба ёд:
Гаҳ зинда шуда, гаҳи дигар кушта шудем.

Афтодаам аз пой агар аз ғами ишқ,
Ин аст маро мартабаи олами ишқ.
Ин турфа нигар, ки андар ин дашти набард
Ҳар кас, ки фитод, ӯ бувад Рустами ишқ.

Бар оби равону чашмаи пок дуруд[1],
Бар сабзаву гул, ба сангу бар хок дуруд.
Бар кӯҳу ба дашту пуштаи сабзи баланд
Овардаам аз абри фараҳнок дуруд.

Он нома Авастост, ки номӣ буда,
Бар ҷадди ману ту бас гиромӣ буда.
Таъриху забону ҳикмату фалсафа аст,
Зеро ки мароми некномӣ буда.

1. Аз ниёишҳои авастоӣ

Сархайли сипоҳи шаҳсаворон – Гударз[1],
Сарпанҷаву мушти шаҳриёрон – Гударз.
Ҳам нангу ҳам ори шаҳри Эрон – Гударз,
Ҳам пушту паноҳи ҷумла ёрон – Гударз.

Эй гурди далер, Густаҳам, шод бимон,
Ин мӯҳраи Хусравӣ[2] ба бозут нишон.
Дар дашти Дағӯ[3] ба хасм пирӯз шудӣ,
Сарбайти қасидаҳои Эрон мехон.

Танҳо на ялону шаҳриёрон буданд,
Шоистаи номи поки Эрон буданд.
Бо Бежану Рустамону бо Гевонаш
Гурдофаридону гурддухтон буданд.

Пандовиву Кавравӣ[4] ҳаме баста камар,
Бо тиру камону гурзу шамшеру сипар,
Ду қавм, ки буданд бародарзода,
Куштанд ба ҷанг якдигарро яксар.

---

1. Гударз – Сарлашкари эронӣ, ки аз 78 писару наберааш 70 нафарашон дар ҷанги муқобили тӯрониён кушта шуданд. Дар ҷанги Канобад (Конибодом) ӯ сарлашкари Тӯрониён Пиронро кушта, қасоси ҷигаргӯшаҳояшро гирифта буд.
2. Баъди ғалаба дар Дашти Канобад, Густаҳм душманони фирориро таъқибкунон, чанде аз онҳоро кушт ва худ низ захми зиёд бардошта, дар биёбон беҳуш афтод. Бежан ӯро ба ситоди лашкари эрониён овард ва ӯ баъди ду ҳафта сиҳат ёфт. Кай Хусрав барои корнамоиҳояш мӯҳраи худро, ки ёдгори Ҳушангу Таҳмурасу Ҷамшед буд, ба Густаҳам ҳадя намуд.
3. Дашти Дағӯй –даште дар самти ғарбии водии Фарғона.
4. Пандавҳо – писарони Панду, Кавравҳо – писарони Куру. Панду ва Куру – ду шоҳи бародарзодаи орёҳиндӣ буданд, ки ба муқобили ҳамдигар ба ҷанг бархостанд. Дар ин ҷанги хунин, ки ҳаждаҳ рӯз идома меёбад, қариб тамоми сарбозон аз ҳар ду ҷониб кушта мешаванд. Тибқи таҳлилот ин ҷангҳо дар водии Фарғона ба вуқӯъ пайваста будаанд. Ҳоло номи деҳаҳо Пандовчӣ ва Каврак дар Тоҷикистон аз номи ҳамин ду қабилаи орёҳиндӣ вуҷуд доранд.

Арҷуна, намеравӣ дигар ҳеҷ зи ёд,
Аз ту шуда Арзун, Арзанак номниҳод.
Сарбози ту аз пой биафтод агар,
Ҷиваначивака мерасад бар имдод[1].

Ҳар кас чу худо зи худ ҳамедод навид,
Зардушт ҷаҳонро ба нигоҳи нав дид:
Бишнохт Ягонаро ба чашми ақлаш,
Ҳам низ ба гӯши ақл Ӯро бишунид…

Зардушт нишаста дар канори ин рӯд,
Бар зоти Худои пок мегуфт дуруд.
Ӯ дар ҳама ин гӯша нахустин кас буд,
Бар сӯи Худо намоз оварду суҷуд.

Эй меҳани орёии деринам,
Эй меҳани хотироти бас ширинам,
Дашту даману водиву кӯҳистонат
Дар нақшаи девори дилам мебинам.

Ҳар гаҳ ки сухан зи орё бояд гуфт,
Белофу газофу бериё бояд гуфт.
Хоҳем агар ҳақиқати худ ҷӯем,
Ҳарфе зи ҳақиқати ниё бояд гуфт.

Ораш, ки буда тиру камонаш дар мушт,
По мезаду даст, пеш мегашту ба пушт.
Мехонд – фидои номи Эрон гардам,
Аз номи Арахша[1] монда акнун арғушт.

---

1. Ба ривоят, ҳангоми ҷанги бародарзодаҳо Пандавҳо ва Кавравҳо ҷиванҷивака ном парандаҳо аз болои аскарони кушташудаи Арҷуна парвозкунон «Ҷива! Ҷива!», яъне «Зиҳӣ! Зиҳӣ!» гуён садо медодаанд. Бо ин нидо аскарони кушташуда дубора зинда шуда ба ҷанг медаромадаанд. Ҳоло парандае «тивтивак» ном дошта хонишаш, ба ранги «ҷиваҷива» садо медиҳад. Имрӯз дар Тоҷикстон номҳои Арзанак, Арзунг ба тахмин аз номи Арҷуна тасмия шудаанд.

Хатлону Ҳисорему Зарафшон моем,
Аз Рашту Хуҷанду аз Бадахшон моем.
Гар Бохтару Суғду Хуросон будем,
Имрӯз ба номи Тоҷикистон моем.

## САРЗАМИНҲОИ БОБОӢ

Эй меҳани орёии бобоӣ,
Эй рафта зи ёд меҳани обоӣ,
Ман лаб-лаби рӯд дар суроғат рафтам
Андар пайи себи деҳаи тиллоӣ.

Афсӯс, ки дашти Орён гум кардем
В-он ганҷи нуҳуфтаро нишон гум кардем,
Дар баҳси ҷаҳон ҳарфи баён гум кардем,
Дар ҷанг ҳама тиру камон гум кардем.

Дилбастаи дашти Орёно будам,
Парвардаи оби Орёнорӯдам.
Ман сина ба Дашти Орёно судам,
Обу хокаш ба шеъри тар бистудам.

Афсӯс, ки дашти Орёнӣ гум шуд,
Афсӯс, ки парчами каёнӣ гум шуд.
Фарғонаи эронӣ ҳам аз ёд бирафт,
Чун новаки Ораши камонӣ гум шуд.

1. Ораш – камонвари Эронӣ, ки номаш дар «Авесто» Ерехаша – Арахша будааст. Пеш аз андохтани тир Ораш бараҳна шуда миёни анбӯҳи мардум давр мегашт ва бадани хешро ба ҳозирон намуда мегуфт: Маро захму беморе нест, аммо яқин донам, ки пас аз андохтани тир пора-пора шавам ва фидои шумо гардам. Гумон меравад вожаи «арғушт» баргашти Ерехаш-Арахуш-архуш-арғуш-арғушт бошад.

Додам ба Самарқанд зи дастам худро,
Дирӯз ба Бомиён шикастам худро.
Ҳар гоҳ ба роҳ душмане пайдо шуд,
Бинщастаму дасту пой бастам худро.

Аз кишвари Орё ба диққат гуфтам,
Аз фоҷиаи ниё ба риққат гуфтам.
Чашме набувад ба диду гӯше ба шунид,
Ҳарчанд ки ман ҳама ҳақиқат гуфтам.

Фарғона бувад гумшуда Эрон, ёрон,
З-ин хона бувад гумшуда ёрон, ёрон.
Бегона шуданд он нигорон, ёрон,
Моро шумаред сарбадорон, ёрон.

Фарғона буда буму бари «Шаҳнома»,
З-ин хитта расида хабари «Шаҳнома».
Ин гуфта ҳаме ба гӯши ҷон меояд,
Хонӣ ту агар саросари «Шаҳнома».

Ёде зи камону тири Ораш дорӣ?
К-афканда зи Марв новаке бар Сорӣ.
Марв аст кунун, ки гӯи Марғелонаш,
Сорӣ ту ба Фарғона Сарой ангорӣ[1].

Фарғона равем, мулки Фарғона равем,
Бар хонаи хеш мисли бегона равем.
Гар дидани Фарғона муяссар нашавад,
Як давр хӯрему пеши ҷонона равем.

1. Ниг. ба мақолаи «Суғди Сорӣ ва тири Ораш» «АС» 2005.

Дар хоки Хутан хуни Сиёваш[1] ҷӯем,
Чун лола шукуфт, доғи оҳ!-аш ҷӯем.
Хоҳем агар гумшуда пайдо бикунем,
Фарғона равем, тири Ораш[2] ҷӯем.

Нимем зи Фарғонаву ниме зи Хутан,
Ниме зи биёбонаму ниме зи чаман.
Обу гилам аз азал чунин сохтаанд:
Як нима ғариб, ними дигар ба ватан.

Нимем зи Фарғонаву нимем – Ҳисор,
Нимем зи бегонаву нимем зи ёр.
Бар хонаи ман омада ҷамъе меҳмон,
Ниме ҳама ёру ними дигар ағёр.

Фарғона хушу баҳори Фарғона хуш аст,
Дар фасли баҳор ёри Фарғона хуш аст.
Ёрон ҳама бо ёр хуш оянду вале
Ин дилбари Фарғона ба бегона хуш аст.

Хоразму Ҳироту Марву Балх[3] аст ин ҷо,
Ҳар лаҳза ҳама ғурраву салх аст ин ҷо,
Он ёр даме зи Балхи Фарғона бирафт,
Моро ҳама об шӯру талх аст ин ҷо.

З-он сӯи замонаҳо ту фарёди манӣ,
Ёди Яманиву Мисру Бағдоди[4] манӣ,
Фарғонаи дурдонаи якдонаи ман,
Ту меҳани аввалини аҷдоди манӣ.

---

1. Сиёвуш дар Хутан бо фармони Афросиёб ба қатл расид.
2. Ораш – тирандози эронӣ, ки аз Марв (Марғелон) ба Сорӣ (Сарой) воқеъ дар Фарғона тир партоб намуда, сарҳади байни Эрону Тӯронро муайян намуда буд.
3. Хоразму Ҳироту Марву Балх – ин шаҳрҳо дар нахуст воқеъ дар водии Фарғона буданд.
4. Яман, Миср, Бағдод – Яман воқеъ дар водии Сарикӯл, Миср ҳоло Тӯс, Бағдод ҳоло низ Бағдод воқеъ дар водии Фарғона.

Рустам, ки ба чоҳи тира бо сар афтод,
Хокаш ба сар, аз дасти бародар афтод.
Рӯзи ҳама Нимрӯз[1] бар шом кашид,
Эронии Фарғона ба ҳар дар афтод.

Бигзашт баҳору гармии Фарғона,
Ҳайфи гармиву нармии Фарғона.
Вақти гули хор ояду шояд ба ватан
Боз ояду боз ғармии Фарғона.

Дар пуштаи Язявон[2] қадам мемонам,
Аз чашмаи шӯхаш нашикаст армонам.
Ин абрӯкамон табори Ораш бошад?
Гар тир занад, хатти нишонаш ҷонам.

Аз ту асаре намонд ҷуз ном, Нисо[3],
Аз дасти аду шудӣ валангор басо.
Аз пушти басо замона дар Фарғона
Бар дидани ту бубоядам чашми расо.

Нимем зи Фарғонаву нимем зи Турк,
Нимем чу гӯсфанду нимем чу гург.
Ин нима ба он нима надорад созиш,
Нимем чи бечораву нимем бузург.

Нимем зи Фарғонаву нимем – Бухор,
Ниме ҳама бегонаву ниме ҳама ёр.
Нимем зимистону дигар нима баҳор,
Ниме ҳама хор-хору ниме гули хор.

---

1. Нимрӯз – минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон.
2. Язявон – номи маҳал дар Фарғона, А. Берунӣ онро Завён номида, ки Ораш аз ин маҳал воқеъ дар паҳлуи Марғелон тирашро партоб намуда буд.
3. Шаҳри Нисо, ки дар «Авесто» зикр шудааст, дар водии Фарғона воқеъ буд.

Гар Рустами номдор мешуд зинда,
Кай Хусрави шаҳриёр мешуд зинда.
Фарғона зи нав ба номи Эрон[1] мегашт,
Бечора Сипандиёр мешуд зинда.

Нимем зи Фарғонаву нимем зи Рум[2],
Нимем зи санги хораву нима зи мум.
Нимем ба даст омада, ниме шуда гум,
Нимем зи регу нима – зар дар сари хум.

Гуфтӣ ту, ки меҳани ниёкон ба куҷост?
Фарғонаву Помиру дигар ноҳияҳост.
Аз ман ту далели қотеъ ар мехоҳӣ,
Албурз ба номи Бозирак[3] побарҷост.

Буд домани Лахш Орёно[4], ёро,
Олой дар он шумор доно, ёро.
Ёрон чу аз ин гӯша муҳоҷир гаштанд,
Эрон шуда аз ёд ниҳоно, ёро.

Бо шева сарой, булбули Фарғона,
Як чеҳра намой, гул-гули Фарғона.
Эй шиша, кушой қул-қули Фарғона,
Эй чашма, биҳой ғулғули Фарғона.

Дӣ ҳотифи ғайбам дари асрор кушод:
Бағдод ба Фарғона ҳам акнун – Бағдод.
Тӯсаш бувад аз Мисру зи Гиптӯс нишон,
Боб аст кунун, зи Баври[5] чун кардам ёд.

---

1. Зери мафҳуми Эрон дар ин силсилаи рубоиёт Эрони бостон ва Орёно, яъне сарзаминҳои миёни рудҳои Ому ва Сир дар назар аст.
2. Рум ва Ховар воқеъ дар шимоли водии Фарғона.
3. Бозирак – силсилакӯҳҳо ва қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар байни мардуми маҳал чунин ном доранд.
4. Тибқи таъини мушаххасоти кишварҳои «Шоҳнома», «Авесто» ва «Бундаҳишн» ин мавзеъҳо ба Орёно айният мегиранд.
5. Баври – пойтахти давлати Заҳҳок дар адабиёти қадими орёист, ки ба Боб, воқеъ дар водии Фарғона айният мегирад.

Хоразми куҳан, ки Хуваразмаш гуфтанд,
3-он «Хува» ба ҷо мондаву «размаш» суфтанд.
Имрӯз ба Фарғона ба шакли «Кува»[1] аст,
Ин нукта вале муддаиён нашнуфтанд.

Имрӯз Канобад аст Конибодом,
Ҳам Райбади «Шаҳнома» Работ[2] аст ба ном.
Ҳам кӯҳи Сияҳ кунун бувад кӯҳи Сияҳ[3],
Гударз дар он кӯҳи Сияҳ ёфта ком.

Аз Ховару Руму Мисру Шомаш гӯям,
Аз Марву Нисову Балху Бомаш гӯям.
Бас кишвари «Шаҳнома» ба Фарғона бувад,
Навбат чу расад, зи ҳар кадомаш гӯям.

Заҳҳок даме ба банд шуд бо морон,
Гардид Тамеша пойтахти Эрон.
Ин шаҳр ба Фарғона Фаридун карда,
Имрӯз ба гунаи Тамоша-ст[4], бидон.

Бар Дашти Сапед[5] омад аз нав Арҷосп,
Дар Балх заифу зор монда Ҷомосп.
Душман ҳама ҷо, Сипандиёр аст ба банд,
Бо Зол ба ишрат аст лекин Гуштосп.

---

1. Ниг. ба мақолаи ин муаллиф «Хоразме дар Фарғона» «АС» 2005.
2. Работ дар «Шоҳнома» Райбад, ҳоло воқеъ дар ноҳияи Конибодом.
3. Кӯҳи Сияҳ – воқеъ дар самти ҷанубии Конибодом, дар «Шоҳнома» низ Кӯҳи Сиёҳ.
4. Тамеша – Фаридун баъди саркӯб кардани Заҳҳок пойтахти Эронро аз Баври (Боб) ба Тамеша (ҳоло Тамоша ) воқеъ дар қисмати ҷанубии Фарғона кӯчонд.
5. Дашти Сапед – дар «Авесто» «razura» воқеъ дар самти шимоли шарқии Марв – Марғелони кунунӣ.

Гӯям зи чаҳор пойтахти Эрон,
Бавриву Тамеша, Балху Истахр, бидон.
Бавриву Тамеша, Балх дар Фарғона,
Истахр чаҳоруму буда дар Рашт он.

Буд мулки басе куҳанзамон Деҳистон,
Дар лафзи пасин ба Паргана гардид он.
Паргона шуду пас он гаҳе Фарғона[1],
Маънаш ҳамин бувад, дигар ботил дон.

Як соҳили Сир мулки Эрон будӣ
В-он соҳили дигараш зи Тӯрон будӣ.
Ду соҳили рӯд буд умре дар ҷанг,
В-он рӯд дар он миёна нолон будӣ.

Эй Балхи куҳан, ки Пахтаобод шудӣ,
Ту «Бахди»-ву дар катибаҳо ёд шудӣ.
Бисёр хароб гашта аз дасти аду,
Дар зери ниқоби «пахта» обод шудӣ.

Буд «Упа-х-Утара» Бохтар дар оғоз,
З-он пас чу «Апохтар» шуда зоҳир боз.
Буда ба шимоли домани Фарғона,
«Он сӯи шимол»[2] дорад он маънию роз.

Фарғона, нахустмеҳани аҷдодӣ,
Мисри куҳаниву Балхиву Бағдодӣ.
Таърихи Каёни орён аст ин мулк,
Таърихи бани башар бувад ин водӣ.

---

1. Фарғона – шаҳрест дар қисмати ҷанубии водии Фарғона, ки ба Даҳя ва ё Деҳистони «Авесто» ва «Шоҳнома» айният мегирад.
2. Бохтар – дар адабиёти ҳиндӣ Уттара – шимол ва Упахуттара – он тарафи шимол, дар адабиёти авестоӣ Упахтра – шимол ёд шуда, дар нахуст қисмати шимолии водии Фарғона дар назар буд.

Фарғона равиву бас тавофаш бинӣ,
Аз лутфи Худо басе маофаш бинӣ.
Бар рост ситодааст «Кӯҳи ҳама Порт»,
Бар чап нигариву кӯҳи Қофаш[1] бинӣ.

З-Омуй ба Сир аз Эраҷу Эрон буд,
З-он сӯй зи Сир Салмро фармон буд.
Аз Чоч шимолу шарқ – Турку Чин буд,
Мансуб ба Тӯру кишвари Тӯрон буд[2].

Дар дашт ҳамон дувоздаҳ[3] тан гурданд,
Дар ҷанги Работ сару тан афсурданд.
Аз кӯҳи Сияҳ ба рӯи сурх омадаанд,
З-ин марз ба душман ваҷабе наспурданд.

Пур гардаду холӣ бишавад кӯзаи моҳ,
Нӯшобаи сома буда афрӯзаи моҳ.
Маҳ шом хӯрад – Сома[4] хӯрад нӯшоба,
Ҳар гаҳ – ҳар гаҳ ба роҳи сирӯзаи моҳ.

Вишну ба азал чу се ҷаҳонро орост,
Пас сайру саёҳати ҳама олам хост.
Аз се қадамаш яке ба Вишнупада буд,
Фарғона чу изи пои Вишну з-он ҷост[5].

---

1. «Кӯҳи ҳама Порт» – дар «Бундаҳишн» кӯҳи Абарсин чунин номида шуда, ба қаторкӯҳҳои ҷануби Фарғона ва кӯҳи Қоф ба қаторкӯҳи Тян-Шан воқеъ дар шимоли Фарғона айният мегиранд.
2. Чунин марзи миёни кишварҳои Эраҷ ва Салму Тӯр баъдҳо аз ёдҳо фаромӯш шуд.
3. Ишора ба набарди дувоздаҳ рух.
4. Сом – эзади Моҳ, яке аз эзадони орёҳиндӣ. Вай моҳтобро аз нӯшобаи сома дар муддати ду ҳафта пур карда, дигар эзадонро зиёфат менамудааст. «Моҳ шом хӯрд» ба ҳамин матн иртибот дорад. Яъне «нӯшобаи моҳро худи Сом хӯрд».
5. Вишну Эзади адабиёти орёҳиндист. Дар «Удйогапарва» дар бораи изи пойи Вишну омадааст: «Дар ҳамин ҷост (намоён) изе, ки Вишнупада (изи пойи Вишну) ном дорад, ҳангоме ки ӯ аз се дунё қадам мезад». Воқеан, водии Фарғона дар иҳотаи кӯҳҳо ба изи по шабеҳият дорад.

Ҳар кас, ки қадам ниҳад ба қасди Эрон,
Гар зодаи Рустам[1] аст, гардад ҳайрон.
Дар Дашти Сапед шуд сияҳрӯз Арҷосп,
Дар кӯҳи Сиёҳ шуд сияҳрӯ Пирон.

Доданд шикаст дар Канобад душман –
Гударзу Фарибурзу Гуроза, Бежан,
Гургину Фурӯҳилу Ҳаҷир, Бартаву Гев,
Рӯҳом ва Занга, Густаҳам, чун як тан.

Пайдост ба «Шоҳнома» марзи Эрон,
Сабт аст дақиқ тӯлу арзи Тӯрон.
Ин баҳс ба Фарғона пазирад поён,
Як бори дигар ту «Шоҳнома» мехон.

Шуд мулки Фаридун ҳама се бахш, бидон,
Эрону Яман ба Эраҷу Дашти Ялон,
Тӯрон, ки ба Туру Руму Ховар бар Салм,
Ин бахш ҳақиқат асту афсона махон.

Як мушти хаси ватан надодам ба касе,
Бефарқ дарашро накӯшодам ба касе.
Кай Хусраваму ҷаддам агар душман шуд,
Худ куштаму таъне naниҳодам ба касе[2].

Эй рафта зи ёд, меҳан, Эрон, Эрон[3],
Эй шаҳри ялону шаҳриёрон, Эрон.
Эй хиттаи гурду шаҳсаворон, Эрон,
Шоистаи меҳри дӯстдорон, Эрон.

Ёрони муҳоҷир аз куҷо омадаанд?
Аз кишвари дури Орё омадаанд.
Як даста бирафтанд зи Фарғона ба Ҳинд,
Як хайли дигар ба Аврупо омадаанд.

---

1. Ишора ба Сӯҳроб – писари Рустам аст, ки ба Эрон ҳуҷум оварда, аз дасти падараш Рустам кушта шуд.
2. Афросиёб – аз ҷониби модар ҷадди Кай Хусрав буд ва баъди ҳуҷум ба Эрон аз дасти ӯ кушта шуд.
3. Яъне Орёно.

Як тира ба Ҳинду дудае дар Эрон,
Як нима ба Фарғонаву Рашту Хуталон,
Як қавм ба Хоразму Бухорову ба Рус,
Саргашта шуда бас орёӣ ба ҷаҳон.

Мо хешу таборем ба ҳам аз бунёд,
Ин гуна биҷӯӣ агар аҷдод-аҷдод.
Бо ҳиндиву эрониву афрангиву рус
Ҳастем зи як реша, вале рафта зи ёд.

Ҷадди ману ту дошт ба як хитта ватан,
Гуфтанд ба ҳамдигар ба як лафз сухан.
Буда зи яке қавму бародар буданд,
Бегона зи ҳам гашта валекин туву ман.

Як қавми зи ҳам рафта ба Ҳиндему Фаранг,
Дар Балху Бухорову ба Гелону Заранг.
Вақт аст, дигар ба оштӣ бозоем,
Гар рафта будем аз сари кинаву ҷанг.

Дар чоҳ фитодаам чу Бежан, Рустам,
Аз баҳри Худо расан бияфкан, Рустам.
Як бори дигар зи Турку Чин карда гузар,
Овар хабари Манижа бар ман, Рустам.

Саргашта буда хатти мадори тоҷик,
Як ҷой набуд бас қарори тоҷик.
Парварда бузургону аз он ҷумла бувад
Пайғамбари ислом табори тоҷик[1].

1. Дар чандин сарчашмаҳо, аз ҷумла дар асари муаррихи қадими арман Мовсэс Каланкатуатси «Таърихи кишвари Алуанк» паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад (с) аз қавми точик – тоҷик қаламдод шудааст. Точик (тоҷик) дар баробари номҳои тоифаҳои арабии тозӣ ва тай бозмондаи муҳоҷирати орётоҷикии ҳазораҳои 10-7 то солшуморӣ ба минтақаҳои Осиёи пеш мебошад.

Буда чу яке гунаи тоҷик «артак»,
З-он реша буд «артазик»-у «арсак», «аршак».
Тахфиф зи «арсак» аст «сак» – сокой,
З-он ҷо бувад «арда», «арша», «арсан» бешак.

Дар аҳди қадим Арша буд Фарғона[1],
Ин ном ба тоҷикон набуд бегона.
Аз гунаи «артазик» дар «Шаҳнома»
Шуд шӯҳра чу Дашти Тозиён ин хона.

Артей ки номи порсиён буда[2],
Ин ном зи тоҷикон асар бинмуда.
З-ин ҷост зи Ардашеру Аршак хабаре,
З-«артак» бувад он – коставу афзуда.

Буд Олмалун[3] сеяки мулки олам,
Кӯчидаву баргашт ба шакли Элам.
Як гунаи номи кишвари Тоҷик буд,
Ҳам зикр ба Қуръон шуда бо номи Ирам.

Фарғона равам, пайку дурудаш гӯям,
Пайғоми дилам ба Мисррӯдаш[4] гӯям.
Пайғоми дилам агар бар ӯ гуфта нашуд,
Овози ба овоз сурудаш гӯям.

Кӯҳи Баразайт – дар китоб[5] эъломаш,
Дар шарқу ба ғарб – аввалу анҷомаш.
Албурз ба паҳлавӣ агарчи гӯянд,
Ҳолост ба шакли Бозирак худ номаш.

---

1. Ниг. Б.Ғафуров «Тоҷикон» с. 385.
2. «Дар даврони қадим форсҳо… худро артей мехонданд. Ҳамсояҳошон низ онҳоро чунин меномиданд.» Ҳеродот «Таърих» 7, 61.
3. Олмалун, Олмалинг дар адабиёти тибетӣ як қисми Таҷиг (Тоҷик) ном кишваре будааст, ки аз се як ҳиссаи дунёи ҳамон даврон маълумро ташкил медодааст.
4. Яке аз номҳои қадими Сирдарё
5. Яъне дар «Авесто»

Буда Бахаву Хлика номи ду нафар,
Шуд Бахахлика – Бахлика – Бахл дигар.
Он Балх буда ба хиттаи Фарғона,
Бар гуфтаи дигаре набояд бовар.

Мегуфт яке, ки Помир аст аз Бом Ир,
По Меҳр – яки дигар бикардаш тафсир.
«Упа» бувад «он сӯ»-ву чу «Меру» кӯҳест,
Тахфиф шуда зи (у)Памер(у) Помир.

То Вахш зи Панҷ кишвари Ҷамбу[1] буд,
Аз баъди басе замона ӯ Замбу буд.
Зобу шуда охиру ба Зобул баргашт,
В-он меҳани Золу Рустамаш ҳам ӯ буд.

Аз эзади Кубера[2] бигӯям чу дигар,
Буд ҳомии кишвари шимолӣ яксар.
В-он ғарби шимоли хиттаи Фарғона
Тасмия шуд аз номи Кубера – Ховар.

Фарғона ба бахши шарқиаш Бом буда,
З-он хитта ба ғарб шомили Шом буда.
Аз Бом ба Шом дар миёна ба ҷануб
Мулкест, ки Нимрӯз бо ном буда.

Буд мулки ҷануб кишвари хуршедӣ,
Мансуби Йама буда ҳаме – Ҷамшедӣ.
Дашти Ҷаму Юмгону Ҷамак, Йамчун, Йамг,
Аз номи вай аст, ин қадар бишнидӣ.

---

1. Ҷамбу – яке аз ҳафт қитъа – кишвар дар адабиёти орёҳиндӣ, ки сарзаминҳои миёни рудҳои Панҷ ва Омуро дар бар мегирифт.
2. Кубера – эзади орёҳиндии сарват, сангҳо ва металҳои қиматбаҳо ва нигоҳбони мулкҳои шимолӣ будааст.

Он Рум[1] набуда ҳеҷ гаҳ бегона,
Худ буд ба шимоли шарқии Фарғона.
Горуму храм, ҳарам, Ҳаруму Римро
Маъност биҳишту ҳам ибодатхона.

Дар асл буда Гаиримон, Горумон,
Як гунаи он Гародман, Ҳорумон.
Горум бишуд, Ҳарм бишуд, Ғарм бигашт,
Шуд «кохи биҳишт» дар хабар маънии он.

Эй кӯҳи баланди орёӣ, Албурз,
Бо моҳи фалак ту сар бисоӣ, Албурз.
Устураву афсона туро номидем,
Лекин ту ба пеши чашми моӣ, Албурз.

Дунёи Амарватӣ фарози Меруст[2],
Хуршед саҳаргаҳ ба ниёзи Меруст.
Бас рӯзу шабоне, ки ба давраш гарданд,
Худ моҳу ситора ба намози Меруст.

Буда Бҳарата[3], номи шоҳе он ҷо,
Мондаст чи номае ба номаш барҷо.
Аз шакли «(Б)харах» шуда Хоруғ эҷод,
Монда зи Бҳара(т)-аш – Бухоро ҳоло.

---

1. Рум – Руме, ки бо Ховар ба Салм дода шуда буд.
2. Дар адабиёти ведоӣ кӯҳи Меру ҳамчун баландтарин ва зеботарин кӯҳ тасвир ёфтааст. Дар фарози ин кӯҳи муқаддас осмони Индра, шаҳри Амарватӣ (намирандаҳо, ҷовидонон), воқеъ гашта будааст. Маънои Меру ченак, андоза буда, вожаи русии «мера» ва тоҷикии «мар» (мас. бемар – беандоза, ё шумар – сумар – ҳисоби неку) бо Меру иртиботи маъноӣ доранд. Меру низ мисли Албурз ба кӯҳи ба номи Исмоили Сомонӣ айният мегирад.
3. Дар адабиёти орёҳиндӣ ин ном ба шаклҳои Бҳарат, Бҳаратаварша ва Бхарах зикр шудааст. Вожаҳои «баҳор» «бар» «баҳра» «бар» – ҳосил, «бар задан» ва ғайра аз ҳамин вожа бархостаанд.

Ин ҳарфи дигар шунав зи Албурзи баланд,
Аз Тираку Қофу аз Марак, Вафроманд,
Бахтону Абарсину Заридаз, Заррин,
Вадгису Хусандому Манӯш, Аснованд[1]…

Мулки куҳаневу номи он Вурубарашт,
Буда ба ҷавори вай ҳаме Вуруҷарашт.
Бигзашт басо замона, тахфиф бигашт,
Бар Рашт бигашт в-он гаҳе гашт бар Ашт[2].

Донӣ, ки Хуросон зи «хур», «ос»-у «он» аст,
Бас омадани хур андар он осон аст,
Буд Помиру Фарғона ба самти шарқаш,
Имрӯз зи дида ҷои он пинҳон аст.

Гӯянд Самарқанд бувад «қанд»-у «самар»,
Ҳарчанд Мароканда биёмад ба хабар.
Аммо ба гумони мо «Шамаркон» бошад,
Ҳарчанд зи Мисркон биёяд ба назар.

Донем, ки Тошканд шаҳри Чоч аст
В-он Чоч зи қоидаи ово Тоҷ аст
В-он Тоҷ ҳаме тахфифи Тоҷик будаст
В-ин гуфта чу нақшест, ба рӯи оҷ аст.

Гардида «Маҳабҳарата»-ву «Ригведо»
Эҷод ба Фарғонаву ин ноҳияҳо.
Эҷоди «Авасто», «Бундаҳишн» ин ҷо буд,
Шуд қиссаи «Шоҳнома» нақл аз ин ҷо.

Овозу садо худ буда маънои забон,
Дар шакли звон нахуст гардида баён.
Овоз кунун звон бувад дар русӣ,
Дар гӯиши тоҷикӣ забон низ звон.

---

1. Номи кӯҳҳо дар силсилаи кӯҳҳои Помиру Тян-Шан.
2. Дар «Масолик ал-мамолик» Ашт Рашт номбар карда шудааст.

Сагзиву сакоиву стакзик, такзик,
Артакзику артамзику тозиву тазик,
Артак, Арса, Русу Арата, Арша –
Баргашта ба гуна-гуна номи тоҷик.

Медонӣ магар, маънии вожа – Вача[1] чист?
Олиҳаи ҳарфу сухану зебоист.
Дар русӣ ба шакли веча, вежа роич,
Дар гӯиши тоҷикӣ чу вач-вач боқист.

Маънии нахусти даст хартум будаст,
Гоҳе шуда ҳам ифода чун зусту чу хаст[2].
Дар русӣ ба маънии думу шакли хвость,
Будаст яке ҳаме думу хартуму даст.

Маънои хуҷаста, ки накӯҷаста бувад,
Дар Пешзабон ба шакли сучаста бувад.
Сучаставу шакли русиаш – с(у)частье
Бешубҳа зи як реша ҳаме руста бувад.

Донӣ, ки якест зиндагиву зану ҷон,
Бахшандаи ҷон ҳаме, ба маънии равон.
Буда ба нахуст ҷону зан ҳамгуна,
Зоҳир шуда тафриқа ба ин шакл пасон.

Дорӣ хабаре, дило, зи маънии Худо,
Ҳаргиз зи «худ о» набуда, як дам ба худ о.
Бахшандаву меҳрубон буда маънояш,
Дар Пешзабон омада дар шакли судо.

Рустам ки зи рус асту зи там, маънии он
Ту бешакку шубҳа Паҳлавонтоҷик дон.
Там буда таҳамтану шуд артакзик рус
В-аз артаву арса шуд ҳаме рус баён.

1. Вача – дар адабиёти орёӣ номи Олиҳаи сухан ва зебоӣ
2. Дар забони орёӣ-санскритӣ даст ба шакли хаст, дар забони шуғнӣ ба шакли зуст (заст) ифода мешавад.

Рӯзе, ки Худованд гили Одам сохт,
Дар чеҳраи ӯ ҷамоли худро бишнохт.
Чун сурат ӯ дид, бигуфто: одам[1],
З-ин ҷо аҳаму узум ба маънӣ – ман ҳам.

Гӯянд, Бадахшон зи «балахшон» буда,
Ин гуфта вале баҷо на чандон буда,
Дар асл ҳамон Падехвошон аст он,
Баргашт аз ин вожа Бадахшон буда.

Як Ҳинди дигар зи ёд пинҳон буда,
Албурзи баланд ҷой дар он буда.
Ин Ҳинд дигар нусхаи Ҳинди куҳан аст,
Он Ҳинд – бигӯям, ки… Бадахшон буда.

Акнун бишунав сирри Сари кӯли куҳан,
Онро, ки буда дар он замон ном Яман.
Буда ба шумули сарзамини Эраҷ,
Ин сирри нуҳуфтаро Худо донаду ман.

Он гуна ки рушанӣ зи Албурз ояд,
Бар сӯи ғуруб роҳи худ бикшояд,
Он гуна ба ғарб Сиру Омӯ ҷорист,
З-Албурзи баланд чашмааш мезояд.

Он мулку диёр шонздаҳто буда,
Эҷод ба хилқати Аҳуро буда.
Имрӯз зи номи он ҳама мулки куҳан
Чандест ниҳону чанд пайдо буда.

Он мулки нахуст Орёно буда,
Бас мулки қашангу неку зебо буда,
Доитӣ, ки худ Вахш бувад, он кишвар
Сарчашмаи рӯди Доитиё буда.

1. Одам – лафзи орёист, ки дар забони санскрит ба шакли аҳам, дар шуғнӣ узум, дар осетинӣ æзум баргашт шуда, маъноящ ман ва ман ҳам (мисли ман) будааст.

Он кишвари дуввум зи Аҳуро Маздо
Суғд асту бигӯям, ки будаш ҷой куҷо –
Дар соҳили рӯди Ғова, дар Фарғона,
Ин Суғди кунун чу нусхае ҳаст варо.

Донӣ ба куҷо ҷой буда Суғди нахуст,
Деҳ гӯш ба ин гуфтаву ин ҳарфи дуруст,
Дар соҳили Ғовасой, дар Фарғона –
Як сӯ-ш Намангону дигар сӯяш Чуст.

Мулке, ки биофарид саввум, донаш
Марви куҳану на Марви баъдӣ хонаш,
Бо гашти замонаву забонҳо гӯянд
Имрӯз ба Фарғона чу Марғелонаш.

Балх аст дигар чаҳорум аз мулки Худо,
Худ модари шаҳрҳо бувад ном варо.
Имрӯз ба номи Пахтаобод бувад,
Гум гашта ба Фарғона бас аз хотираҳо.

Панҷум, ба миёни Балху Марв аст Нисо,
Афсӯс, кунун нишонае нест варо.
Онро зи ҷавори Андиҷон бояд ҷуст,
Пайдо бишавад яқин ба тавфиқи Худо.

Он мулки шашум ба соҳили рӯди Ҳарӣ
Будаст Ҳаройва – Ҳироти дигаре.
Марзе буда он ба соҳили Панҷ – Хироб,
Як ҳисса зи Хатлон буда, нек ар нигарӣ.

Будаст Ваекирета ҳафтум кишвар,
Гӯянд ба Кобул аҳли илмаш яксар.
Дар дашти Пишинса буда бо сояи бад
В-он кишварро ба ғарби Чин буда мақар.

Ҳаштум Урва, даҳум Ҳарахваитӣ кишвар
В-он сенздаҳум, ки Чахра гӯянд дигар,
Дар Помиру ғарби Чин буда маъвошон,
Бояд ки суроғ кардашон аз як сар.

В-он мулки нӯҳум буд Хнента – Гургон,
Мондаст ба Фарғона чу Гургон алъон.
Буд мулки дигар, вале ба номи Гиркон,
Баргашт ба Каркану (К)яркан, Яркон.

Ҳирманд, ки ёздаҳ биомад ба ҳисоб,
Буда ба ҷанубу шарқи марзи Кӯлоб.
Ҳолост бар он Зарнуматӣ[1] ном Дуоб,
Сабт аст далели гуфтаи мо ба китоб.

Мулке, ки дувоздаҳ биёяд ба шумар,
Роға будаву Райаш бигӯянд аксар.
Он Роға вале ба номи аслаш боқист,
Онро ту ба сарчашмаи Хингоб нигар.

В-он чордаҳум, ки худ Варен он буда,
Зоҳир ба назар вале на чандон буда,
Бисёр ба эҳтимол дар Фарғонаст,
Ҳам ҳаст гумон, ки худ Намангон буда.

Он понздаҳум, ки Ҳафтрӯдаш хонанд,
Номаш буда Ҳапта Ҳинду Ҳиндаш донанд.
Он ҷост, ки Вахшу Панҷ оби худро
Бо панҷи дигар рӯд ба Ому ронанд.

Буд шонздаҳум Упа Аодешу Аранг,
Мулке, ки зи сармо буда бисёр ба танг.
Дар саргаҳи Сир, дар Тян-Шони баланд
Буда, манамо ҳеҷ дар ин гуфта диранг.

1. Зарнуматӣ ва ё Зарнумаитӣ – рудест аз «Авесто», ки маънояш зарафшон, пурзар мебошад.

Бисёр замон – замон, ки аз сар бигузашт,
Бисёр забон бар сари ҳар ном бигашт.
Эрон шуда Тӯрон, ҳаме Зобул Хатлон,
Ҳам Ҳинд Бадахшон шуду шуд Порут Рашт.

Гӯянд, ки тоҷик араби тозик аст,
Тозик муҳоҷиршудаи тоҷик аст.
Кай бурд ба худ, донӣ агар, Мисру Яман,
Равшан шавад ин нукта, гарат торик аст.

Тоҷик, ба ҷаҳон басе ту саргашта шудӣ,
Бо гунаи бешумор баргашта шудӣ,
Бо артаву артазику тагзӣ, сагзӣ,
Бегона наӣ ба ман, агар гашта шудӣ.

Эрон туӣ, азбаски ба Эрон рафтӣ,
Саксон туӣ, азбаски ба Саксон рафтӣ,
Ҳинду туӣ дар Ҳинду фарангӣ ба Фаранг
В-аз меҳани орёӣ сарсон рафтӣ.

Гӯянд ба гуна-гуна аз вожаи рус,
Аз «рӯд»-у зи «рӯз»-у «Сурӣ», «Роса», «борус»,
Буд Арта нахусту Арса шуд, гашт Арус,
Пас Рус бишуд, далел дигар ту мапурс.

Буд давлату қалъа, халқ худ маънии Рашт,
Ин вожа ба Ҳинду Аврупо давр бигашт.
Сураштраву Раштату штат, Раштенбург
Сад шоха аз ин реша ба ҳар ҷой гузашт.

Балх аст, ки номи вай парешон рафта,
Бар Ҳинду Араб, Фарангу Эрон рафта,
Болахнаву Балкану Балиху Балгар,
Балхобӣ шуда, Белгӣ, Балхон рафта.

Аз рӯзи хуши хеш муҳоҷир нашудем,
Бар Ҳинду Фаранг мо мусофир нашудем.
Дар шарқу шимолу ба ҷанубу дар ғарб
Бо майлу ба ихтиёр ҳозир нашудем.

Ваҳй омадам аз инояти Шоҳи Хамӯш,
Гӯям сухане, агар ту медорӣ гӯш,
Донӣ ба куҷост кишвари Фардазафуш?[1]
Хатлон раву кун суроғаш аз кӯҳи Фурӯш.

Донӣ, ки зи лафзи орё ҳаст «одам»,
Маънош буда нахуст «мард»-у «ман» ҳам.
«Узум[2]», ки ба шуғнист, зи «одам» баргашт,
Ҳам дар аланӣ «азам[3]», ба русӣ «я сам» [4].

«Ман»-ро ба нахуст «мард» маъно буда,
Ҳам номи Ману[5] «мард» аз ин ҷо буда.
Дар лафзи фаранг «мон»[6] ҳамон аз «ман» буд,
Бас «мен»-у «мне» зи «ман» ҳувайдо буда.

Фарғона, ки кӯҳи Қоф дорад ба ҷавор,
Албурзу Апарсаинӣ дорад ба канор.
Бас воқиа з-ин мулк ба «Қуръон» сабт аст[7],
Бас мартабаи тавоф дорад ба шумор.

---

1. Фрадазафшу – Яке аз ҳафт кишвари авастоӣ дар шумори Аризаҳӣ, Саваҳӣ, Видазафшу, Вурубараштӣ, Вуруҷараштӣ ва Хваниратҳа.
2. Узум – ба шуғнӣ – яъне ман.
3. Аланӣ – яъне осетӣ, «азам» – ба осетӣ – яъне «ман».
4. Сам – ба русӣ «худ».
5. Нахустодами адабиёти орёҳиндӣ.
6. Дар чандин забони халқҳои аврупоӣ «мон» ба маънои мард ифода мегардад.
7. Кӯҳи Қоф ва ғори Асҳоби Каҳф, ки дар қатори чанд маҳалли дигар дар Фарғона низ тахмин мешаванд, дар «Қуръон» зикр гардидаанд. Кӯҳи Қоф ва Апарсаинӣ – Тён-Шон, Албурз – кӯҳи Исмоили Сомонӣ дар шумори кӯҳҳои ривоятианд.

Аз маънии Кӯлоб бигӯям ба мисол,
К-он дахмаи Сом будаву Рустаму Зол.
Гӯробаву Кӯлоба ба Миср асту ба Рус,[1]
Он «дахмаи шоҳон» буда, – посух ба савол.

Худ решаи Данғара «дранга» ва «-ра» буд,
З-ин реша «саранга»-ву «зранка» сара буд.
Ин ном зи Фарғона ба Хатлону ба Рус
Дар сайр шуду ҳама зи як Дангара буд.

Донӣ, ки Ҳисори Шодмон Сумон буд,
Маънош хушӣ, саодату сомон буд.
Аз ҳафт диёри рафта аз ёду куҳан
Як сарзамини биҳиштосо он буд.[2]

Худ Шамбала номи Чамбули Мастон буд,
Як кишвари гумгаштаи пурдастон буд.
Баъзе бишуморанд ба Помиру Тибет,
Баъзе бигуморанд ба Ҳиндустон буд.

Ин меҳани ман, ки Аскалон дорад ном,
Онро буда дар нахуст Фарғона мақом.
Кӯчида ба се ҳазор сола пешин
Бар Рашту ба Афғону ба Юнону ба Шом.[3]

З-он пас ки ба Суғд ҳамла кард Искандар,
Бар мулки Паретакена бинмуд гузар.
В-ин ном ба гунаи Қаротегин гашт,
Чун гӯиши туркӣ андар он кард асар.

---

1. Қӯрғон – дахмаи скифҳои асри 4 то солшуморӣ дар Қрим – Кулоба ва дар Мисри қадим шаҳр-дахмаи шоҳон Гуроба ном доштанд.
2. Ҳафт кишвар – Ҷамбу, Шалмалӣ, Краунча, Гомеда (Суман), Сакала, Кушадвипа ва Пушкара, ки дар шимолу шарқи Осиёи Миёна воқеъ буданд.
3. Дар Афғонистон, Фаластин Аскалон ном шаҳрҳо ва дар Юнону Италия номи қабилаҳо вуҷуд дорад.

## ОБУ РӮШНОӢ

Ин Сир, ки дар нахуст Гангаш гуфтанд,
Дарёи Сафеду ширрангаш гуфтанд.
Сайҳуну Ахесу Мисррӯдаш хонданд,
Яксарт, ҳам Арванду Арангаш[1] гуфтанд.

Беҳин ба ҷаҳон – Арангу Беҳрӯд – ду рӯд,
Аз мо ба Аранг, ҳам ба Беҳрӯд дуруд.
Дар васфи Аранги мо бихон шеъру суруд,
В-он гоҳ биё бар лаби Беҳрӯд фуруд.

Бар рӯди Аранг з-оби Беҳрӯд салом,
Дорем бар ӯ зи Доитирӯд паём:
Дороҷаву Косарӯду Меҳрону Сапед,
Турмеду Ватасниву Ҳариву Даргом[2].

Ман зода шудам дар бари рӯди Сурхоб,
Бишнида ба гаҳвора суруди Сурхоб.
Ин гуна аз ӯ гунаи шеърам сурх аст,
Байту ғазалам бувад дуруди Сурхоб.

Сурхоб, шунидаам ман овози туро,
Ҷустам зи лаби соҳили ту рози туро.
Доитӣ туӣ, ки аз «Авасто» ой,
Дидам ба сароғоз ҳам оғози туро.

Гӯям сухане зи асли номи Ҷайҳун,
К-аз домани андеша биомад берун.
Номаш ба китоб рафта бошад Ҳомун,
Баргашт пас он ба шакли Ому – Омун.

---

1. Дар адабиёти ҳиндӣ, хитойӣ, юнонӣ ва форсӣ Сир бо номҳои гуногун ёд мешавад, ки номҳои мазкур дар ҳамин шуморанд.
2. Аранг –Сирдарё, Беҳруд – Панҷ –Ому, Доитӣ – Вахш, Дороҷа, Косаруд, Меҳрон, Сапед, Турмед, Ватаснӣ, Ҳарӣ, Даргом – номи рудҳо воқеъ дар Осиёи Миёна.

Аз чашмаи Элок биёред обам,
Бе чашмаи Элок басе бетобам.
Як қатра аз ин оби гуворо як сӯ,
Дигар ҳамаи неъмати дунё як сӯ.

Ин субҳ равам саргаҳи Булбулчашма,
Ман гӯш диҳам, кунад чу ғул-ғул чашма.
Ин субҳ магар булбули болида манам,
Андар назарам шукуфта чун гул чашма.

Аз чашмаи Шоҳ Носир обам бидиҳед,
Як байти ғазал аз он китобам бидиҳед.
З-ин чашмаи об кас надод об маро,
Лабташна ба шаб намебарад хоб маро.

Имшаб, ки Ҳазорчашмаро дидам хоб,
Омад чу ҳазор чашма аз чашмам об.
Дар чашм ҳазор чашма, лабҳо ташна,
Ман ташнаи ташнаам, ба шабҳо… ташна.

Чил коса хӯрам зи чашмаи Чилчашма,
То ҷӯшзанон барояд аз дил чашма,
Чил косаи об хӯрда дар хоб шавам,
Било ба Худо санг бувам, об шавам…

Дар Чашмаи Гул ду булбули ноланда,
Дар Чашмаи Булбул ду гули боланда,
Он булбули ноланда басе зор шавад,
Ҳайфи гули боланда, ҳаме хор шавад…

Бар Чашмаи кабк булбулон омадаанд,
Бар сайру тамошои гулон омадаанд.
Аз Чашмаи кабк булбулон гашта равон,
Дар Чашмаи кабк булбулон ташна ҳамон.

Ман ташнаи оби чашмаи Балхобам,
Аз ташнагиям намебарад бал хобам.
Гар об хӯрам зи чашмаи Балхобӣ,
Бар кас надиҳам лаззати ин бехобӣ.

Ин оби Питоб меравад печида,
Дарёи Хироб меравад ғеҷида.
Аз Оби Миноб мехӯрам, сар монда,
Аз Чашмаи Гул манам гуле ночида…

Он ёр зи Чашмаи кулол омадааст,
Як коса ба даст Оби зулол омадааст.
Оҳиста ҳамон оби зулолаш бихӯрем,
То сер дар он ҳусну ҷамолаш нигарем.

Обам додӣ зи чашмаи Файзобод,
Як қатра намонда мехӯрам, ҳар чи бод.
Ман ташнаи чашмаҳои Файзободам,
Он косаи об кай равад аз ёдам.

Бархезу биё ба чашмаи Маҳтобӣ,
Дар хона бигӯ равон барои обӣ.
Холӣ бикуну пур бикун аз нав кӯза,
Аз бӯса магар сер шавам то рӯза.

Мо дар сари Чашмасор ёре дорем,
Дар он тарафи ағба баҳоре дорем.
Ин об ба ҷӯ зи Чашмасор омадааст,
Чун аз паси ағба навбаҳор омадааст.

Бар Чашмаи Боғи булбулон мегузарам,
Он сӯ ба тамошои гулон мегузарам.
Аз Чашмаи Гул оби ҳаётам додӣ,
Аз банди ғаму ғусса маро бикшодӣ.

Дарёи Зарафшон, ки зар афшонда равад,
Сурхоб зари сурх барафшонда равад.
Рӯди Қаратоғ лаҳни хуш хонда равад,
Варзоб чу раққос сар афшонда равад.

Бас бӯи хуше ба Мушкрӯдаш ба бағал,
Хуш меравад Охсу, сурудаш ба бағал,
Бар сар зада Чашмасор гулҳои қатор,
Шинг аст равона, мушки суда-ш ба бағал.

Ясманд гули ёсуман андар сар кард,
Бартанг бари домани худ пурзар кард,
Доман пури лола кард дарёи Нимос,
Пошида равад Дубурса ҳар сӯ гули ёс.

Аз ёри Саричашма дилозор шудем,
Бар ёри дилозор гирифтор шудем.
Ӯ ташнаи об Чашмасорам бубарад,
Ҳар ҷо ки равад, ташнаи зорам бубарад.

Бетоб шудам ба соҳили Исфарарӯд,
Моро бубаред духтури Исфара зуд,
Ин духтури Исфара давоям накунад,
Ҷо дораду бо баҳона ҷоям накунад.

Хоҳам Чилучорчашма дардам шӯяд,
Хоҳам, ки Ҳазорчашма гардам шӯяд.
Чил бор ба Чилчашма бишӯям худро,
Бошад, ки гуноҳу ранги зардам шӯяд.

Як лаҳза надидаам қарори дунё,
Ман хаста шудам зи кору бори дунё.
Ё сӯҳбати гарми Назаровам бояд,
Ё чашмаи сарди Камаровам бояд.

Ин об ба ширинии ҷон ширин аст,
Ин чашма ба лаззати равон ширин аст.
Ин об зи сӯи осмон меояд,
Ин ҷӯ зи биҳишти ҷовидон меояд.

Ман галлаи аспи хотиру ёди шумо,
Бурдам сари чашмасори хуш баҳри чаро,
Дорам талаби дуо ҳам акнун ба мисол,
Даҳмарда чунон ки талабад нони ҳалол.

Аз Хоҷаи Сангхок обам бидиҳед,
З-ин чашмаи оби пок обам бидиҳед,
То Хоҷаи Сангхок ҳиммат бикунад,
Бар мову гузаштагон шафоат бикунад.

Бар чашмаи оби Шамбарӣ бод сано,
Бар чашмаи мушку амбарӣ бод сано,
Ин оби шифо, балки бувад оби ҳаёт,
Обест, ки Хизр ёфта дар зулмот.

Ояд ба забон ҳамду санои нармам,
Бар оби шифои Хоҷа Оби гармам.
Мислаш ба ҷаҳон об набошад ба сиришт,
Балки набувад об мисолаш ба биҳишт.

Хӯрдам ҳаваси обу ҳавои Масчоҳ,
Кош об хӯрам зи чашмаҳои Масчоҳ.
Аз дур надидаму дурудаш гуфтам,
Байту ғазалу шеъру сурудаш гуфтам.

Ҳаргиз набувад чу Кӯшкак оби равон,
Ин об диҳад ба ҷону дил тобу тавон.
Гӯям сухан аз Кӯшкаки поксиришт:
Ин оби шифо омада аз ҷӯи биҳишт.

Дар водии Чашмасор кӯҳест кабуд,
Дар домани кӯҳ ба шӯр мепечад рӯд,
Рӯд аст шитобандаву обаш чу булур,
З-он рӯди булури сабз меборад нур.

Аз чашмаи оби Ҳазрати Бурхи Валӣ,
Дидем савоби Ҳазрати Бурхи Валӣ.
Ин Ҳазрати Бурх агар ба мо ёр шавад,
Бар мушкили мо Худо мададгор шавад.

Аз чашмаи оби Ҳазрати Мавлоно,
Як қатра бикун нӯш ба ният, ҷоно,
Бахти ту сафеду мушкилат дур шавад,
Роҳи ту кушода, душманат кӯр шавад.

Обе, ки хӯрӣ зи чашмаи Шоҳи Хамӯш,
Ҳар лаҳза туро ақл биафзояду ҳуш ,
Аз Шоҳи Хамӯш бишнавам гар панде,
Вораста шавам зи фанду аз ҳар банде.

Дил ёд кунад боду ҳавои Ромит,
Чашмам пури оби чашмаҳои Ромит,
Аз чашмаи Ромит об хӯрдам боре,
Дил хӯрда буд об ҳам зи чашми ёре.

Як коса хӯрӣ зи чашмаи Оби камар,
Мисле хурдӣ ту косаи оби шакар.
Дар Оби камар ғусл бикун бори дигар.
Гар оби камар дидӣ сари хоби саҳар.

Бархезу чу чашмаҳои Дарвоз биё,
Бо розу ба овозу ба парвоз биё.
Як бӯсаи обдор деҳ бо нозам,
Монандаи оби чашмаи Дарвозам.

Як коса агар аз оби Ванҷам бидиҳӣ,
Гӯё ки ҳазор кони ганҷам бидиҳӣ.
Дар бӯсадиҳӣ баҳои панҷат бидиҳам,
Як бӯса агар дар лаби Панҷам бидиҳӣ.

Зону задаву ба чашма мемонам лаб,
Мисле зи лаби нигор оям дар таб.
Ин чашма чу чашми нозанин афсунгар,
Ин ноз зи нози нозанин афзунтар.

Дар дил ҳаваси ҳавои Конибодом,
Ман ташнаи чашмаҳои Конибодом.
Мардум ҳама дар хаёли бодом буда,
Андар дили мо ҳавои он ном буда...

Ман дар лаби сарчашма саёҳат кардам,
Як косаи об хӯрда роҳат кардам.
Як косаи об хӯрда хобам бурдаст,
Он кӯзабадаст омада бобам кардаст.

Имшаб чи шабе буд, ки дидам дар хоб,
Дар Аштаму лабташнаам андар лаби об.
Як қатраи об агар диҳӣ дар Аштам,
То охири умр аз сарат мегаштам.

Аз чашмаи Санги Кар сухан мешунавам,
Ширин суханаш чи хуш, ки ман мешунавам,
Ман шеър ба гӯши Санги Кар мехонам,
Худро ба карӣ задаст ӯ, медонам.

Ин Чашмаи шоирони хушном бувад,
Бахшанда ба шоиронаш илҳом бувад,
Фаввора занад чун гули зебои ғазал,
Ҳар қатраи ӯ булбули гӯёи ғазал.

Ин об зи Чашмаи Судур омадааст,
Монандаи нур дар булур омадааст,
Монандаи нур дар булури обӣ,
Оинаи нур дар шаби маҳтобӣ.

Худ чашмаи оҳувон бувад Оби Киик,
Чун Оби Киик кай бувад чашмаи нек,
Ин ҷо ғазале расида аз илҳомам,
Эй кош, ғизоле бирасад дар домам.

Хуштар набувад об зи оби Камаров,
Хуштар зи ҳавову офтоби Камаров,
Гулмоҳии дил фитад ба шасти Камаров
В-ин оҳуи дил фитад ба дасти Камаров.

Чашмам нигарон ба чашмаи Разён аст,
Андар лаби он кӯдакиям ҳайрон аст,
Ин чашма бувад чашмаи обоии ман,
Ин боғу замин – манзили бобоии ман.

Бар чашмаи Оби Гарм чашмичорем,
З-он оби шифобахш дуое дорем:
Эй бор Худо, диле набинад сардӣ,
Эй бор Худо саре набинад дарде.

Бар рӯди Кабуду рӯди Варзоб дуруд,
Бар кӯҳи Сиёҳу оби Сурхоб дуруд,
Бар Исфарасою Сиру Омӯй салом,
Бар Кӯҳи намак, ба рӯди Хингоб дуруд.

Аз мо бирасон ба рӯди Пасрӯд дуруд,
Биншину шунав зи рӯди Насрӯд суруд,
Як ғӯта, бирав, дар оби Сардоб бизан,
Шодоба бирав, таспи дилат об бизан.

Бас буттаи гул ба соҳили Дарёбоғ,
Рӯида зи мавҷ дар дили дарё боғ,
Обод ҳама соҳили Дарёобод,
Вайронаи дил шавад зи дарё обод.

Чашмам шуда бар сӯи Сафедоб сафед,
Бисёр шаби дарози бехоб – сафед.
Шояд ки шабони моҳтобии сафед
Ояд бадар он парии обии сафед.

Ширин ба мисоли чашмаи Шӯробӣ,
Он лаҳза, ки бо ман ба шаби маҳтобӣ.
Хушмаззаӣ чун лаззати Талхакчашма,
Хушрӯй ба ранги оби Сурхакчашма.

Чун оби Хушобак оби хуштар набувад,
Як чашмаи поки рӯҳпарвар набувад.
Обе ба равонии равон дар бари мост,
Аз ҷӯи биҳишту чашмаи Кавсари мост.

Савдо шуда дил ба Чашмаи Бозорӣ,
Ин дил, ки рабудаӣ, магар боз орӣ,
Боз ориву дар лаби Дуобаш бинихӣ,
Инсоф кунӣ – як кафи обаш бидиҳӣ.

Рафтам Қади об, об пурнакҳати гул,
Дидам, ки гуле нишаста андар сари пул,
Ду даст ба пушт, такя бар қум задагӣ,
Бар такязанияш дили мо гум задагӣ.

Мурғоб равам, чу мурғ дар об равам,
Аз об бурун омада дар хоб равам,
Бедор шавам зи хобу дар тоб равам,
Аз тоб бурун ояму бетоб равам.

Чангоб чу чангияст, хуш чанг занад,
Хингоб ба лаҳни хеш оҳанг занад,
Сангоб ба санг ранг бар ранг занад,
Рагноб чу занги синфи даҳ занг занад.

Аз сӯҳбати гарми Назаров об шавам,
Чун чашмаи сарди Камаров об шавам.
Се рӯз шуда наменамояд Назаров,
Чашмам нигарон аст ба сӯи Камаров…

Ин чашма ба дарёи равон пайвандад,
Ин пайраҳа бо роҳи калон пайвандад.
Мову ту зи ҳамдигар ҷудоем, ҷудо,
Пайвастани мо бувад ба тақдири Худо.

Аҳсанти Танимасу, Нимос, Оби Кабуд,
Ясманду Лучобу Тирарӯд, Истикрӯд,
Яғнобу Канизу Сардаву Фондарё,
Рагнову Дубурса, Сорво, Кондарё…

Обат бидиҳам зи чашмаи Балхобӣ,
Дарсат бидиҳам ба қиссаи бехобӣ.
Дар боғи баланд себчинӣ барамат,
Серат бикунам ба бӯсаи сурхобӣ.

Обат бидиҳам зи чашмаи поку зулол,
Хобат бикунам ба сояи беди хаёл.
Ронам магасонрову туро дода шамол,
Ман сер бубинам магар он ҳусну ҷамол.

Обам додӣ ба Соли оби тоза,
Дар шаҳр шуд ин косаи об овоза,
Бастанд раҳи об, ки обам надиҳӣ,
Дар шаҳр вале баста нашуд дарвоза.

## ГУЛХӮША

Ту дар лаб хандаву ман дар ҷигар хун,
Чу Лайлоӣ, вале бе ёди Маҷнун.
Либосатро лаби рӯде рабудам,
Ба зориӣ, сарат аз об берун.

Баҳорон шуд, гули хушранг зебост,
Чу аз дил мезудояд занг, зебост.
Камони ҳафтранг омад ба сад ранг,
Бубин ойинаи ин санг, зебост.

Баҳорон омаду нашкуфт розам,
Чӣ бедардам, ки не сӯзам, на созам.
Чӣ хомӯшӣ, на ово, не садое,
Гулеро ҳадяи ёре насозам.

Саҳар борон расид аз абри тӯда,
Сабо ангехт он гаҳ мушки суда.
Вале шавқи тамошои баҳорӣ
Маро ҳиҷрони ту аз дил рабуда.

Диламро лолазори доғ кардӣ,
Ту худ, эй ғунча, тарки боғ кардӣ.
Ба васфат дар забонам достон буд,
Манам булбул, ту майли зоғ кардӣ.

Дили ман дар шабам афрӯзад оташ,
Ба ҷонам то саҳар месӯзад оташ.
Зи бас ларзандаву рамхӯрда буда,
Зи ҷонам сӯхтан омӯзад оташ.

Гули худрӯи саҳрои дилам буд.
Чароғи боми шоми манзилам буд.
Сари болову рӯи бардами ман
Зи ёри меҳрубону хушгилам буд.

Диламро дилбару дилогаҳе нест,
Раҳамро раҳнишону ҳамраҳе нест.
Ба боғистон садои чаҳ-чаҳе нест,
«Ба кӯҳистон танини қаҳ-қаҳе нест[1]».

Агар ки бигзарам аз ин ҷаҳон боз,
Худо, рӯҳи маро шаҳбоз месоз.
Ба рӯи қуллаҳои кӯҳу дарё –
Кунам дар осмони Рашт парвоз.

Дили бесабру пое рафт аз ман,
Гули дерошное рафт аз ман.
Сар омад зиндагиву барнаомад,
Ба ҷурми як хатое рафт аз ман.

Манам он Ораши ишқи камонгир,
Занам то охири дунё яке тир.
Нишони сарҳади ишқ ар биҷӯед,
Варо аз Каҳкашон ҷӯед охир.

Зи тоҷикӣ дариву форсӣ ҷӯй,
Ки ин серо бувад бешак яке рӯй.
Аз ин се дона гул ояд яке бӯй,
Якеро се магӯ, серо яке гӯй.

1. Мисраъ аз Сиёвуши Касроӣ.

# МУНДАРИҶА

**Сурӯши сухан** (достон) ........ 3
**Ҳамосаи ҳазораи орёӣ** (манзума) ........ 42

**Шеърҳо**
Тоҷикистон ........ 49
Тоҷик ........ 50
Меҳани мо ........ 52
Ин Орёност ........ 53
Паёми раҳнамо ........ 55
Ваҳдат ........ 56
Тоҷикистон ........ 56
Ориёно – Тоҷикистон ........ 57
Муҳовараи тандиси Нусратулло Махсум ........ 58
Шаҳсутуни хонадони тоҷикон ........ 58
Забони форсӣ ........ 59
Чароғҳои Роғун (силсила) ........ 60
Расули шеър ........ 68
Шоиру халқу милал ........ 70
Ба ҳам оем ........ 72
Гиряи оби кабуд ........ 74
Гиристам ........ 75
Китоб ........ 76
Одамият ........ 78
Барои академик Ғиёсиддини Меъроҷ ........ 79
Ғазале дар радифи номи сурудҳои Зафар Нозим ........ 80
Барои Кимиё ........ 81
Барои Ибодулло Машраб ........ 81
Андеша ........ 82
Хоҷа Оби Гарм ........ 83
Новобод ........ 83
Аҷуза ........ 84
Соат ........ 84
Хонаи ту ........ 84

Ман ........ 85
Ӯ пойҳои худро ........ 85
Мӯйсафед ........ 86
Номаи муҳоҷири Россия ........ 88
Саҳна ........ 90
Бачаҳо ва моҳичаҳо ........ 91
Сабзпарӣ ........ 92
Бе ишқ мондам ........ 93
Ту дар гулӯи манӣ ........ 94
Ҷои ҷон ........ 95
Хуни ҷосус ........ 96
Инқилоби сабз ........ 98
Зиндагиву орзу ........ 99
Кистам ман? ........ 100
Гузар кардам даме аз хоки фарзанд ........ 101
Бори дигар бубинам, эй кош, рӯи Беҳрӯз ........ 103
Шарифхони ман ку? ........ 103
Аҳрор намебинам ........ 104
Дар андӯҳи дӯсти ҷавонмаргам эшони Абулҳай ........ 105
Бо ман ........ 106
Боғбони пир ........ 107
Дар хоби сахт бигзашт ........ 108
Меравам инак аз ин шаҳр ........ 108
Шеъри сабз ........ 109
Ғазалгуна ........ 111
Дил ........ 112
Беди маҷнун ........ 113
Манзара ........ 113
Орзуи пир ........ 114
Эй шаби хуш ........ 115
Ҳар кӣ мегӯяд, бигӯяд боқило ........ 115
Ибодат ........ 116
Фориғу осуда андар хоби рангин ........ 117
Яке танҳои чун перояи ман ........ 118
Манӯшон ........ 118
Эй нимаи дил ........ 119

Дар ин дурӯза дунё боз о, ба ҳам нишинем ............... 120
Ҳар лаҳзае ошиқтарам ............................................... 120
Соқинома ........................................................................ 121

**Ғазалҳо** ........................................................................ 127

**Бозгашти баҳор** (намоишнома) ................................ 137

**Рубоиёт**
Омӯзгори рӯзгор ........................................................... 162
Андешаҳои умр ............................................................ 166
Забони тоҷикӣ ............................................................... 219
Мутоибот ....................................................................... 224
Ниёиш ............................................................................ 228
Сарзаминҳои бобоӣ ..................................................... 236
Обу рӯшноӣ .................................................................. 257
Гулхӯша ......................................................................... 267

**Мӯҳтарам Ҳотам**

**СУРӮШИ СУХАН**

*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Шаҳриёр Давлатов*

Ба матбаа 29.05.2009 супорида шуд.
Ба чопаш 03.06.2009 имзо шуд. Андоза 84х108 1/32.
Ҷузъи чопӣ 8,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218.